ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ЉУМЊУРИИ ТОЉИКИСТОН
ДОНИШГОЊИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИКТИСОДИ ТОЉИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯ ВА ҚАРЗ
КАФЕДРАИ КОРИ БОНКӢ

Лексия аз фанни
«Технологияҳои молиявӣ дар кори бонкӣ, суғурта ва идоракунии дороиҳо».
(Fintech in banking, insurance and asset manegement)
барои донишљўёни ихтисоси равияи кори бонкӣ

The Data entrepreneurship in action work papers is developed in the framework of ERASMUS+ CBHE project "Digitalization of economic as an element of sustainable development of Ukraine and Tajikistan" / DigEco 618270-EPP-1-2020-1-LT-EPPKA2-CBHE-JP

This project has been funded with support from the European Commission. This document reflects the views only of the author, and the Commission cannot be held responsible for any use which may be made of the information contained therein.

Мураттиб: асистент., Сайфиддинов Ф.Ш.

Душанбе – 2021

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Мундарича

Муқаддима

Боби 1. Зарурат ва аҳамияти инноватсия дар бонк

1.1.Механизмҳои асосии гурӯҳбандии инноватсияи бонкї

1.2.Ҷараён ва аҳамияти навоварињо дар бонк

1.3.Ташкили фаъолияти навоварињо дар бонк

1.4.Принсипҳои идоракунии инноватсия дар фаъолияти бонкӣ

1.5.Саволҳо барои назарсанҷї

Боби 2. Маркетинги инноватсионї дар соҳаи хизматрасониҳои бонкї

2.1.Аҳамияти маркетинги хизиатрасониҳои бонкї

2.2.Наќши маркетинг дар бартараф намудани хатарҳои бонкї

2.3.Шакл ва намудҳои раќобати бонк

2.4. Маљмӯи маркетинг дар бонки тиљоратї ва љузъҳои асосии он

2.5.Саволҳо барои назарсанҷї

Боби 3. Хизматрасонии фосилавии бонкї ва асосҳои њуќуќии фаъолияти он дар шароити муосир

3.1.Маќсад ва моҳияти хизматрасонии фосилавии бонкї

3.2.Асосҳои њуќуќї ва назорати хизматрасонии фосилавии бонкї: бехатарии иљрои амалиёт

3.3. Барномаи хабардоркунии муштарӣ ва дастрасӣ ба хизматрасонии бонкї

3.4. Муносибатҳои шартномавии бонкҳои тиљоратї бо мизољон

3.5. Саволҳо барои назарсанҷї

Боби 4. Интернетбонк ва аҳамияти он дар ташкили сатҳи даромади бонкҳои тиљоратї

6.1. Зарурат ва аҳамияти таърихии шабакаи Интернет дар љамъият

6.2. Зарурат ва маќсади омӯзиши интернетбонк дар фаъолияти бонкҳои тиљоратї

6.3. Методологияи истифодаи интернетбонк ва афзалиятҳои он дар низоми бонкї

6.5. Саволҳо барои назарсанҷї

Боби 5. Технологияҳои иттилоотї ва хизматрасонии эквайрингї дар фаъолияти бонкї

5.1. Мавќеи технологияҳои иттилоотї дар низоми муносибатҳои молиявию иттилоотї

5.2. Маќсад ва моҳияти хизматрасонии эквайринг

5.3. Эквайринг ќабули пардохти кортҳои пластикї дар муасиссаҳои савдо ва хизматрасонї

5.4. Низоми нави «Бонк-мизоҷ» ва бартариятҳои он дар фаъолияти бонкї

5.5. Саволҳо барои назарсанҷї

Боби 6. Њисоббаробаркунии байнибонкї ва аҳамияти он дар шароити муосир

6.1. Маќсад ва моҳияти њисоббаробаркунии байнибонкї

DigEco

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

6.2. Њисоббаробаркунии байнибонкї бо истифодаи њисоби муросилотї дар бонки марказї (миллї)
6.3. Њисоббаробаркунии байнибонкї дар њолати мављудияти муносибатњои муросилотй.
6.4. Моњият ва гурўњбандии њисобњои муросилотї
6.5. Њисоббаробаркунии дохилисистемавї дар бонкњои тиљоратї
6.6. Саволњо барои назарсанљї

Боби 7. Њисоббаробаркунињои электронї ва анљамияти он дар низоми бонкдории муосир

7.1. Њисоббаробаркунии электронї ва анљамияти он
7.2. Бартариятњои њисоббаробаркунињои электронї
7.3. Пардохтњои электронї ва мавќеи онњо дар низоми њисоббаробаркунињо
7.4. Бизнеси электронї дар низоми бонкї
7.5. Саволњо барои назарсанљї

Боби 8. Асосњои њуќуќии низоми пардохтњои Љумњурии Тољикистон ва сохтори он

8.1. Мазмун ва моњияти низоми пардохтї
8.2. Ташкили њисоббаробаркунї ва пардохтњои байнибонкї
8.3. Танзим ва назорати низоми пардохтњои байнибонкї
8.4. Саволњо барои назарсанљї

Боби 9. Низоми пардохтї ва роњњои асосии мукаммалгардонии он дар Љумњурии Тољикистон

9.1. Ќисматњои асосї ва сохтори низоми пардохтии Љумњурии Тољикистон
9.2. Сохтори низоми пардохтии Љумњурии Тољикистон
9.3. Амалиёти пардохтї ва тањлили гардиши онњо дар сохтори бозорї
9.4. Саволњо барои назарсанљї

Боби 10. Интиќоли маблаѓњо ва анљамияти он дар Тољикистон

10.1. Моњияти интиќоли маблаѓњо дар Љумњурии Тољикистон
10.2. Низоми интиќоли маблаѓњои пулї ва шаклњои он
10.3. Пешнињодот барои кори мустаќилона

Боби 11. Системаи байнибонкии умумиљањонии SWIFT ва самаранокии кори он дар фаъолияти бонкї

11.1. Маќсад, мазмун ва моњияти истифодаи шабакаи SWIFT
11.2. Системаи байнибонкии умимиљањонии SWIFT
11.3. Аъзоёни шабакаи SWIFT ва тартиби истифодаи он
11.4. Саволњо барои назарсанљї

Боби 12. Маќсад, вазифањо ва мазмуни фан. Мавќеи суѓурта дар

иқтисоди бозорї.

12.1.Вазифањои асосии фанн. Моњияти иқтисодии суѓурта.

12.2.Маќсад, вазифањо ва мазмуни фанн. Мавќеи суѓурта дар иқтисоди бозорї.

12.3. Суѓурта- категорияи иқтисодї. Функсияњои суѓурта.

12.4. Таснифи суѓурта. Системањои суѓурта. Принсипњои суѓуртаи њатмїва ихтиёрї

12.5. Ташкили фаъолияти суѓуртавї

12.6. Бозори суѓурта ва сохтори он

Боби 13. Шаклхои ташкилии сугурта дар шароити иктисоди бозорй.

13.1. Шаклњои ташкилии суѓурта дар шароити иқтисоди бозорї

13.2. Гуногунии ширкатњои суѓуртавї, ки дар доираи бозори суѓурта фаъолият мекунанд

13.3. Баќайдгирии ташкилотњои суѓуртавї ва иљозатномадињї барои фаъолияти суѓуртавї

Боби 14. Тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди

14.1. Тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо”

14.2. Таснифи карзхо

14.3. Таснифи ягона

14.4. Овердрафт (Изофабардошт)

14.5. Аз нав тасниф кардани карзхо ва тачдиди карзхо

Боби 15. Гирифтани молу мулки тахти гарав карор дошта аз руи карзхои боэтимод ва таснифи онхо.

15.1. Гирифтани молу мулки тахти гарав карор дошта аз руи карзхои беэтимод ва таснифи онхо.

15.2. Ҳисоб намудани фоизхо, фоизхои пардохтнашуда аз руи карзхо

15.3. Ташкили фонд аз руи карзхои гайрифаъол.

15.4. Ташкили фонд аз руи дигар дороихои гайрифаъол

15.5. Ташкили захираи хавфхои карзй

15.6. Ташкили захираи хавфхои карзй

15.7 Истифодаи фонд

15.8. Тартиби аз хисоб баровардани карзхо аз хисоби фонд

16. Номгуи адабиёти њатмии истифодашаванда

Муқаддима

Фанни «Технологияҳои молиявӣ дар кори бонкӣ, суғурта ва идоракунии дороиҳо» дар байни фанњои тахассусӣ ва иқтисодӣ њатмї буда, ба барномаи тайёр намудани мутахассисон аз рўи ихтисоси иќтисодї ворид карда шудааст.

Технологияҳои молиявй дар кори бонкй иқтисоди бозорї сохтори муњим ва људонашавандаи механизми идоракунии иқтисодиёти њар гуна давлат ба шумор меравад. Пас аз соњибистиқлол гардидани Љумњурии Тољикистон, њукумати љумњурї ба инкишофи бонкњо ва низоми бонкии мамлакат диққати љиддї зоњир намуд. Бонкњо ташкилоте мебошанд, ки барои љалби амонатњо ва дигар воситањои пулї бо мақсади истифодаи онњо барои қарздињї бо шарти баргардонидан, музднокї, мўњлатнокї, њамчунин барои амалї намудани њисобњо бо супориши мизољон, ташкил шудаанд. Бонк шахси њуқуқї буда, фаъолияти худро мувофиқи қонунњо, њуљљатњои меъёрї ва оинномаи худ ба роњ мемонад.

Бонкњо дар асоси њамагуна шакли моликият (аз љумла бо љалби сармояи хорилї) ташкил карда мешаванд.

Бонк чун корхонаи хос мањсулоте истењсол менамояд, ки аз мањсулоти дар соњаи истењсолоти моддї истењсолшаванда фарқ мекунад. Бонк моле истењсол менамояд, ки шакли воситаи пардохтиро дорад.

Аз ин рў, донишро дар бораи бонкњо чуни илм ва чун фанни таълимї дар бораи усулњои амалии татбиқ ва танзими гардиши пардохтї дар шакли нақдї ва ғайринақдї, муайян намудан мумкин аст.

Мақсади омўзиши фанни «Технологияҳои молиявй дар кори бонкї, суғурта ва идоракунии дороиҳо» ба донишљўён омўзонидани донишњои назариявї ва малакањои амалї оиди ташкили фаъолияти бонкњои тиљоратї, ҳифзи амволҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъй бо ёрии ширкатҳои суғуртавй тасавур кардан ғайри имкон буда ва муносибатњои тарафайни байни бонкњо ва қоидањои асосии фаъолияти бонкї мебошад.

Шахсони воқей ва ҳуқуқи бошанд аз хавфҳои гуногун эмин нестанд ва ҳимояи суғуртавиро талаб мекунанд.

Омўзиши фанни «Технологияҳои молиявӣ дар кори бонкӣ, суғурта ва идоракунии дороиҳо» ба донишљўён имконият фароњам меорад:

- моњияти бонкро аз мавқеи инкишофи таърихии он, чун унсури низоми бонкї фањмида, мазмуни истилоњи дар амалияи бонкї истифодашаванда, механизми ташкили захирањо ва даромадњои бонк, омилњое, ки бозоргирї ва пардохтпазирии бонкњои тиљоратиро муайян мекунанд, меъёрњои қобилияти қарзпардозии корхонањои калон ва миёна, њамчунин мизољони алоњидаро дониста гирад;

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

- донишњои назариявиро дар соњаи фаъолияти бонкї дар амал истифода намуда, тамоюлњои асосии инкишофи низоми бонкии Љумњурии Тољикистонро муайян карда, асосњои гардиши пардохтї, масъалањои ташкили њисобњои ғайринақдї, њисобњои байнибонкї, қарздињии шахсонии њуқуқї ва воқеї, тарзи истифодаи фоизњои бонкиро тадқиқ намояд;
- оиди алоқаи тарафайни фанни мазкур бо дигар фанњои омўхташаванда (умумиихтисодї ва махсус), дар бораи тамоюлњои асосии инкишофи таърихии низоми бонкї, оиди мањсулоти нави бонкї, дар хусуси самтњои асосии инкишофи илми бонкї тасаввурот дошта бошад;
- Омузиши фан ба донишҷуён, донишҳои назариявӣ амалӣ ва раванди ташкилии фаъолияти суғуртавиро дар хифзи саломатӣ ва амвол меомузонад;
-Донишҷу имконият дорад, ки раванди таълим аз фанни мазкур муаммоҳои муосири суғурта таҳлил ва мутобиқсозии хизматрасонии суғуртавиро дар шароити имруза омузад;
- Шароити буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ иникосгари он аст, ки донишҷуён омузиши фани суғуртаро дар сатҳи зарурӣ аз худ намоянд.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Мавзӯи 1. Зарурат ва аҳамияти инноватсия дар бонк

1.1.Механизмҳои асосии гурӯҳбандии инноватсияи бонкї
1.2.Љараён ва аҳамияти навоварињо дар бонк
1.3.Ташкили фаъолияти навоварињо дар бонк
1.4.Принсипҳои идоракунии инноватсия дар фаъолияти бонкӣ
1.5.Саволҳо барои назарсанљї

1.1.Механизмҳои асосии гурӯҳбандии инноватсияи бонкї

Инноватсия љараёни бисёртарафаи фаъолияти бонкї буда, дар он тамоми нишондињандањои наву афзалиятдор инъикос карда мешаванд. Дар айни замон вазъияти раќобатї дар бозорњои молиявї афзун гардида истодааст. Сарфи назар аз он ки низоми бонкї дар љањон то њол дар оѓози роњи такмилдињї аст, талабот ба хизматрасонии молиявї дар сатњи паст ќарор дошта, бонкњо ба зарурати барои љалби муштарї талош кардан дучор меоянд. Даромади соњаи бонкї бошад, аз њисоби инноватсия мувофиќ бо шароити имрӯза он ќадар устувор нест.

Мувофиќи мунтазам таѓйир ёфтани шароити фаъолият њар як бонк њамчун иштирокчии комили бозор маљбуран бояд роњњои ташаккули ташаббускорї ва љараёни дохилиташкилии инноватсионї дар мадди назар ќарор медињад. Табиатан, чунин љараён на бояд ѓайримуташаккил гузарад ва онњо бояд ба таври системавї дар доираи стратегияи такмилёфтаи инноватсионї амалї гарданд, ки ќисми стратегияи умумии рушди бонк мебошанд.

Интихоби њар як стратегия, ба мисли фаъолияти инноватсионї њама ваќт бунёди механизмњои инфиродии ташкилию хољагиро дар бар гирифта, амаликунии онро таъмин менамояд. Тамоюл, хусусияти фаъолият ва сохтори бунёди он бештар аз хусусияти љараёни инноватсионї вобаста аст, ки бо типологияи навоварињо дар љараёни фаъолияти инноватсионии бонк афзалиятдор мегарданд. Аниќ муайян намудани маќсад ва натиљањои фаъолияти инноватсионї, таснифи пурраи навоварињо ва дар амал дуруст љорӣ намудани онњо маќсади асосї мебошад.

Такмили чунин таснифот љараёни арзишнок ва комили мавзӯи тањќиќотро дар соњаи инноватсияи бонкї таъмин карда, ба муайян намудани робитаи дутарафа ва муносибатњои гурӯњ ва шаклњои гуногуни инноватсияи бонкї имконият медињад. Ба ѓайр аз ин, љорї намудани таснифи сохторишудаи навоварињо ба муайян кардани интихоби стратегияи аниќ ё ки тарзи бунёди механизми иќтисодї ва ташкилию идоракунии шакли фурӯш ва њаракати мањсулоти бонкї имконият медињад, ки онро дар шаклњои инноватсия муайян карда шавад.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

1.2.Ҷараён ва аҳамиёти навоварихо дар бонк

Инноватсияи реактивї ба стратегияи дифоии аз љониби бонк гузаронидашуда тааллуќ дорад ва барои бењбудбахшии ташкилоти ќарзї дар бозор равона карда шуда, сањми бонкро тавассути навоварӣ дар бозори раќобат пурзӯр мегардонад. Дар ин њолат бонк маљбур аст фаъолияти инноватсиониро барои таъмини бењбудии худ дар бозори раќобат ба амал орад.

Навоварињои стратегї асосан ба пешгирї кардани зарурати таљдиди инноватсионї нигаронида шудаанд, маќсади асосии он дарёфти афзалиятњои муйяни раќобат ва дурнамост. Мисоли чунин инноватсия дар айни замон татбиќи системаи комплексии идоракунї дар њисоб ва пешнињоди маљсулот ба муштариёни худ мебошад.

Нишон додани робитаи дутарафаи харољотњо ва самаранокии инноватсияи бонкї зарур буда, сањми бонкро дар масъалаи рушди хизматрасонї мустањкам мегардонад. Њангоми амалї намудани инноватсияи реактивї (нигар ба расми 1) њолате мушоњида карда мешавад, ки аз љониби ташкилоти ќарзї - раќиб инноватсияи даровардашуда стандарти самаранокро ба сатњи дигар, ќаблан баланд эътирофшуда мегузаронад. Барои подоши «ќафомонии» ба вуљудомада бонк зарар дида, вазифадор аст, ки таљдиди љараёни технологї ё ки спектри маљсулоти пешнињоддшударо барои ба даст овардани таносуби нави харољотњо ва самаранокї дар мадди назар ќарор дињад.

Љараёни амалишавии инноватсияи реактивї

Дар натиљаи гузаронидани инноватсияи стратегї (расми 2) стандарти нави мусоиди самаранокї (дар ин њолат боз ояндадор) аз љониби бонк ќабл аз раќибони вай бо харољотњои муайяни камкардашуда ба даст оварда мешавад. Зимнан дар њолати амалишавии навгонињои стратегї ташкилоти ќарзї ба мавќеи нави раќобат пешбарї карда мешавад, ки бо шарофати ин ба љониби барои вай мусоид мавќеи вай дар бозор иваз мешавад.

Љараёни амалишавии инноватсияи стратегї

Яке аз чунин инноватсияҳо дар давраи гузариши бонк ба системањои пардохти байналхалќии Visa International MasterCard International ва ѓайраҳо барои эмиссия кортњои хусусии пластикї сабаб шуданд, ки дар он давра воситаи маъмули пардохт буд. Аз рӯи мавќеи фаъолияти бонк инноватсияро ба гурӯњњои асосї ва таъминкунанда људо намудан мумкин аст. Инноватсияи асосї ќисми асосии фаъолияти инноватсионии бонкро дар бар мегирад, зеро ки муваффаќияти он дар бозор бевосита аз пешнињоди сифати маљсулот ва

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

хизматрасонї вобаста аст. Дар дохили инноватсияи асосї инчунин ду категория: инноватсияи хусусї ва инноватсияи бозориро људо намудан мумкин аст.

Инноватсияи хусусї маљз бо фароҳамсозии маљсулоти нави бонкї, такмили хизматрасонии нав ва инчунин бо њаракати онњо дар бозор алоќаманд аст. Инноватсияи бозорї маљмўи тадбир ва чорабинињоеанд, ки барои муттањидгардонӣ барои фурўши маљсулоти дар бозор навофаридашуда ва кушодани соњањои нав имконият мединањанд.

Мисоли инноватсияи категорияи якум эмитатсиякунонї ва тавсияи векселњои хусусї аз љониби бонк ва пешниҳоди онњо ба муштариёни худ њамчун роњи нави амонат шуда метавонад. Категорияи дуюми инноватсия истифодаи векселњои хусусии бонкро дар наќшањои њисобии занљираи истеҳсолї дар бар мегирад, ки ба самт гирифтани маљсулоти маљмули бонкї ба бозори нави муштариёни соњаи муайян имконият мединањад, ки то ин љониб дар муомила асбобњои маљсулии молиявї надоштанд.

Инноватсияи таъминкунанда наќши дуюмдараљаро мебозад, зеро ки онњо бевосита бо вазифањои асосии ташкилоти ќарзї алоќаманд нестанд. Ин гурўњи инноватсия хусусияти технологї дошта, ислоњоти инноватсионии сохтори идоракунанда, усули ташкили љараёни асосии истеҳсолї, яъне љараёни хизматрасонї ва фурўши маљсулоти бонкї ва такмилдињии технологияи бонкиро дар бар мегирад.

Дар ин љо ќайд намудан зарур аст, ки чунин таќсимкунї афзалияти инноватсияи асосиро дар назди инноватсияи таъминкунанда нишон мединањад. Чӣ тавре ки маълум аст, ин њаќиќат боиси он гардидааст, ки муваффаќияти њар як бонк бо мављуд будани талаботи зиёди босубот ба хизматрасонї ва маљсулоти пешниҳодшуда муайян карда мешавад. Дар натиља ин хусусияти бозор њамаи љараёни идоракуниро танњо мувофиќи стратегияи аз љониби бонк интихобшуда ба вуљуд меорад, ки дар навбати худ тањлили муњити атрофи бозор ба роњ монда мешавад.

Принсипи навбатии таснифоти навоварињои бонкї ин аз рўи иќтидори инноватсионї таќсимкунии онњо мебошад. Инноватсияро ба чунин гурўњњо људо мекунанд:

- ✓ Инноватсияи ќатъї, ё ки дар баъзе њолат онро базавї њам меноманд, ки татбиќи намудњои нави принсипиалии маљсулот ва хизматрасонии бонкї, истифодаи технологияҳои нави босифати татбиқкунии онњо ва истифодаи усулњои комилан нави идоракуниро дар назар доранд;
- ✓ Инноватсияи комбинаторї, яъне истифодаи аксари љузъи маљмўии гуногунро дар назар дорад (иттињоди технологияҳои гуногуни хизматрасонї ба як гурўњи комплексї, ки дар бозор њамчун самараи ягона пешниҳод мегардад);

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

✓ Инноватсияи таѓйирдињанда - барои даровардани таѓйиротњои зарурї ва иловагї ба маљсулотњои бонкии ќаблан вуљуддошта ва дароз кардани давраи њаётии онњо (додани кортњои иловагии дисконтї ё ки суѓуртаи амонатњо њангоми додани кортњои пластикї) истифода мебаранд.

Таносуби шумораи гурўњњои дар боло номбаршудаи инноватсия дар фаъолияти ташкилоти ќарзї барои тањлили таѓйиротњои муайян, инчунин базаи асосї ва моддию техникии бонк ањамияти бевосита доранд. Навоварињои ќатъї арзиши калон доранд, зеро ки самараи хеле зиёдро доро буда, ба механизми фаъолияти ташкилоти ќарзї як омили навро дохил мекунанд. Ба ин гурўњи инноватсия татбиќи системаи CRM (Customer relationship management), яъне системаи идоракунии муносибатњои муштариён дохил мешавад, ки ба тасниф ва назорати куллии љараёни муносибатњои бонкро бо муштариён имконият медињад.

Аммо дар аксари њолатњо инноватсияњое бартарї доранд, ки ба ду гурўњи охир тааллуќ доранд. Онњо ба мисли гурўњи якум таъсири калон надоранд, вале таъсири дутарафаи онњо на он ќадар муњим аст, зеро ки вазифаи асосии инноватсияи комбинаторї ва таѓйирдињанда мувофиќи њолати њозираи бозор ва бо маќсад ва вазифањои ивазшаванда ислоњ ва мутобиќкунии ислоњоти ба вуљудомада ва татбиќи ислоњоти базавї мебошад.

Бар замми ин, инноватсияи таѓйирдињанда ва такмилдињанда, инчунин як навъ таъсири «боздоранда» мерасонанд. Онњо бањри дароз кардани давраи њаётии ин ё он маљсулоти бонкї љорї шудаанд, ки ќаблан тадриљан шиддатёбанда ва наву принсипиалї буда, айни замон кўњнашуда мебошанд.

Хусусияти механизми амаликунї мављуд будани гурўњњои зерини инноватсияи бонкиро муайян мекунанд:

Зергурўҳи 1:

- ягона, яъне навоварињое, ки танњо дар як бахши људокардашуда ба амал меоянд. Масалан, тањияи усули нави ќарздињї ба корхонањои соњаи саноат;

- омехта, маљз навоварињое, ки ќобилияти кўчиши байни бахшњои гуногуни фаъолияти бонкї, яъне истифодаи як маљсулоти барои соњаи муайяни корхонаљо махсус офаридашударо ба дигар соњаљо дар бар мегирад.

Зергурўҳи II:

- мукаммал - гузаштани даври пурраи љараёни инноватсиониро дар назар дорад;

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

- нотамом, яъне инноватсияест, ки љараёни ба вуљуд омадани онњо дар ягон давраи фосилавї аз сабаби паст ё нест шудани талабот дар офаридани навоварињо, таѓйири шароити бозор њаракати минбаъдаи мањсулоти нав ё хизматрасониро ѓайри ќобили ќабул мегардонад.

Зергурӯҳи III

- бобарор, ё ки инноватсияест, ки самаранокии татбиќ ё ки истифодаи онњо баробар ё ки аз њисоби баланд аст;

- нобарор, яъне инноватсияест, ки татбиќи онњо нисбати нишондињандаи њисобї самараи кофї надодааст.

Таќсимкунии инноватсияи бонкї аз рӯи принсипи муносибат нисбати ќаблӣ ба људо намудани категорияњои зерини навоварињо имконият медињад:

- ивазкунанда, яъне чунин инноватсияест, ки пурра баровардани мањсулот ё ки технологияҳои кӯњнашударо дар назар доранд ва бо ин иљрои пурра ва самараноки вазифаи ивазкунї таъмин карда мешавад (масалан, баровардани маблаѓи пули наќд аз гардиш ва иваз намудани онњо бо воситањои пардохти электронї - кортњои ќарзї ва дебетї);

- бекоркардашуда, он навоварињое, ки бо истиснои тартибот алоќаманд буда, мављудияти онњо бо иљрои ягон амалиёт муайян шудааст (мисоли чунин шакли инноватсия ин пайдо шудани системаи идоракунии фосилавї бо њисоб тавассути воситањои электронии алоќа мебошад, ки зарурати пайдоиши њаррӯзаи муштариро дар бонк барои иљрои пардохт кам мекунад).

Аз рӯи дараљаи таъсир инноватсияро ба инноватсияи нуќташакл ва системавї људо мекунанд. Навоварињои нуќташакл дар њолати ѓайримуќаррарии такмилдињии технологияҳо дар ќитъаи алоњидаи кор љой доранд. Онњо одатан харољоти калони моддиро талаб наменамоянд ва бо баланд бардоштани самаранокии як-ду амалиёт алоќаманд буда, ба љараёни истењсол таъсири калон намерасонанд. Навоварињои системавї таѓйири њамаи сохтори муносибатњои истењсолиро муайян мекунанд. Масалан, оѓози истифодаи техникаи компютерї ва шабакањои мањдуди њисоббарор дар кори бонкї дар гузашта, ки кори ташкилоти ќарзиро тамоман таѓйир дода, суръати њисоббаробаркунињоро тез ва арзон намуд, эътимоднокии амалиётњои бонкиро афзоиш дод, инчунин харољоти мењнатро хеле кам намуд.

Аз рӯи дараљаи навоварињо инноватсияи бонкї ба нав ба вуљудомада ва бо роњи нави истифодаи мањсулоти мавҷуда бунёдгардида људо мешаванд, ё ки онњоро боз ба инноватсияњои бо кашфиётњои нав асосёфта алоќаманд медонанд, ки дар соњаи бонк на он ќадар босуръатанд.

Чӣ тавре ки дар боло гуфта шуд, онњо асосан бо таѓйиротњои њаматарафа дар системањои муносибатњои истењсолї алоќаманд буда, дар

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

натиљаи пайдоиши технологияҳои нав дар дигар соњањо ба вуљуд меоянд. Инноватсияњои бонкии нав ба вуљудомада танњо дар њолати таѓйиротњои њаматарафаи њамаи системаи бонкї татбиќ ёфта, боиси мавќеи устувори бонк дар кўшиши машѓул намудани бахши муайян бо ёрии пешнињоди мањсулоти нави принсипиалї ва тартиби хизматрасонии муштариён мегардад. Хизматрасонии интернет-трейнинг мисоли муфассали ин намуди навоварињо шуда метавонад, ки хеле маъмул гаштааст.

Инноватсияњои бонкї, пеш аз њама, ба баландбардории сифати истифодабарї ва нишондињандаи самаранокии мањсулот ва хизматрасонии аллакай дар бозор маъмулгашта равона карда шудааст.

Мисоли классикии чунин намуди навоварињо амаликунии мањсулоти чандпањлўња шуда метавонад, масалан њар намуди ќарздињї якљоя бо дигар намуди хизматрасонї аз азал бо якдигар алоќаманд набуданд. Мафњуми ќарз кайњо боз маъмул аст, вале баъдтар пайдо шудани хизматрасонии факторинг ва лизинг (иљозатнома), бевосита бо додани корт муошират накарда, дар асоси худ ќарзи пардапўш доранд.

Таснифоти инноватсияи бонкї аз рўи хусусияти талаботи ќонеъшуда онҳоро ба инноватсияњои бо ќонеъгардонии талаботи вуҷуддошта алоќаманд ва инноватсияњои барои ба вуљуд овардани талаботњои нав равона кардашуда људо мекунад. Қисми асосии навоварињои аз љониби ташкилотњои ќарзї амалишаванда ба ќонеъ намудани талаботи мављуда равона карда шудаанд.

Зарурати мизољњои ба воситањои ќарз пайдошуда бонкњоро водор месозад, ки наќшањои гуногуни ќарздињиро такмил дињанд ва вусъатдињии фаъолияти савдои хориљї боиси афзоиши пешнињоди наќшањои гуногуни њисоббороријои байналхалќї мегардад. Аксаран ташаббуси ягон ислоњоти инноватсионї дар ин њолат ба муштариёни ташкилоти ќарзї асос меёбанд, ки талаботњои худро монанд намуда, ба бонк мурољиат менамоянд ва ба такмили технологияҳои муайяни хизматрасонї ё ки мањсулоти нав роњ медињанд.

1.3.Ташкили фаъолияти навоварихо дар бонк

Навоварї мувофиќи стандартњои байналхалќї њамчун натиљаи нињоии фаъолияти навовариест, ки дар мањсулоти нав ё такмилдодашуда ва ба бозор пешниҳодгардида, љараёни технологии нав ё ташкилонидашудаи амалкунанда, ё ки равияи нави истифодаи хизматњои иљтимої муайян карда мешавад. Хусусиятњои асосии навоварї навигарии илмию техникии истифода, истењсол ва ба фурўшравии он мебошад.

Инноватсияњое, ки ба офаридани талаботи нав равона карда шудаанд, бенињоят камёбанд, зеро ки аз бонк иќтидори муйяни эљодї ва сармоягузорї

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

талаб менамоянд ва бо натиљањои тањќиќоти сотсиологии љиддию маркетингї таќвият дода шудаанд. Ба ѓайр аз ин, ин зергӯҳи инноватсия хавфу хатари нобарории тадбирњои гузарондаро дар њолати мукаммалии нокифояи маълумот дар бар мегирад, ки ин маълумотњо дар натиљаи тањќиќи бозор ва хато будани ќарори ќабули роњбарикунанда гирифта шудааст.

Дар ин мавриД тасвир намудани ќисми инноватсияи бонкї нисбати такмилгар зарур аст. На њама бонк дар сохтори худ таќсимкунӣ дорад, ки тавонад бо тањќиќотњои маркетингї, тањлили маълумоти воридшуда, инчунин коркард ва пешниҳоди мањсулоти нави бонкї ё ки љараёни технологї касбан машѓул бошад. Шумораи барзиёди корхона ва ширкатњо маҷуданд, ки фаъолияти касбии онњо бо пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба тањлили системавї дар асоси натиљањои тањќиќотњои гузарондашуда ва генератсияи фикру андешањо доир ба офаридани шакли нави хизматрасонї, технологияҳои амалиёти бонкї ва ѓайра алоќаманд аст.

Хизматрасониҳои чунин ташкилотҳоро истифода бурда, бонкҳо мавҷудияти ду гурӯҳи навоварињоро муайян мекунанд: навоварињое, ки бо ќувваи худ омода шудаанд ва навоварињое, ки аз такмилгари беруна ба даст омадааст, яъне навоварии «фармуда».

Мањз дар натиљаи мавҷуд будани иќтидори хусусї дар ташкилоти ќарзї барои коркард ва татбиќи инноватсия, инчунин омехтагии кифояткунандаи инноватсияи бозор ва мањсулот зарурати људо намудани навоварињо аз рӯи ваќти пайдоиш ба вуҷуд меояд:

- инноватсия-сарварон, яъне инноватсияњое, ки аз љониби бонк мустаќилона татбиќ шуда, танњо нишондињандаи хеле ноаниќ, њисоби нобарорї доранд. Ин шакли инноватсия барои соњаи татбиќкунии навоварињои комил доранд, ки дар њолати коркарди бобарор метавонад боиси дар бонк пайдо шудани афзалиятњои муайяни раќобатї гардад.

-инноватсия-пайравон, ё ки навоварињое, ки аз љониби ташкилотњои ќарзї бо логини муайян дар ваќт баъди татбиќи гурӯњи пешинаи инноватсия хоњиши нигоњ доштани афзалиятњои раќобатї ба амал меоянд. Чунин инноватсияњо хусусияти хатарнок доранд, зеро ки таъсири бозор ба онњо аллакай падидор шуда буд.

Бештар бо гурӯњњои тасниФшуда инноватсия аз рӯи амиќии таѓйиротњои дар љараёни фаъолият даровардашуда дар шакли зайл таќсимбандӣ мешавад:

✓ Инноватсияи сифрї, ба таљдид ва нигоњ доштани сифати система алоқаманд аст (иваз намудани намояндагони алоњидаи њайати ташкилоти ќарзї, объектњои алоњидаи базаи моддию техникї барои нигоњ доштани вазифаи бонк дар сатњи аввалиндараља);

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

- ✓ Инноватсияи якум, таѓйиротњои миќдории ба система даровардашударо дар бар мегирад (вусъатдињии ин ё он ќисми ташкилоти ќарзї барои бењсозии сифати хизматрасонї аз њисоби афзоиши «иќтидори истењсолї»);
- ✓ Инноватсияи дувум, ки дар љараёни онњо аз нав гурўњбандии ќисми таркибии система ба вуљуд меояд (таѓйиротњои сохторї дар доираи як ташкилоти ќарзї, якшавии ќисмњои алоњидаи сохторї, људо намудани ќисмњои нав бо маќсади баландбардории натиљаи функсионалї);
- ✓ Инноватсияи севум - таѓйироти љузъњои сохтории мутобиқшавиест, ки барои бењсозии таъсири амалии ќисмњои алоњидаи ташкилотњои ќарзї ба якдигар ва аз нав таќсимкунии вазифањо байни онњо равона гардидааст;
- ✓ Инноватсияи чорум, нигоњ доштани сифати ибтидоии сохторро њангоми гузаронидани таѓйиротњои босифати оддї дар бар мегирад, ки аз доираи таѓйироти адаптивї баромадаанд (масалан, ивазшавии комплекси дастгоњию барномавии бонк, гузариш ба системаи нави бонкии автоматонї);
- ✓ Инноватсияи панљум, нигоњдории сохтори базавии ташкилоти ќарзии дастнарасонда, вале бо даровардани таѓйиротњо ба сифати системаро дар назар дорад (ивазшавии ќисми коллективи корї ва роњбарияти звенои миёна бо маќсади таѓйир додани тавсифи сифатии кори бонк);
- ✓ Инноватсияи шашум – таѓйири босифати хусусияти ибтидоии ташкилоти ќарзї ва ивазшавии бахшњои бавуљудоварандаи системаи муштариёни аз љониби бонк хизматрасондашуда;
- ✓ Инноватсияи њафтум, дар хусусияти функсионалии ташкилоти ќарзї таѓйироти олиро ифода мекунад (ивазшавии «тахассуси» бонк, таѓйири њамаи спектри хизматрасонињо, гузариш ба бозори нав ва истифодаи принсипњои нави интихоб ва хизматрасонии базаи муштариён).

Њамин тавр, таснифоти дар боло овардашудаи инноватсияи бонкї барои падидор намудани баъзе ќонуниятњо дар пайдоиш ва гузаштани раванди инноватсионї дар ташкилотњои ќарзї имконият медињад. Бояд гуфт, ки афзалияти ин ё он шакли инноватсия шакл ва љињати стратегияи инноватсионии бонкро муайян мекунад (яъне, иљро намудани «мутобиќати» шаклњои нави инноватсия ба шаклњои муайяни стратегияи инноватсионї). Дар навбати худ, типологияи инноватсияњои бонкї ба ташкил кардани механизмњои иќтисодї ва идоракунанда имконият медињанд, зеро ки онњо мањз бо шакли инноватсияи татбиќшаванда ва стратегияи инноватсионии интихобшуда муайян карда мешаванд. Бо вуљуди ин њар як бонк дар љараёни амаликунии муносибати системавї нисбати муайян намудани стратегияи инноватсионии худ, фаъолияти инноватсиониро бо назардошти принсипњои номбурда ва љанбањои таснифот баррасї намуда, барои дар бозор мушаххасан

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

љой гирифтан, муайян намудани шаклњои њаракат ва амаликунии коркардњои худ ва маљсулот дар бозор имконият ба даст меорад.

1.4. Принсипњои идоракунии инноватсия дар фаъолияти бонкї

Бонкњои тиљоратї дар муддати 10-15 соли охир инфрасохтори худро барои дастгирї намудани фаъолияти инноватсионї фаъолона инкишоф медињанд ва њолати муосири бозори дар он ќарордошта, ки бенињоят серамал аст, аз њар як бонк ба таѓйиротњои ба вуљудомада таъсири босуръат ва даќиќро талаб мекунад. Рўзе фаро мерасад, ки таѓдиди тиљорат ногузир хоњад шуд ва менељерони бонк бояд ба ќароре оянд, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонк бизнес-раванди њозираро чї тавр таѓйир дињанд.

Комплекси инноватсионии бонк бояд њамчун љузъи људонопазири њар як бонк ва ҳамчун системаи ќатори чунин унсурҳо, ба мисли зерсистемаи рушди инноватсионї, зерсистемаи идоракунї бо хавфу хатар, зерсистемаи идоракунї бо дороињо ва ѓ. бошад. Ба таркиби комплекси инноватсионї банаќшагирї ва буљакунонии рушди инноватсионї, њавасмандкунии њайат, назорат аз рўи татбиќи инноватсия, таъмини иттилоотии љараёни инноватсионї дохил карда мешавад. Маѓмўи умумии муњимтарини инноватсионї ин зерсистемаи рушди ташкилию иќтисодї мебошад, ки хусусияташ дар он аст, ки аз як тараф, шароити ташкилию иќтисодї заминаи зарурї барои татбиќи худи инноватсия буда, аз тарафи дигар, рушди ташкилию иќтисодї объекти алоњидаи сиёсати инноватсионї мебошад.

Бонкро њамчун объекти ташкилоти системавї баррасї намуда, бо маќсади баназаргирии хусусияти тиљорати бонкї принсипњои муносибати системавиро ба куллї таѓйир додан зарур аст (љадвали 3), ки ба баланд бардоштани самаранокї ва таќвият додани мавќеи раќобатї равона карда шудааст.

Принсипњо	Кушодани рамзи принсип
Принсипи комилии система	**Бонкро њамчун системаи мураккабу** нисбатан мустаќилу комил дар маљмўи зерсистемањои ба њам алоќаманд ва ба њам пайваста баррасї намудан зарур аст, ки байни онњо робитањои амудї ва уфуќї вуљуд дорад
Принсипи робитаи дутарафа ва таъсири амалии љузъњои	Амалиётњои дорої ва таанњудии бонк байни якдигар аз рўи муњлат ва арзиш алоќаманданд, ки шарти зарурии кори устувор ва

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

система	самараноки бонк мебошад.
Принсипи вобастагї	Фаъолияти инноватсионии бонк ба стратегияи дар бонк ќабулшуда мувофиќ аст, ба талаботи намуди муайяни маҳсулот ва хизматрасонї эътинои ҳассос намуда, захирањои молиявї, техникї ва кадриро ба роҳбарї мегирад.
Принсипи иерархии мухторият ва мувофиќати унсурҳо	Ҳама ќисмҳои бонкї бо мухторият амал намуда, дар робитаи иерархї ќарор доранд ва барои фаъолияти самараноки бонк шарти зарурї ин мувофиќат дар амал ва пайравї ба маќсадҳои стратегии рушди бонк мебошад.
Принсипи бисёрљанба	Ќобилияти бонк дар татбиќи навоварињо мављудияти системаи такмили ҳайати бонкї, технологияҳои таѓйирот ва вусъат додани ќатори маҳсулот, стратегияи татбиќи хизматрасонии нави бонкї ва азхудкунии имкониятҳои нави бозори молиявї инъикос мегардад.
Принсипи мунтазамї	Ивазшавии хизматрасонї, маҳсулот ва технологияҳои кўҳнашуда бояд бе вайрон шудани мунтазамї дар фаъолияти бонк ба амал ояд.
Принсипи самтгирї ба натиљањои нињої	Муносибгардонии саъю кўшишҳои ҳамаи ќисмҳои бонк, ки ба ҳалли масъалаҳои стратегии он равона карда шудааст.

Шаффофияти молиявї ва амалиёти дастрасї ва ошкор будани ҳисоботи молиявии бонк, пешниҳоди маълумоти зарурї дар бораи фаъолияти бонк, мониторинги портфели савдо ва сармоягузории бонк дар таќвияти шаффофияти сармоягузорон, муштариён ва маќомотҳои танзимкунанда ҳавасманданд.

Принсипи робитаи дутарафа ва таъсири амалии љузъҳои система барои ташкилотҳои ќарзї дар зарурати ризоияти дороиҳо ва таањҳудҳои (пассивҳо) бонк аз рўи муҳлат ва арзиш падидор мегарданд, ки ба устувории молиявии фаъолияти ташкилотҳои ќарзї таъсир мерасонад. Дар амал татбиќ намудани принсипи бисёрљанба, мунтазамї, равонасозї ба натиљањои нињої самаранок бурдани фаъолияти инноватсиониро дар бонк таъмин мекунад.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Захирањои маҷмӯи инноватсионї инњоанд: маблаґгузорї дар шакли пул, иттилоот, мутахассисони бонк, миёнаравон, мушовирон, идоракунанда-менељерон.

Натиљаи фаъолияти маҷмӯи инноватсионї технологияҳои нави бонкї, ќарори ташкилию иќтисодї, хизматрасонињои ба муштариён пешнињодшуда, инчунин дигар инноватсияњои барои муљити беруна муфид мебошанд. Фаъолияти комплекси инноватсионии бонк метавонад он ваќт самаранок бошад, ки муносибати даромади маљмӯї аз истифодаи инноватсия нисбати њаљми захирањо ба рушди инноватсионї ба андозаи мусбат бошад. Зимни ин бояд харољотњо барои офаридани комплекси инноватсионї ба назар гирифта шавад.

Њамаи раванди инноватсионии дар бонк вуљуддоштаро мантиќан ба се гурўњ људо бояд намуд:

1. Љараёни инноватсионии одии дохилиташкилотї, яъне равандест, ки истифодаи инноватсияро дар доираи њамон бонк дар назар дорад. Дар он њолат навигарї шакли мањсулоти нави бонкиро намегираду танњо технологияи истењсоли мањсулоти аллакай мавҷудбуда ё ки ягон технологияи хизматрасониро такомул медињад.
2. Љараёни одии байниташкилотї, ки ташаккули мањсулоти нави бонкиро дар назар дошта, барои дар бозор ба сифати предмети хариду фурўш њаракат кардан таъйин шудааст.
3. Љараёни инноватсионии муфассал асосан бо ташаккули мањсулоти комплексии бонкї алоќаманд аст. Ваќте ки бо ташкили вай бонк бо шарикони худ њамкорї намуда, бо ин љараёни инноватсиониро байни якчанд иштирокчї аз нав таќсим мекунад.

Хизматрасонии эквайринг, системаи идоракунии фосилавии бо њисоб, дастаи пешнињоди хизмати суґуртавї ва ѓайра мисоли ин шуда метавонанд.

Куллан њар як љараёни инноватсионї дар бонк хусусияти даврагї дорад. Фаъолияте, ки дар асоси худ љараёни инноватсионї дорад, мантиќан ба љузъњои алоњидаи аниќ ифодашуда људо мешавад. Сатњан давраи љараёни инноватсионї ба тариќи зайл нишон дода мешавад:

Ба вуљуд омадани фикру аќида ва гузоштани масъалањои дар пеш истодаи раванди инноватсионї.

1. Тартиб додани наќшаи фаъолият ва тадбирњо барои ба даст овардани маќсад.
2. Муайян намудани талабот дар захирањо (кадрї, технологї, моддї), ки барои амаликунии љараёни инноватсионї зарур мебошад, гузоштани масъалањои мањдуд дар назди иљрокунандагон.
3. Аз љониби иљрокунандагон (мутахассисони бонк, барои гузаронидани тадбирњои инноватсионї љавобгў) гузаронидани амалиётњое, ки бо амалишавии масъалањои гузошташуда алоќаманданд.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

4. Назорат, таҳлил ва ислоҳи амалҳои гузарондашуда. Арзёбї намудани самаранокии лоиҳаи инноватсионї, ќарорҳои инноватсионии идоракунанда, тадбирҳои иловагии таҳлилї барои татбиќи натиљаҳои ҷараёни инноватсионї.

Маълумотҳоро дар бораи фаъолияти инноватсионии ташкилотҳои ќарзї дар як ҷо ҷамъ менамоянд, инчунин ҷудо намудани ќонунияти муайяни ба вуҷудої ва амалишавии он зарур аст. Дар ин ҷо бояд ќайд намуд, ки масъалаҳои идоракунии инноватсионї, ки дар даврањои муайяни фаъолияти ташкилоти ќарзї хеле актуалї мебошанд, бо масъалаҳои идоракунии стратегї зич алоќаманданд. Муносибати ин алоќамандиҳо ба баррасї намудани фаъолияти инноватсионии бонк дар ин ҷанба ҳамчун робитаи дутарафаи серамали панҷ ҷараёни идоракунанда, ба мисли таҳлили муҳит, муайян намудани маќсадҳо, интихоби стратегия, иҷрои стратегия, баҳо ва назорати иҷрокунї баромад мекунад. Ҷараёнҳои мазкур мантиќан идомаи якдигар мебошанд, зеро ки дар ибтидо, ҳангоми таъсиси ташкилоти ќарзї онҳо таърихан муттасил ба вуҷуд меоянд. Аммо дар оянда ҷараёни амал кардани онҳо доимо дар як ваќт мегузаранд ва мавҷуд будани робитаи дутарафаи байни онҳо бошад, боиси таъсири аниќ ифодашудаи ҳар яки ин ҷараёнҳо ба боќимондаи он ва ба ҳамаи онҳо мегардад. Сатҳан ин робитаҳоро дар намуди сохтори зерин пешниҳод намудан мумкин аст (нигар ба расми 2).

Таҳлили муҳит ҳама ваќт ҳамчун ҷараёни идоракунанда дар назар дошта мешавад, ки дар рафти он заминаҳои фаъолияти минбаъда, нуктаҳои асосї (фењрист) барои интихоби супориши махсус ва муайян кардани маќсадҳо ташаккул меёбанд, инчунин ба бозор ва озуќаворї тамоюл намудани ташкилотҳои ќарзї ба вуҷуд меояд.

Наќшаи таъсири амалии ҷараёни стратегии идоракунї

Бонк ба мисли дигар система бо муҳити беруна (аз ҷумла, бо муҳити бозор) фаъолона якҷоя амал намуда, вазифаи асосии он - нигоҳ доштан ва дастгирї намудани мувозинаи ин амалҳо мебошад. Хулосаи навбатї дар он аст, ки бонк дар рафти муносибат бо ҷузъҳои муҳити фаъолият асосан бояд ба се ҷараёни асосї диќќати махсус диҳад:

- гирифтани захира аз муҳити беруна (даромад);
- мубаддал шудани захира ба маҳсулот (ислоҳот);
- супоридани маҳсулоти ба вуҷудовардашуда ба муҳити беруна (баромад).

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Ба вуљуд овардани сохтори самараноки ташкилии идоракунї бо љараёнњои инноватсионї дар бонк одатан бо якчанд усул мегузарад. Дар чунин њолат дар бонк ќисми алоњидаи сохторї ташаккул меёбад, ки маќсади асосии он коркарди инноватсия ва мувофиќкунонии ин љараён бо наќшањои дарозмуддати рушди бонк мебошад. Усули дуввум њамгирої ва њамоњангии иќтидори инноватсионии њамаи ќисмњои бонк ва дар дохили он ба вуљуд овардани механизмро дар назар дорад, ки ба эътимоднок гузаронидани коркард ва татбиќи навоварињо мусоидат мекунад. Дар айни замон бонкњо метавонанд мувофиќати ин усулњои назоратро аз рўи љараёни инноватсионї истифода баранд ва бо ин афзалияти онњоро аз рўи зарурат иваз намоянд. Бо вуљуди ин, ин ду усул исбот мекунанд, ки љараёни коркард ва татбиќи инноватсия дар фаъолияти бонкї на хусусияти тасодуфї, балки хусусияти системавию ташкилї ва идорашаванда дорад.

Барои инитсиатсия намудани фаъолияти инноватсионии идорашаванда, ки ба рушди фаъолияти босуботи бонк ва офаридани шароити мусоиди амалишавии он равона карда шудааст, бо принсипњои зерин амал кардан зарур аст:

- ба вуљуд овардани омилњо барои падидоркунии тамоюлњо ва табаллури (кристаллизатсия) фикру аќидањо, ки иќтидоран барои коркарди инноватсионї замина мебошанд (ин принсип асосан ба амалњои њайати роњбарикунандаи бонк дахл дорад);

- бошуурона пурра накардани иќтидори зењнии бонк аз њисоби тадриљан ба вуљуд омадани фикру аќида ва пешнињодњо, ки метавонанд ба рушди растаи озуќавории бонк таъсири хуб расонанд;

- муносибгардонии сатњи идоракунї (љониби камшавї) бо маќсади вусъат додани доираи њар як љараёни инноватсионї;

- ба њадди аќал расонидани муњлати коркард ва татбиќи маљсулоти бонкї на бо роњи кам кардани миќдори доирањои љараёни инноватсионї, балки њамоњанг намудани якчанд љараёнњои баробар рафтаистода барои пешгирї кардани самараи «эстафетї»;

- нигаронидани њамаи фаъолияти инноватсионии бонк ба истеъмолгари маљсулоти бонкї бо имконияти назорати умумї аз рўи ќадамњои аввалини татбиќи инноватсия.

Бо маќсади баланд бардоштани самаранокии тамоми фаъолияти бонк бунёди механизми идоракунї бо фаъолияти инноватсионии бонк ва ба принсипњои маќбули умумии идоракунї бо корхонаљо асос меёбад, ки бо принсипњои тамаркузи ташкилии фикру аќидањои инноватсионї ва принсипи маљдудияти лоињаи инноватсионї дар ваќт илова карда шудаанд. Моњияти

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

принсипи идоракунии мутобиќи тиљорати бонкї адаптатсияшуда дар љадвали 4 нишон дода шудааст.

Дар амал иљро намудани принсипњои самаранокї бо зарурати таъсиси системаи нишондињандањо алоќаманд аст, ки бо ёрии он самаранокии фаъолияти бонкро арзёбї намудан мумкин аст.

Ё дар принсипњои дигар чунин пешбинї шудааст.

Номгўйи принсип	**Моњияти принсип**
Принсипи дурнамо	Фаъолияти инноватсионї бояд бо маќсадњои стратегии бонк мувофиќ бошад
Принсипи бузургии навоварињо	Объекти замимаи инноватсия ва сатњи нави онро бояд муайян намуд
Принсипи хабардор будани муштарї	Асосан инноватсияњои бонкї бояд ба ќонеъгардонии талаботњои муштариён равона карда шуда бошад.
Принсипи пешгузарї	Инноватсияњои бонкї бояд аз талаботи оммаи асосии муштариён пеш гузашта, ба дархостњои муштарї-навоварон нигаронида шуда бошад
Принсипи таъминнокї бо захирањо	Мављуд будани имкониятњои молиявї, техникї ва кадрии бонк барои бурдани фаъолияти инноватсионї зарур аст
Принсипи самаранокї	Самаранокии фаъолияти инноватсионї бо афзоиши даромад, васеъшавии миќёси тиљорат ва имкониятњои захира намудан барои оянда, сармоягузории дубора, баландбардории раќобатпазирии бонк
Принсипи ќобили андоза	Системаи арзёбии самаранок татбиќ намудани инноватсия, аз љумла нишондињандањои миќдорї ва сифатї бояд вуљуд дошта бошанд
Принсипи тамаркузи ташкилии фикрњои инноватсионї	Барои идоракунии босубот бо фаъолияти инноватсионї дар бонк таъсиси департаменти тањќиќот ва коркарди лоињањои инноватсионї зарур аст
Принсипи мањдудият дар ваќт	Зарурати мањдуд намудани муњлати амаликунии лоињаи инноватсионї аз лањзаи додани дархост то татбиќи инноватсия ба

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

	таљрибаи бонкї

Зарурати ба вуљудорї ва истифодаи системаи нишондињандањои самаранокии фаъолияти бонк, ки љараёни фаъоли инноватсионро ба амал меоранд, чунин омилњо доранд:

- ба њисоб гирифтани харољотњо ва миќдоран арзёбї намудани натиљањои лоињаи инноватсионї зарур буда, танњо њамон ваќт ќабул намудани ќарорњои маќсаддори идоракунанда имконпазир аст.

Саволњо барои назарсанљї:

1.Инноватсияи бонкї чист?
2.Инноватсия дар бонкњо чї ањамият дорад?
3.Кадом шаклњои инноватсияро аз њамдигар фарќ мекунанд?
4.Кадом намуди инноватсия ба фаъолияти бонкї мансуб аст?
5.Инноватсия дар шароити имрўза чї ањамият дорад?
6.Инноватсияи реактивї чист?
7.Инноватсияи стратегї чист?
8.Инноватсия ба сатњи раќобат чї таъсир мерасонад?
9.Инноватсияи асосї ба чанд категория људо мешавад?
10.Инноватсияро ба чанд гурўњ људо мекунанд?
11.Инноватсияи ќатъї чист?
12.Механизми асосии гурўњбандии инноватсия дар чї асос меёбад?
13.Инноватсия аз рўи принсипи муносибат ба чанд гурўњ људо мешавад?
14.Инноватсияи сарварон чист?
15.Инноватсияи пайравон чист?
16.Принсип дар инноватсияи бонкї чї ањамият дорад?
17.Кадом принсипњои инноватсияи бонкиро аз њамдигар фарќ мекунанд?

Мавзўи 2. Маркетинги инноватсионї дар соњаи хизматрасонињои бонкї

2.1.Ањамияти маркетинги хизматрасонињои бонкї
2.2.Наќши маркетинг дар бартараф намудани хатарњои бонкї
2.3.Шакл ва намудњои раќобати бонк
2.4. Маљмўи маркетинг дар бонки тиљоратї ва љузъњои асосии он
2.5.Саволњо барои назарсанљї

2.1.Ањамияти маркетинги хизматрасонињои бонкї

Маркетинги бонкї ин пешнињоди маќсадњои асосии консепсияи идоракунии фаъолияти бонк ва таъсири мутаќобила ба сатњи талаботи мизољон

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

барои дороиҳо ва идоракунии ҳудуди максималии сатҳи хизматрасониҳои бонк мебошад. Ташаккул ва рушди маркетинг дар муҳити фаъолияти бонкї баъди оѓози гузариш ба фаъолияти соҳибкорї шурӯъ гардид. Танҳо дар солҳои 80-уми асри XX бонкҳо барои аз низоми фаъолияти ќадима баромадан худ ба худ ба стратегияи маркетингї рӯ оварданд. Дар шароити имрӯза маркетинги бонкї яке аз зинаҳои асосии идоракунии бонк, рушди доимї, барқароркунандаи ҳамаи ҳадафҳои прогрессивии бонк мебошад. Категорияи асосии калиди маркетинги бонкї ин сифати хизматрасонии бонк мебошад. Хизматрасониҳои бонкиро дар се зина дидан мумкин аст. Сатҳи якум – намунаи хизматрасониҳои бонкї ба хотири хариди мизоҷи ҳаќиќї. Ин таснифи заминаи бонк: ќарздиҳї, шароити сармоягузорї, шароити хизматрасонии ҳисоббаробаркунии хазинавї, амалиёти асъорӣ ва дигар хизматрасонї. Сатҳи дуюм ба хизматрасонии худи бонкҳо бо иҷрои ҳаќиқии таснифоти ҷории бонк вобаста аст. Таснифоти ҷорї ҳама ваќт таѓйирёбанда ва рушдкунанда буда, ба заминаҳои идоракунии бонк вобаста мебошад. Ин ба хотири омодакунии ҳуҷҷат, шароити пардохт, баќайдгирии феҳрасти саҳмдорон ва дигар амалиётҳо бо коѓазҳои ќиматнок, машваратҳо оид ба андозбандї ва сармоягузорї ва ѓайраҳо. Ва дар сатҳи сеюм васеъ намудани доираи хизматрасониҳо дохил мешавад. Хизматрасонӣ ин мувозинати хизматрасонї ба таќвияти муносибатҳои дӯстона бо мизоҷон ва кумаки ҳаматарафа ба онҳо мебошад. Бозори хизматрасониҳои бонкї ҷузъи асосии бозори молиявї буда, бо ин маќсад асосҳои рушд ва устувории зуҳуротҳо (фактор) ба маќсади рушди фаъолияти бонкї таъсир мерасонанд. Ин нишодиҳандаҳоро дар сатҳи хизматрасониҳои бонкї ба якчанд ќисм ҷудо кардан мумкин аст:

1. Аз рӯи объекти хариду фурӯши бозори молиявї ба чунин ќисмҳо ҷудо кардан мумкин аст;

- бозори хизматрасонии ќарзї;
- бозори хизматрасонии депозитї;
- бозори хизматрасонии пардохтї;
- бозори хизматрасонии сармоягузорї;
- бозори хизматрасонии машваратї;
- бозори хизматрасонии хазинавї ва ѓ.

2. Аз рӯи гурӯҳи истеъмолкунандагон сохтори бозор дар чунин шакл ташкил карда мешавад:

- бозори яклухт – бозори хизматрасонї барои соҳибкорон ва ташкилотҳо;
- бозори чакана – бозори хизматрасонї барои шахсони воќеӣ ва соҳибкорони инфиродї;

3.Аз рӯи фаъолияти минтаќавии бонк бозор ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешавад:

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

- бозори маҳаллии бонкї дар доираи шаҳр, вилоят;
- бозори миллии бонкї дар дохили як мамлакат;
- бозори байналхалќии бонкї.

Аз ин хотир, фаъолияти устувор ва боэътимоди ҳар як бонки тиљоратї дар шароити имрўза аз навовариҳои маркетингї дар бозори хизматрасониҳои байнибонкї иборат мебошад. Маркетинги хизматрасониҳои бонкї омили асосї, комплексї ва пањншуда ба ҳисоб меравад, ки марҳила ва усулҳои бозорёбї ва зарурати фаъолияти муваффаќонаи бонкҳоро дар бар мегирад.

Масъалаи маркетинги хизматрасониҳои бонкї дар шароити имрўза барои баҳрабардорї ва дар бозор мавќеъ доштан истифода бурда мешавад, ки тавассути механизмҳои ќабули ќарорҳои маркетингї амалї карда мешавад ва ин дар натиљаи рушди босуръати технологияҳои коммуникатсионї идома дорад.

Илова ба маълумотҳое, ки онро фаро гирифта ва таҳќиќ намудан мушкил аст, интернети мобилї ва интернетбонк марбути иннҳоро ба миён оварад.

Падидаи миќёсии бавуљудомада дар худ имкониятҳоро дар бар мегирад. Фурўши маҳсулоти бонкї аз дафтари корї ба Интернет мегузарад, ки ин љараён харољоти амалиётиро кам намуда, механизмҳои инноватсионї љамъоварї ва таҳлилҳои дохилї ва берунаро ба миён меоваранд.

2.2.Наќши маркетинг дар бартараф намудани хатарҳои бонкї

Дар шароити имрўза бахши бонкї бевосита ба рушди иќтисодї алоќамандии зич дошта, ҳамчун муҳаррики иќтисодиёт маҳсуб мегардад. Ва дар марҳилаҳои гуногуни иќтисод аз таъсири институти молиявї афзоиш ёфта, яке аз нишондиҳандаҳои рушди соҳавї мебошад. Танҳо чунин афзалияти инкишофёбї имкон медиҳад, ки оид ба самаранокии ќарорҳои ќабулшуда дар муќоиса бо раќибони дар бозор мављуд буда тадќиќоти маркетингї дуруст ба роҳ монда шавад. Дар шароити имрўза маќсади асосии фаъолият гирифтани фоида бошад, пеш аз ҳама, бояд ба љараёни инкишофи соҳаҳо бо дарназардошти ҳамаи имконотҳо такя кардан зарур аст. Зеро институтҳои молиявї, чун ќоида, харољоти амалиётро зиёд менамояд, то дар бозори раќобат имкон ёбанд ва барои дастрасии шаклҳои гуногуни хизматрасонї филиалҳои нав кушода, мутахассисон ва кормандони навро ба кор сафарбар намоянд.

Раванди дигаре, ки ҳангоми рушди бахшҳои гуногун пайдо мешавад, тавассути омўзиши даќиќ ин бонкҳои бузург маҳсулоти бештари депозитї ва кредитиро ба бозор пешниҳод менамоянд. Бо чунин тарз, раќибони бузург кўшиш менамоянд, ки дар бозор ҳамаи имкониятҳои поёниро низ ба даст

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

оранд. Мизољон чи дар байни шахсони њуќуќї ва чи дар бахши чакана ба таври фаъол фаъолият мекунанд.

Бо вуљуди ин, дар назди институтњои молиявї дар дилхоњ њолат масъалаи ташаккули сандуќи мањсулот ва хизматрасонињо, нархгузорї ва пешбарии онњо пеш меояд. Илова бар ин, лозим аст, ки имиљи мусбии бонк дастгирї ва ташаккул дода шавад. Гарчанде ки наќши маркетинг аввалиндараља набошад њам, аммо бисёр њам лозимї боќї мемонад.

Яке аз љињатњои дигаре, ки аз пайдоишаш институти молиявиро њамроњї менамояд, ин масъалаи хизматрасонињо ба мизољон аст. Чунки тиљорати бонкї ин, пеш аз њама, хизматрасонии пешниҳод ва љалби захирањои молиявї мебошад.

Барпо намудани њамкориҳои дутарафа бо мизољон, мониторинги ќонеъ намудани мизољон бо хизматрасониҳои бонкї ва бо вуљуди ин њамчун натиља сањењкорї диќќати махсусро талаб менамояд.

Дар шароити рушди динамикии бахшњо идораи оќилонаи тавозуни зиёдшавии харољот ва рушди пойгоњи мизољон бонкро бо рушд ва фоида таъмин менамояд.

Тавре дар боло ќайд карда шуд, рушди динамикї дар худ хавфњоро дар бар мегирад, ки асоситарини онњо ин: зерсохтори калон (филиалњои нав, шуъбањо, банкоматњо, кормандон ва ѓ.), васеъ намудани њиссаи хафвњои амалиётї ва кредитї, васеънамоии љадвали мањсулот ва билохира пойгоњи васеъшудаи мизољон мебошад. Дар натиља љараёни идоракунї ва ќабули ќарорњо мушкил мегардад.

Афзоиши мушкилињои идоракунї ва ќабули ќарорњо ба раќобат тобиши нав мебахшад. Дуруст ќабул намудани ќарор кифоя набуда, он бояд натанњо дуруст бошад, балки њарчи зудтар ќабул карда шавад.

2.3.Шакл ва намудњои раќобати бонк

Раќобати бонкї ин раќобати доимии бонкњо бањри мустањкам намудани мавќеи бозори худ мебошад.

Субъектњои раќобати бонкї хеле гуногунанд, зеро аксарияти хизматрасониҳои бонкї ба осонї ивазшавандаанд ва бинобар ин дар раќобати бозори молиявї на танњо бонкњо, балки дигар ташкилотњои молиявию ќарзї иштирок мекунанд. Масалан, инсоне, ки маблаѓи озоди пул дошта, хоњиши бо фоида љо ба љо гузоштани онро дорад, интихоби худро на танњо байни хизматрасонии амонатии якчанд бонк ќарор медињад. Вай инчунин дигар хизматрасонии бонкиро, ки аз он даромад мегирад, масалан идоракунии боэътимоди молу мулкро ба назар мегирад. Ба ѓайр аз ин, вай бояд чунин имкониятњои алтернативии љобаљокунии маблаѓ њамчун маблаѓгузорї ба

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

фонди сармоягузорї, ба кооперативи ќарзї, ба фаъолияти муштараки хољагї, ба моли ѓайриманќул, ба хариди коѓазњои ќиматнок тавассути миёнаравони касбї ва ѓайраро дида барояд. Дар навбати худ, њамаи он корхона ва ташкилотњое, ки чунин хизматрасонї менамоянд, бо бонк раќобат мекунанд. Вале азбаски роњњои маблаѓгузорї бисёр аст, субъектњои раќобати бонкї њам сершумаранд.

Вобаста ба хусусияти субъектњои иштирокдошта намудњои зерини раќобати бонкиро људо намудан мумкин аст:

- ***Раќобати дохилисоњавї*** ин раќобати байни дохили системаи бонкї, инчунин раќобати байни бонкњо ва дигар муассисањои молиявию ќарзиест, ки хизмати молиявї мерасонанд. Ин намуди раќобат дар бозори молиявї мављуд буда, аз рўи љиддиятї ва инкишофёбии худ фарќ мекунад;
- ***Раќобати байнисоњавї***-раќобати бонкњо бо институтњои гуногуни ѓайримолиявї, ширкатњои тиљоратї, корхона ва ташкилотњо мебошад;
- ***Раќобати бозорї ин*** раќобати бонкњо бо њамаи субъектњои бозор барои захирањои маљдудшуда, на танњо пулї, балки, инчунин мењнатї, зењнї, моддї, ташкилї, техникї, табиї ва ѓайра мебошад.

Њамин тавр, соњаи раќобати бонкї бо бозори хизматрасонии бонкї маљдуд карда намешавад, балки ба бозори молиявї, инчунин ба дигар бонки захирањо, мол ва хизматрасонї пањн карда мешавад.

Бонкњо на танњо ба якдигар метавонанд раќобат кунанд. Љиддияти муборизаи раќобатї дар бозор онњоро маљбур месозад, ки ќуввањои худро муттањид намуда, дар лоињањои муштарак иштирок варзанд. Бинобар ин, вобаста ба дараљаи тамаркуз (консентратсия) раќобатро ба инфиродї ва гурўњї људо намудан мумкин аст. Дар раќобати инфиродї бонкњо як ба як раќобат мекунанд. Дар раќобати гурўњї бошад, иттињодияњо раќобат мекунанд, ба мисли гурўњњои бонкї, холдингњо (ширкатњо), гурўњњои молиявию саноатї, синдикатњои (иттињодияњои) ќарзї, консорсиумњо (мушорикатњо), инчунин дигар иттињодияњо бо иштироки бонкњо. Раќобати гурўњї ин шакли инкишофёфтаи муборизаи раќобатї мебошад. Вай мувофиќи он ки чї тавр имкониятњои раќобати инфиродї ба охир мерасад, пайдо мешавад. Бо вуљуди ин рушди раќобати гурўњї маънои ќатъ гардидани раќобати инфиродиро надорад, махсусан агар иштирокчиёни иттињодияњо ќисми мустаќилияти худро нигоњ доранд.

Дар таљрибаи фаъолияти худ бонкњои тиљоратї метавонанд њам шакли нархї ва њам ѓайринархии муборизаро истифода баранд.

Раќобати нархї њангоми ќаллобї бо нарх, тарофањо, нархи бањра ба вуљуд меояд. Раќобати нархї шакли одитарини раќобат буда, аз лањзаи ташаккули системаи дусатњаи бонкї пайдо ва доимо инкишоф ёфта, тадриљан ба ѓайринархї мегузарад. Раќобати нархї имконият медињад, ки раќибони сусттаринро «аз маърака берун монанд». Бо вуљуди ин вай маљдудиятњои

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

муайян дорад. Дар навбати аввал, ин маҷдудиятҳо бо хусусиятҳои худи фаъолияти бонкї алоқаманданд. Бонкҳо наметавонанд доимо нархи бањраро аз рӯи амалиётҳои фаъол кам намуда, аз рӯи амалиётҳои ѓайрифаъол зиёд намоянд. Рӯзе ин ба чунин ҳолат оварда мерасонад, ки бонк дигар даромад гирифта наметавонад. Инчунин паст шудани нарх барои хизматрасонии бонкї на ҳама вақт афзоиши комилан мувофиқи ҳаҷми талаботро таъмин менамояд, зеро ин боиси нобоварї нисбати бонк гардида, эътимоднокии бонк ба зери шубҳа меафтад.

Раќобати ѓайринархї ба ташаккули афзалияти устувори матлубот ва тањкими мавќеи бонк дар бозор равона карда шудааст. Бонкҳо спектри васеи усул ва воситањои раќобати ѓайринархиро истифода мебаранд, ки ба бењтаршавии сифат, хизматрасонї, татбиқи усулҳои самараноки идоракунї, гузарондани иқдомҳои таблиѓотї, коркарди маҳсулоти нав ва таѓйир додани маҳсулоти вуҷуддошта алоқаманд мебошанд.

Раќобати ѓайринархї ҳангоми аз ҳониби бозори хизматрасонии бонкї ба даст овардани сатҳи муайяни вусъатёбї ба вуҷуд омада, якҷоя бо раќобати нархї вусъат меёбад ва тадриҷан ҳои онро танг мекунад, вале пурра онро иваз намекунад.

Раќобат дар бозори бонкии муосир омили асосї буда, дар кори бонкї ба пешрафти доимї, тамаркузи муносибатҳои бонк бо муштариён ва наздик намудани кори он ба талаботи бозор мусоидат мекунад.

2.4. Маҷмӯи маркетинг дар бонки тиҷоратї ва ҳузъҳои асосии он

Маҷмӯи маркетинг ин ҳамъи тадбирҳои муайяни амалї буда, бо ёрии онҳо бонк мавќеи бозори худро ташаккул дода, ба таѓйиротҳои доимии бозор уҳдабароёна мутобиқ мешавад. Коркарди он ва таѓйирёбии доимї шарти ҳудонопазири таъмини муваффаќияти бонк дар бозори муосири баланди раќобатї ќарор мегирад. Маҷмӯъ (комплекс) метавонад чи барои маҳсулот ва хизматрасонии алоҳида ва чи барои ќисматҳои алоҳидаи бозори бонкї ба вуҷуд оварда шавад.

Ба таври тахминї маҷмӯи маркетинг дар дигар соҳаҳои фаъолият ташаккул меёбад ва дар соҳаи бонкї иннҳоро дар бар мегирад:

1.Сиёсати маҳсулотї;

2.Сиёсати нархгузорї;

3.Сиёсати фурӯш;

4.Сиёсати иттилоотї.

Сиёсати маҳсулотї дар таркиби маҷмӯи маркетинг базавї мебошад.

Сиёсати маҳсулотии бонк ин ќурби муайяни амалиёти бонк ё ки дар вай ќаблан мавҷуд будани принсипҳои бомулоҳизаи рафтор мебошад. Вай барои

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

таъмин намудани муттасилии ќарор ва тадбирњо оид ба ташаккули навъ ва идоракунї бо онњо; нигоњ доштани раќобатпазирии хизматрасонии бонкї дар сатњи лозима; дарёфти хизматрасонињо барои ќисматњои муносиби маљсулотї, коркард ва амаликунии стратегияи фурўши якљояи хизматрасонињои бонкї даъват карда шудааст. Такмил ва амаликунии сиёсати маљсулотии бонк риоя намудани баъзе аз шарту шароитњоро талаб мекунад:

1. Тасаввуроти аниќ дар бораи маќсади пешнињоди хизматрасонї барои дурнамо;
2. Мављуд будани стратегияи фаъолияти истеъсолию тиљоратии бонк;
3. Хуб донистани бозор ва хусусияти талаботи он.
4. Тасаввуроти аниќ дар бораи имконият ва захирањои худ дар айни замон ва дар дурнамо.

Дар шароити бозор коркарди љиддии њамаи маљмўи масъалањо, ки ба сиёсати маљсулотї дохил мешаванд, талаб карда мешавад.

Њалли чунин проблемаи андешида барои дурнамои дарозмуддат зарур аст, ба мисли:

- муносибгардонии намуди хизматрасонї бо назардошти талаботи тавсифи онњо ва хусусиятњои бонки муайян;
- суръати навкунии њамаи спектри хизматрасонї ва намуди алоњидаи он бо назардошти даври њаётии хизматрасонї;
- таносуби хизматрасонињои нав ва кўњнашуда дар барномаи пешнињоди онњо ба муштариён;
- дараљаи таљдиди хизматрасонї;
- баромад ба бозор бо намуди нави принсипиалии хизматрасонии бонкї;
- интихоби ваќти баромад ба бозор бо хизматрасонињои нав ва аз намуди хизматрасонї бекор кардан, ки мавќеи бозорро аз даст додааст.

Дар сиёсати маљсулотии бонк проблемаи ташаккули намуди хизматрасонии бонкї ањамияти калон дорад. Моњияти ин проблема аз банаќшагирии њама намуди фаъолият иборат аст, ки ба интихоби хизматрасонї барои истеъсол ва амаликунии оянда дар бозор ва ба овардани тавсифи ин хизматрасонињо мувофиќи талаботњои муштариён равона карда шудаанд. Ташаккули навъи хизматрасонї љараёни пайвастае мебошад, ки дар муддати њамаи даври њаётии хизматрасонї, аз лањзаи маќсади офаридани он то аз барномаи маљсулотї баровардани он давом мекунад.

Системаи ташаккули хизматрасонии бонкї чунин љињатњои асосї доранд:

- муайянсозии талаботњои њозира ва дурнамои муштариён, тањлили роњњои истифодаи хизматрасонии аниќ ва хусусиятњои рафтори муштариён;

Дар шароити шиддатёбии раќобат дар бозори байнибонкї сифати хизматрасонї ањамияти махсус дорад. Дар натиљаи хусусияти махсуси

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

хизматрасонии бонк њангоми муайян намудани меъёрњо барои арзёбии сифати хизматрасонии бонкї мушкилињои зиёд ба вуљуд меоянд. Барои њалли ин проблема одатан ду усулро истифода мебаранд.

Мувофиќи усули якум, ба сифати хизматрасонии бонкї аз љониби бонк ва аз љониби муштарї ду нуќтаи назар људо карда мешавад. Зимнан, меъёрњо дар њар њолат чи умумї ва чи махсус истифода мешаванд. Аз нуќтаи назари бонк барои арзёбии сифати хизматрасонї чунин меъёрњо, ба мисли суръати гузаронидани амалиёт, хато ва харољотњо барои ислоњи онњо, маљсулнокии мењнат, сатњи хатари бонкї ва дигар бо назардошти харољоти бонк барои хизматрасонї истифода бурда мешаванд. Ба аќидаи муштариён сифати хизматрасонї метавонад суръати хизматрасонї, мављудияти хатоњо, хайрхоњии њайат, ќулай будани макон ва ваќти кори бонкро бо дарназардошти нархњо барои хизматрасонї муайян намоянд. Бо вуљуди ин, аз рўи сатњи сифат ба хизматрасонии бонкии амалкунанда муштарї ва бонк метавонанд сифати ин ё он хизматрасониро њар хел арзёбї намоянд.

Усули дувум дар назар дорад, ки дар мадди аввал њангоми арзёбї намудани сифат талаботи муштариён ба миён гузошта мешавад. Он ваќт сифатро њамчун хислат ва хусусияти хизматрасонии бонк баррасї намудан мумкин аст, ки ба интизории муштарї мувофиќ буда, дар вай нисбати бонк ё ки коркунони он муносибати манфиро бедор намекунад. Ин имкон медињад, ки намояндагони бонк оид ба талаботи муштариён, имкониятњои онњо ва дар бораи муносибати муштариён ба хизматрасонии бонк тасаввуроти аниќ дошта бошанд.

Сиёсати нархгузорї мувофиќи маќсадњои стратегии кори бонк такмил ёфта, барои њар як маљсулот ё ки гурўњи маљсулоти бонкї интихоби усули нархгузориро дар назар дорад. Гуногуншаклии маљсулот ва хизматрасонии бонкиро ба назар гирифта, дар доираи сиёсати нарх муќаррарсозии нархи баљра аз рўи сањм ва ќарзњо, тарифњо, бурдани њисоби бонкї, гузарондани амалиёт бо коғазњои арзишнок, асъор, фулузоти ќиматбањо, мукофот барои инкассатсия, гирифтани пули наќд, додани кафолат ва пазириш (аксетњо), хизматрасонии иттилоотї ва машваратї ба вуљуд меояд.

Дар њамин лањза нарх њамчун омили муњим њангоми хариди маљсулоти бонкї ба назар гирифта мешавад, яъне дар бозори байнибонкї усулњои раќобати нархро истифода накардаанд ва он нињоят таъсирпазир мебошанд. Аммо истифодаи доимии ин омил ба он оварда мерасонад, ки бонк ноилољ хатари беасосро ба зиммаи худ гирифта, эњтимол ќисме аз муштариёни ба он хушмуомиларо аз худ дур мекунад.

Сиёсати фурўши бонк њалли масъалањо дар бораи интихоби роњњои фурўш ва дар бораи муќаррар намудани доираи муваќќатии фурўшро дар назар

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

дорад. Асосан бонкњо иштироки миёнаравонро ба назар нагирифта, роњњои мустаќими (бевоситаи) фурўшро истифода мебаранд. Ба роњњои асосии фурўши мустаќими (бевосита) хизматрасонии бонкї инњо дохил мешаванд:

- офиси марказии бонк:
- филиалњои расмї ва офисњои иловагї;
- љойњои дурдасти корї (нуќтаи мубодилаи асъор, намояндагони бонк дар нуќтањои савдо);
- банкомат ва терминалњои электронї барои пардохтњои кортї;
- шуъбањои автоматонии бонкї;
- системањои хизматрасонии фосилавии бонкї.

Наќши фурўши бавоситаи фурўш дар соњаи бонкї назар ба дигар соњањои хизматрасонї, масалан дар савдо на он ќадар калон аст. Вале дар таљрибаи бонкї баъзе роњњои дигар њам вомехўранд. Одатан онњо њангоми фурўши хизматрасонии махсус истифода бурда мешаванд, ки гирифтани онњо боиси харидани дигар мол ва хизматрасонї мегардад. Ба роњњои бавоситаи фурўши хизматрасонињои бонкї фондњои сањмии сармоягузорї, ширкати суѓуртавї, ширкатњои сохтмонї, агентии туристї (саёњатї), марказњои тиббї, муассисањои маърифатї, агентии **риелторї** ва ѓайраро дохил мекунанд.

Ин ширкатњоро миёнаравони расмї номидан мумкин нест, зеро онњо танњо барои хариди (ё фуруш) мањсулоти худ истифода бурдани ин ё он бонкро пешнињод мекунанд. Худи љараёни расонидани хизмати бонкї бевосита дар бонк ба вуљуд меояд.

Доирањои муваќќатии фурўши бонкї барои аксарияти хизматрасонињо бо ваќти хизматрасонии муштариён мањдуд карда мешаванд. Бонкњои муосир муќобили талаботњои афзоянда амал карда, кўшиш менамоянд, ки ин доирањоро тавсеа дода, дар рўзњои истирољат ва идона низ хизматрасониро пешнињод мекунанд. Пайдо шудани банкоматњо, шуъбањои автоматонї ва системањои хизматрасонии фосилавї амалан бе ягон мањдудият ба пешнињод намудани хизматрасонињои алоњида имконият медињанд.

Сиёсати иттилоотї љамъи тадбирњо дар бораи њаракати мањсулоти бонкї дар бозор ва ташаккули симои бонкро дар бар мегирад. Роњњои асосии амаликунии сиёсати иттилоотї инњоанд:

- фурўши шахсї;
- таблиѓот;
- њавасмандкунии фурўш;
- робита бо љомеа.

Фурўши шахсї хеле самаранок, вале њамзамон усули гарони пешрафти хизматрасонии бонкї мебошад. Онњо муносибати шахсии бевоситаи муштариёни боиктидор ё ки мављудбударо бо коркунони бонк дар назар

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

доранд. Дар љараёни чунин муносибат муштариро дар бораи хизматрасонињо, хусусияти онњо, афзалиятњо ва фоида аз харид хабардор мекунанд. Пешрафти шахсї одатан нисбати муштариёни боиќтидор истифода бурда мешавад, ки бонк ба онњо њангоми хизматрасонї метавонад имтиёзњои муайян пешниҳод намояд. Дар бозори хизматрасонї барои муштариёни кооперативї фурўши шахсї аксар ваќт бо менељери шахсї ё ки муштарї ба вуљуд оварда мешавад, ки талабот ва имкониятњои муштариёни худро хуб медонанд ва метавонанд талаботро ба хизматрасонии бонк аз љониби он пешгўї намоянд.

Инкишоф додани хизматрасонии шахсї боиси шавќу раѓбати муштариён гашта, муносибати онњоро нисбати бонк бењтар мегардонад.

Афзалияти асосии таблиѓоти бонкї яке аз роњњои робитаи ѓайришахсї ва имконияти бурда расондани иттилооти зарурї то теъдоди зиёди муштариёни боиќтидор мебошад. Бо вуљуди ин њама ваќт эњтимолияти мурољиати воќеан он нафари ба бонк мурољиаткардаро нигоњ медорад. Бонкњо айни замон яке аз таблиѓотчиёни фаъол мебошанд ва зимнан кўшиш менамоянд, ки ба ширкати таблиѓотии худ хусусияти маќсадноки ирсолї дињанд. Эълонњои таблиѓотии бонкњо дар нашрияњои махсус, интернет-сайтњо, дар шабакањои калони тиљоратї ва дар баннерњои ќади роњ љойгир карда шудаанд.

Мазмун ва маќсади ширкати таблиѓотї мувофиќи дигаршавии даври њаётии мол, ва таќвият ёфтани раќобати бонкї иваз мешаванд. Вобаста ба хусусияти объектњои таблиѓкунанда чунин намудњои таблиѓоти бонкиро људо намудан мумкин аст:

1.Таблиѓоти худи бонк;

2.Таблиѓоти маљсулоти бонкї;

2.Таблиѓоти симо.

Намуди якуми таблиѓот барои ба бонки муайян љалб кардани таваљљуњ ва ба муштариён дар бораи он хотиррасон намудан равона карда шудааст. Таблиѓоти маљсулот маќсади муштариёнро ба дарёфти маљсулоти муайян - автоќарз, ќарзи гарав (ипотекї), сањми амонатї водор карданро дорад. Дар навбати худ, таблиѓоти симо бо ташаккули симои мусоиди муайяни бонк алоќаманд аст. Маљз чунин таблиѓот имрўзњо ањамияти муњим дорад, зеро маљсулоти бонкњои гуногун амалан як хел буда, самаранокии таблиѓоти маљсулотиро паст менамояд.

Њавасмандкунии бонк барои муштариён офаридани омилњоро дар бар мегирад, ки онњоро барои дарёфти маљсулоти бонкї водор месозад. Њамчун усули њаракати маљсулоти бонкї вай бо таблиѓоти бонкї муносибати бенињоят зич дорад ва онњоро аз њам људо кардан хеле мушкил мегардад. Ба воситањои асосии њавасмандкунии фурўш гузарондани бозињои мукофот ва лотореяњо барои муштариён, пешниҳод намудани тахфифњо барои

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

муштариёни доимї, хизматрасонии иловагии ройгон (бепул), таќсим намудани купонњои њуќуќи тахфифдошта дохил мешавад.

Дар якчанд солњои охир чунин воситањои њавасмандкунии фурўш, ба мисли ярмарка ва намоишгоњњои хизматрасонии молиявї пайдо шуданд, ки дар онњо мањсулот ва хизматрасонињои миёнаравони пешбари молиявї пешнињод гардидаанд. Љалб шудани онњо дар як љо ба муштариёни боиќтидор барои фавран муќоиса намудани шароити аз љониби бонкњои гуногун ва муассисањои махсуси молиявию ќарзї пешкашгардида ва интихоби муносибро имконият медињад.

Ташаккул ва рушди робитањо бо ањли љомеа ба офаридан ва нигоњ доштани муносибатњои хайрхоњона ва якдигарфањмии байни бонкњо ва мунѓити атрофи он, яъне доираи васеи муштариёни боиќтидор, ташкилотњои давлатї, шарикон, њайати шахсї равона карда шудааст. Истифодаи чунин воситањои сиёсати робитавї дигаронро дастгирї намуда, ба риоя кардани мувозинаи манфиатњои бонк ва љомеа, инчунин бартараф намудани таъсири манфии мунѓити атроф ба њодисоти манфї, ки ба бонк ва эътимодияти он дахл дорад, мусоидат мекунад.

2.4. Саволњо барои назарсанљї:

1.Маркетинги бонкї кадом нишондињандањоро дар бар мегирад?
2.Маркетинг дар фаъолияти бонкњо чї ањамият дорад?
3.Даврањои рушди маркетинг дар фаъолияти бонкї кадомњоянд?
4.Тадќиќотњои маркетингї чанд марњиларо дар бар мегирад?
5.Раќобат дар раванди маркетингї чист?
6.Хизматрасонињои бонкиро дар чанд сатњ дидан мумкин аст?
7. Бозори хизматрасонии ќарзї чист?
8.Бозори хизматрасонии депозитї чист?
9.Бозори хизматрасонињои пардохтї чист?
10.Бозори хизматрасонии сармоягузорї чист?
11.Бозори хизматрасонии машваратї чист?
12.Бозори хизматрасонии хазинавї чист?
13. Аз рўи гурўњи истеъмолкунандагон сохтори бозор дар чанд шакл ташкил карда мешавад?
14. Аз рўи фаъолияти минтаќавии бонк бозор ба кадом гурўњњо људо мешавад?
15.Маркетинг дар кам кардани сатњи харољот чї ањамият дорад?
16.Субъектњои раќобати бонкї кињоянд?
17.Раќобати дохилисоњавї чист?
18.Раќобати байнисоњавї чист?

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

19.Раќобати бозорї чист?
20.Раќобати нархї чист?
21.Раќобати ѓайринархї чист?
22.Сиёсати фурўш чист?

Мавзўи 3. Хизматрасонии фосилавии бонкї ва асосњои њуќуќии фаъолияти он дар шароити муосир

3.1.Маќсад ва моњияти хизматрасонии фосилавии бонкї

3.2.Асосњои њуќуќї ва назорати хизматрасонии фосилавии бонкї: бехатарии иљрои амалиёт

3.3. Барномаи хабардоркунии муштарӣ ва дастрасӣ ба хизматрасонии бонкї

3.4. Муносибатњои шартномавии бонкњои тиљоратї бо мизољон

3.5. Саволњо барои назарсанљї

3.1. Маќсад ва моњияти хизматрасонии фосилавии бонкї

Дар шароити рушди бошиддати техникаю технологияњои компютерї ва васеъ шудани доираи фаъолияти бонкњои тиљоратї ва муносибати байни бонкњои дохилию хориљї бонкњои тиљоратї ва ташкилотњои ќарзии ѓайрибонкиро водор сохт, ки то тибќи талаботи мизољони худ хизматрасонињои навро пешкаш кунанд. Аз њамин хотир, бонкњои тиљоратї кўшиш менамоянд, ки бо дарназардошти тамоми имконоти мављуда ба мизољони худ хизматрасонињои наву замонавиро пешнињод намоянд. Хизматрасонии фосилавии бонкї (ХФБ) ин ба муштариён пешнињод намудани имкониятњои ба амал овардани амалиёти бонкии берун аз бонк, истифодаи роњњои гуногуни иттилоотрасонї дар асоси технологияњои муосир мебошад.

Дар таљрибаи хориљї ва ватанї аксар ваќт истилоњи «home banking» истифода бурда мешавад, ки барои пеш бурдани амалиёти бонкї дар хона њамчун шакли мустаќили хизматрасонии бонкї ба ањолї маънидод карда мешавад, ки ин дар асоси истифодаи технологияњои электронї асос ёфтааст. Илова бар ин, мафњуми «хизматрасонии фосилавии бонкї» мафњуми васеъ буда, шомили хизматрасонии чї ањолї ва чї шахсони њуќуќиест, ки он зимнан на танњо «дар хона», балки дар њар як љойи аз маркази бонк дуртар, ки дар ин љо алоќа вуљуд дорад, амалї карда мешавад. Дар шароити рушди баланди технологияњои иттилоотї, пуррагардии бозор ва талаботњои баланди

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

истеъмолгарон аз љониби бонк пешниҳоди чунин хизматрасониҳо шарти зарурии нигоҳ доштани раќобатпазирии бонк ба шумор меравад.

Татбиќи васеи ХФБ аллакай дар хориља аз оѓози солҳои 80-уми асри XX оѓоз ёфтааст. Таҳаввулоти низоми ХФБ дар рушди воситаи марказї иттилоот ва технологияҳои бонкї тавассути компютер пеш меравад. Дар аввал системаи пешниҳоди хизматрасонии бонкї бо телефон ва бо модем ба вуљуд омад ва дар айни замон бошад, рушди хизматрасонии бонкї тавассути Интернет сурат мегирад. Ба таѓйироти ХФБ дар асоси робитаи телефонї пешниҳоди хизматрасонии бонкї бо истифодаи телефакс, пейљер, телефонҳои дастї ва видеотелефонҳоро дохил намудан мумкин аст. Дар давлатҳои хориља аллакай системаи хизматрасонии бонкї тавассути телевизиони интерактивї мављуд аст. Аз љониби иттиҳодияи Citi CORP бошад, терминали бонкии хонагї коркард шуд, ки спектри васеи хизматрасонии бонкї, аз љумла додани ќарзро фаро мегирад. Вай дастгоҳи калони телефонро бо экран ва клавиатура пешниҳод мекунад, ки метавонад компютери инфиродиро иваз намояд.

Дар солҳои охир имконият ва зарурати пешниҳоди ХФБ (хизматрасонии бонкї) бо истифодаи шабакаи Интернет ба вуљуд омад. Агар бонкҳо дар худ системаи ҳисоби электрониро бо муштариён ба танзим оварда натавонанд, дар он сурат онҳо аз ќисми калони онҳо маҳрум мешаванд.

Дар ибтидо таъсиси интернет-бонк дар ИМА ба вуљуд омад. Яке аз сабабҳои пайдоиши он ин маҳдудиятҳои мављуда барои аз љониби бонкҳо кушодани филиал дар дигар штатҳо буд. Ҳамин тавр, дар моҳи октябри соли 1995 SECURITY First Network таъсис дода шуд, ки бонки якум ба шумор рафта, ин намуди хизматрасониро дар Интернет азхуд намудааст. Аз паси он бонки иттифоќи касабаи австриягии Bank fur Arbeit and Wirtshaft ва бонки британии Royal Bank of Scotland ба вуљуд омад. Чунин бонкҳо метавонанд ҳудудҳои калонро бо арзиши аслии хеле пасти хизматрасонии бонкї коркард намоянд.

Бо мафҳуми том «хизматрасонии фосилавии бонкї» инчунин бо истилоҳи «бонки электронї» (e- bank) ва «бонки виртуалї» зич алоќаманд аст. Бонки электронї ё ки виртуалї гуфта, одатан бонкеро меноманд, ки офиси расмї надошта, муштариёнро тавассути телефон, Интернет ва дар мавриди зарурат тариќи почта хизматрасонї мекунад.

Агар аз рўи иљрои муомилоти фосилавии муайяни бонкї ҳар як бонк ба ќатори хизматрасонии расмии муштариён дар офисҳои худ хизматрасониро пешниҳод намояд, он гоҳ бонки виртуалї, маъмулан, маҳз ба муштариёни дурдаст хизмат мерасонад ва барои сохтмон ва бо бино таъмин намудани муштариён пул сарф намекунад. Бо вуљуди ин бонки виртуалї ба муштариёни худ амалан пурра хизмат мерасонад. Намуди ягонаи хизматрасоние, ки наметавонад мустаќилона бонки виртуалї онро расонад, ин хизматрасонии

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

хазинавист. Барои ба муштариёни худ додани пули наќд бонкњои виртуалї шабакаи банкомат ва терминалро истифода мебаранд, ки ба дигар бонк, ё ки, масалан ба консорсиуми бонкии ин бонки виртуалї дохилшаванда тааллуќ дорад. Одатан муштариёни бонкњои виртуалї дар хизматрасонии додани пули наќд эњтиёљ надоранд, дар мавриди зарурат бошад, барои даровардани пули наќд ба њисоби бонкии худ аз дигар бонкњо истифода мебаранд.

Тибќи баъзе маълумотњо чунин мешуморанд, ки бонки аввалини виртуалї дар Англия соли 1989 пайдо шудааст. Ин бонк First Direct буд, ки дар 10 соли корї зиёда аз ним миллион муштарї пайдо намуд. Дар ИМА дар айни замон ќариб 100 интернет-бонк ба ќайд гирифта шудааст, ки бо хизматрасонии фосилавї машѓуланд.

Яке аз норасоии бонки виртуалї ин мављуд будани сатњи баланди хатари муштариён њангоми кор бо чунин бонк аст, агар вай љузъи бонки ѓайривиртуалї набошад; њамчунин масъалањои дар бозор эътибор надоштан, кафолат ва иштирок дар барномањои федералии суѓуртаи њиссањо; набудани базаи њуќуќии такмилёфта барои чунин намуди тиљорат ва ѓайрањоро ба миён меорад.

Технологияи ХФБ бошиддат тавсеа меёбад, зеро ки татбиќи онњо чї ба бонкњо ва чї ба муштариён фоидаовар аст.

Бароњатї барои муштариён аён аст: њар мудом ба бонк барои муомилот аз рўи њисоб омадан лозим нест, муомилотро дар кулњо ва аз кулњое, ки хоњед илро намудан мумкин аст, дар њар лањза иттилооти воќеї доир ба њолати њисоб ва ворид шудани маблаѓ дастрас аст.

Инчунин бонк бурди бењад калон ба даст меорад. Аввал, афзалияти раќобатї нисбати дигар бонкњое, ки дар ваќташ системаи ХФБ-ро дар худ татбиќ накардаанд. Хизматрасонии бонкии ќаблї њудудї хоњад шуд, зеро ки бонк метавонад ба муштариёни шањрњои дигар ва хориљиён хизматрасонї намояд ва шуъбањои иловагї дар мавзеъњои дурдаст накушояд. Имконияти таъмини хизматрасонии шабонарўзї ба вуљуд меояд, ки тафовутро дар минтаќањои муваќќатии чунин давлатњо, ба мисли ИМА ва Руссия ба назар гирифта, љалби муштариёни дурдаст хеле актуалист. Густариш ёфтани тиљорат бо роњи татбиќи мањсулоти нав осонтар мегардад.

Дувум, дар натиљаи озодшавии њайат ва пастшавии харољотњои иловагї барои идоракунии шуъба ХФБ ба дањњо ва садњо маротиба кам кардани харољотњои амалиётї мусоидат мекунад. Истифодаи системаи интерактивии автоматишудаи ХФБ ба муносибкунонии бизнес-љараёнњо ва пурра гузаштан ба технологияи бекоѓаз имконият медињад.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Севум, технологияњои ХФБ бо дигар маҳсулот ва хизматрасонии молиявию бонкї табиатан њамгиро шуда, љузъњои њуќуќи фосилавиро нисбати њисоб (кортњои пластикї, тиљорати электронї) дар бар мегирад.

Дар айни замон се намуди маъмули хизматрасонии фосилавии бонкиро људо намудан мумкин аст:

- Системаи расмии «бонк-муштарї», ки робитаи бевоситаро бо бонк аз рўи модем истифода намуда, дар компютери муштарї барќарор кардани барномаи махсусро дар назар дорад;
- Системаи «телебонк» (бонкинги телефонї), ки хизматрасонии бонкии пардохт ва иттилоотиро тавассути телефон/телефакс бо истифодаи телефонияи компютерї пешниҳод мекунад;
- Интернет-бонкинг ин системаи пешниҳоди хизматрасонии бонкї тавассути Интернет аст, ки барои истифодаи онњо, одатан дорои таъмини махсуси барномавї набуда, аз њисоби бонкии худ аз њар як компютери ба шабакаи Интернет пайваст кор кардан мумкин аст.

Дар байни системањои ХФБ ин система бо истифодаи компютер, модем ва хати телефон, ки њамчун системаи «бонк-муштарї» машњур аст, хеле маъмул шудаанд. Чунин хизматрасонии бонкї ба муштариён-шахсони њуќуќї, аксарияти бонкњои тиљоратї пешкаш карда мешавад.

Дар шароити муосир бонкњои пешбари давлатњои пешрафта бо маќсади хизматрасонии фосилавии муштариён, инчунин системаи бонкинги телефонї, интернет-бонкинг, инчунин home banking –ро барои анъолї татбиќ мекунанд.

Яке аз хизматрасониҳои наву муосир, ки ба манфиати мизољу бонк аст, хизматрасонии фосилавии бонкї мебошад. Ин шакли хизматрасонї ба мизољ имконият медињад, ки амалиётро бе харољоти иловагї аз нуќтањои гуногун анљом дињад.

3.2. Асосхои хукуки ва назорати хизматрасонии хизматрасонии фосилавии бонкӣ:бехатарии ичрои амалиёт. (бонкинги электронӣ) ин хизматрасониест, ки бо истифодаи воситаҳои барномавию техникӣ ва телекоммуникатсионӣ барои гузаронидани амалиёти бонкӣ, дар бораи бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкӣ ва амалиёти гузаронидашуда иттилоот гирифтан, инчунин ба муштарӣ имконияти ба суратҳисоби бонкии дар ташкилоти қарзӣ доштааш дастрасии фосилавиро медиҳад.

Дар хизматрасонии фосилавии бонкї мафњумњои зерин наќши асосиро мебозанд:

1. Муштарӣ;

2. Мушаххаскунӣ;

3. Аутентификатсия;

4. Рақами мушаххаскунандаи шахсӣ;

5. Низоми иттилоотӣ;

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

6. Интернет-воқеанигор.

–муштарӣ – шахси ҳуқуқӣ ё воқеие мебошад, ки бо ташкилоти қарзӣ шартномаи хизматрасонии бонкӣ ё шартнома оид ба пешниҳод намудани хизматрасонии фосилавии бонкиро бастааст.

–мушаххаскунӣ – тартибест, ки дар натиҷаи иҷрои он субъекти муроҷиаткунанда бо мушаххасоти инфиродӣ ва ягонаи дар низоми иттилоотӣ бақайдгирифташуда мушаххас ва тасдиқ карда мешавад. Барои иҷрои тартиби мушаххаскунӣ дар низоми иттилоотӣ ба муштарӣ пешакӣ бояд мушаххасоти дахлдор дода шавад (яъне, муштарӣ дар низоми иттилоотӣ бояд ба қайд гирифта шавад).

–аутентификатсия – раванди тасдиқи аслият тавассути муқоиса намудани гузарвожаи дохилнамудаи истифодабаранда бо гузарвожа дар низоми иттилоотӣ мебошад;

–рақами мушаххаскунандаи шахсӣ – рамзи шахсиест, ки бо мақсади мушаххас кардани дорандаи корти пардохтии бонкӣ (минбаъд - корт) ҳангоми гузаронидани амалиёт бо истифодаи корт аз тарафи ношир ба дорандаи корт дода мешавад.

–низоми иттилоотӣ – маҷмӯи воситаҳои техникӣ, таъминоти барномавӣ ва ташкилӣ барои пешниҳод намудани хизматрасонии фосилавии бонкӣ мебошад.

–интернет-воқеанигор – таъминоти барномавӣ барои аз назаргузаронии сомонаҳо.

Хизматрасонии фосилавии бонкӣ дар шароити рушди техникаю технологияҳо ва шабакаҳои маълумотдиҳӣ ба таври фосилавӣ тавассути хатҳои алоқа бо истифодаи компютерҳо, телефонҳо, банкоматҳо (АТМ), терминалҳои худкори электронӣ, аз ҷумла терминалҳои худкори худхизматрасон пешниҳод мегардад.

Назорати хизматрасонии фосилавии бонкӣ ҳангоми идора ва иҷрои амалиёт

Хизматрасонии фосилавӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои ғарзии ғайрибонкӣ имконият дод, ки то як андоза харољотҳои иловагиро кам намуда, сатҳи даромаднокии худро зиёд ва амнияти иттилоотӣ ва хизматрасонии худро пурзӯр намоянд.[1] Аз ин хотир бонкҳои тиҷоратӣ барои таҳияи стратегияи татбиқ намудани хизматрасонии фосилавии бонкӣ масъул буда, дар раванди хизматрасонии мазкур бояд назорати босамарро ташкил намоянд. Бо ин мақсад бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои ғарзии ғайрибонкӣ бояд:

[1] Дастурамали 201

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

– санадҳои дохилии худро, ки тартиб ва шартҳои пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкиро муқаррар менамоянд, таҳия ва тасдиқ намоянд;

– ба сиёсати амнияти иттилоотии худ бо сабаби пешниҳод намудани хизматрасонии фосилавии бонкӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид намоянд.

Ѓайр аз ин, бонкњои тиљоратї ва ташкилотњои ќарзии ѓайрибонкї назорати иҷро ва такмил додани сиёсати амалкунандаи идоракунии хавфҳоро, ки ҳангоми пешниҳод намудани хизматрасонии фосилавии бонкӣ ба вуҷуд меоянд, бояд тибқи санади меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар бонкњои тиљоратї амалӣ намоянд.[2] Инчунин бонкњои тиљоратї уҳдадоранд барномаи мукаммали амнияти иттилооти хизматрасонии фосилавии бонкиро таҳия ва татбиқ намоянд, ки барномаи амнияти иттилооти хизматрасонии фосилавии бонкӣ ҳадди ақал бояд ҷанбаҳои зеринро дар бар гирад:

– ошкор ва баҳо додани хавфҳои марбут ба пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ;

– муайян намудани чораҳо оид ба кам кардани хавфҳо, аз ҷумла татбиқи технологияҳои дахлдори мушаххаскунии муштарӣ ва меъёрҳои назорати дохилӣ;

– амалї намудани чораҳо оид ба таъмини амнияти иттилооти муштарӣ аз дастрасии беиҷозат ва таъмин намудани яклухтии иттилооти мазкур;

– баҳодиҳии чораҳои хабардоркунии муштариён.

Ҳангоми пайдоиши навоварию дигаргуниҳо дар технологияҳои пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ, ошкор гардидани осебпазирии низомҳои иттилоотӣ, инчунин, пайдоиши хатарҳои дохилӣ ва беруна ба махфияту яклухтии иттилоот, бонкњои тиљоратї уҳдадоранд ба қадри кофӣ барномаи амнияти иттилоотии худро таҷдиди назар намуда, онро нав кунанд.[3] Бонкњои тиљоратї ва ташкилотњои ќарзии ѓайрибонкї ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ оид ба амнияти иттилоот ва назорати дохилӣ бояд кафолат диҳанд, ки чораҳои зарурӣ андешида шудаанд. Њамчунин онҳо такмил дода шуда, мониторинг ва баҳодиҳии хавфҳои имконпазир мунтазам иҷро карда мешаванд. Бо мақсади ҳифзи муштариён аз қаллобӣ, дуздӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои ба хизматрасонии фосилавии бонкӣ алоқаманд аз ҷониби бонкњои тиљоратї бояд чунин талаботҳои ҳадди ақали бехатарӣ татбиқ карда шаванд:

а) барои банкомат ва терминалҳои худкори худхизматрасон (минбаъд терминалҳо):

[2] Дастурамали 201
[3] Дастурамали 201

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

- банкомат ва терминалҳо бояд дар ҷойҳои намоён насб карда шаванд;

- гирду атрофи банкомат ва терминалҳо ба қадри кофӣ бо равшанӣ таъмин бошанд;

- барои сабти амалҳои истифодабарандагон бояд дар банкоматҳо аксбардори мушоҳидавӣ насб шуда, сабтҳои видеоӣ на кам аз 45 рӯз дар ташкилоти қарзӣ нигоҳ дошта шаванд;

- муштариён дар хусуси хавфҳои имконпазири ҳангоми истифодаи банкомат ва терминалҳо ба вуҷудоянда, инчунин оид ба чораҳои эҳтиёткорӣ бояд хабардор карда шаванд;

- дар ҷойҳои насби банкомат ва терминалҳо мунтазам санҷиши бехатарӣ гузаронида шуда, он дар ҳуҷҷат сабт карда шавад;

- марказҳои дастгирӣ (Call–center) ташкил шуда, фаъолияти ҳамарӯзаи онҳо таъмин карда шавад;

- дар банкомат ё терминал маълумот оид ба кадом ташкилоти қарзӣ мансуб будани он, аломати низомҳои пардохтии кортҳои аз ҷониби банкомат ё терминал қабулгардида, рақамҳои телефонӣ барои тамос, инчунин телефонҳои шуъбаи наздиктарини милитсия барои дар ҳолатҳои фавқулодда мурочиат намудан бояд ҷой дода шавад.

б) барои Интернет-бонкинг ва бонкинги мобилӣ:

- истифодаи ҳуруфчини экранӣ;

- истифодаи протоколҳои шабакавии ҳифзшуда;

- татбиқи механизми пешгирии қаллобона иваз кардани саҳифаи сервери Интернет бонкинг;

- истифодаи мушаххаскунии бисёромила;

- татбиқи сиёсати истифодабарии гузарвожаҳои мураккаб ва мунтазам иваз кардани онҳо;

- истифодаи механизми пешгирии ба таври автоматӣ ошкор кардани гузарвожаҳо;

- истифодаи механизми манъи пайвастшавӣ бо сервери Интернет бонкинг ҳангоми бефаъолиятии истифодабаранда дар муддати вақти муайян.

Бонкњои тиљоратї ва ташкилотњои ќарзии ѓайрибонкї бояд мунтазам амалҳои ғайриқонуниеро, ки ба истифодаи банкомат ё терминалҳо алоқаманданд, омӯзанд. Оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳодисаҳои қаллобӣ дар рафти пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ ташкилотҳои қарзӣ бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон иттилоот пешниҳод намоянд. Ташкилотҳои қарзӣ ба стандартҳои бехатарии татбиқшаванда ва таҷрибаи озмудашуда таваҷҷуҳ намуда, аз технологияҳои иттилоотии муосир ва навовариҳои соҳаи амнияти иттилоотӣ бояд хабардор бошанд. Барои таъмини мушаххаскунии муштариёни худ, ки хизматрасонии фосилавии бонкиро истифода мебаранд, ташкилотҳои

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

қарзӣ бо назардошти хавфҳои имконпазир бояд чораҳои заруриро татбиқ намоянд. Татбиқи усулҳои дахлдори мушаххаскунӣ дар раванди баҳодиҳии хавфҳо бояд муқаррар гарданд. Усулҳои истифодашаванда бояд ҷанбаҳои зеринро ба инобат гиранд: намуди низомҳои хизматрасонии фосилавии бонкӣ (иттилоотӣ ё амалиётӣ), навъи он (АТМ- бонкинг, низомҳои “муштарӣ-бонк”, интернет-бонкинг, бонкинги мобилӣ ва ғайра), вазъи муштарӣ (шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ), намуди амалиётҳои тавассути низом иҷозатдодашуда, ҳаҷм ва миқдори амалиётҳо. Ташкилотҳои қарзӣ бояд аз технологияҳои нави мушаххаскунии муштарӣ огоҳ буда, онҳоро баҳо диҳанд ва татбиқ намоянд, инчунин вобаста аз намуди амалиёт ва сатҳи дастрасӣ бо назардошти хавфҳои мавҷудбуда дохил намудани тағйиротҳои дахлдорро ба низоми мушаххаскунии муштарӣ ба роҳ монанд. Агар баҳодиҳии хавфҳо сатҳи пасти бехатариро ҳангоми истифодаи тадбирҳои мушаххаскуние, ки аз омилҳои сода асос ёфтаанд (масалан, гузарвожа/рамз), муайян намояд, он гоҳ ташкилоҳои қарзӣ бояд тадбирҳои бисёромилаи мушаххаскунӣ, масалан гузарвожа/рамз/рамзи яккарата, рақами корт ва рақами мушаххаскунандаи шахсиро истифода намоянд. Бо мақсади кам кардани хавфҳои имконпазир ташкилотҳои қарзӣ метавонанд низоми бехатарии бисёрсатҳаро (масалан, хизматрасонӣ бо компютери муайян, фосилаи муайяни вақт барои хизматрасонӣ ва ғайра) истифода намоянд.[4] Бонкњои тиљоратї ва ташкилотњои ќарзии ѓайрибонкї ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ ва савдои электронӣ кушодани суратҳисобҳои нави бонкиро мутобиқи қоидаҳои маъмули “муштарии худро бидон”, ки ҳузури бевоситаи муштариро ҳангоми кушодани суратҳисоб талаб менамояд, бояд амалӣ намояд. Бонки тиљоратї ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ бояд дорои низоми мониторинг бошанд, ки он вазифаи аудитро иҷро карда, барои ошкор намудани амалиётҳои беиҷозат дар низомҳои иттилоотӣ қодир бошад. Ташкилотҳои қарзӣ барои муайян намудани амалҳои беиҷозат, ошкоркунии ҳамлаҳо ба низоми иттилоотӣ, барқароркунии воқеаҳо, назорат намудани ҷараёни риоя накардани бехатарии низоми иттилоотӣ бояд пешбурди дафтарҳои қайдро ба роҳ монанд. Ҳангоми ошкор шудани далелҳои дастрасии беиҷозат ё амалҳои беиҷозат, дастрасӣ ба суратҳисоби муштарӣ бояд фавран бозdошта шавад. Бо мақсади таъмини назорат ва идоракунии бехатарии низоми иттилоотӣ мақомоти мустақил (яъне, аудити дохилӣ ё беруна) ҳисоботҳоеро, ки дар онҳо амалҳои маъмурони бехатарӣ дарҷ гардидаанд, бояд таҳлил намояд. Ҳангоми аз ҷониби тарафи сеюм идора гардидани низоми иттилоотӣ ва равандҳои муҳим, ки ба хизматрасонии фосилавии бонкӣ алоқаманданд, тарафи мазкур бояд иҷрои талаботи бехатариро таъмин намояд.

[4] Дастурамали 201

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

3.3. Барномаи хабардоркунии муштарӣ ва дастрасӣ ба хизматрасонии бонкӣ

Бонкњои тиљоратї тавассути хизматрасонии фосилавї метавонанд оид ба њама таѓйиротњои амалиётњои марбут ба мизољ тавассути почта ё телефони мобилї ба ў хабар дињанд. Бонкњои тиљоратї бояд ба муштарии худ барномаи ҳадди ақали хабардоркунӣ оид ба таъмини бехатарӣ ҳангоми иҷрои амалиётҳо дар доираи пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ ва ҳифзи маълумоти шахсиро пешниҳод намоянд. Ташкилотҳои қарзӣ бояд шаклҳои самараноки ба муштарӣ ирсол намудани иттилоот оид ба бехатариро таҳия намоянд. Бо ин мақсад истифодаи якчанд каналҳо (масалан, сомонаи бонк, смс-огоҳӣ ба телефони мобилии муштарӣ, иттилоот дар беруннависҳои бонкӣ, китобча, инчунин дар суҳбати мустақим бо муштарӣ ҳангоми хизматрасонӣ дар бонк) имконпазир аст. Бонкњои тиљоратї ва ташкилотњои ќарзии ѓайрибонкї бояд барномаи хабардоркунии муштариро татбиқ карда, онро мунтазам баҳо диҳанд ва ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ сатҳи зарурии боварии муштариёнро таъмин намоянд. Бо мақсади кам кардани хавфҳо ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ ташкилотҳои қарзӣ бояд ба муштарӣ оид ба ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо иттилоот пешниҳод намуда, вобаста ба таъмини ҳифзи маълумоти шахсии муштарӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои ӯ чораҳои зарурӣ андешанд. Барои таъмини фаъолияти муттасил ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ бонкњои тиљоратї ва ташкилотњои ќарзии ѓайрибонкї бояд имконияту иқтидори босамар дошта бошанд (масалан, дастрасӣ ба хизматрасонии 24 соат дар як шабонарӯз ва 7 рӯз дар як ҳафта (24/7)). Бояд стратегияи ҳамкории мутақобила ва механизми босамари вокунишро ба ҳодисаҳои ногаҳонию ғайричашмдошт таҳия намуда, онро дар ҳолати омодагӣ нигоҳ доранд. Ҳангоми гузаронидани амалиёти бонкӣ тавассути хизматрасонии фосилавии бонкӣ ташкилотҳои қарзӣ бояд тартиби ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳо ва шартҳои нигаҳдории онҳоро истифода намоянд, ки барои амалиёти бонкӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои коғазӣ пешбинӣ шудаанд.

3.4. Муносибатњои шартномавии бонкњои тиљоратї бо мизољон

Барои фаъолияти самаранок ва устувор бонкњои тиљоратї бо мизољони худ њангоми пешниҳод ва истифодаи шаклњои гуногуни амалиёт ва

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

хизматрасонї тибќи шартнома амал мекунанд ва хизматрасонии фосилавии бонкӣ низ дар асоси шартномаи хизматрасонии бонкӣ, ки дар он шартҳои пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ дарҷ гардидааст, пешниҳод мегардад ва ҳадди ақал маълумоти зеринро бояд дарбар гирад[5]:

- номгӯи амалиёти бонкие, ки метавонанд тавассути хизматрасонии фосилавии бонкӣ иҷро гарданд;

- усулҳои пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ ва дастрасӣ ба он (тавассути Интернет, хатҳои алоқа, телефон, компютери инфиродӣ ва дигар таҷҳизот);

- ҳуқуқу уҳдадориҳои муштарӣ ва ташкилоти қарзӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ;

- тартиби бехатарӣ, аз ҷумла тартиби аутентификатсия ва тасдиқи ҳуқуқҳои муштарӣ барои истифодаи хизматрасонии фосилавии бонкӣ;

- масъулияти тарафҳо ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои худ дар рафти пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ;

- асос барои боздоштан ва қатъ намудани пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ;

- тарзи хабардоркунии муштарӣ дар мавриди иваз шудани шартҳои шартнома;

- роҳҳои пешниҳоди арзу шикоятҳои муштариён, шартҳои баррасӣ ва ҳалли онҳо;

- тарифҳо ва комиссияҳо ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ;

- рақамҳои телефонї барои хизматрасонии муштариён.

Ҳангоми қабули шикоят аз муштариён дар бораи амалиётҳои беиҷозат гузаронидашуда дар суратҳисоби бонкии ташкилотҳои қарзӣ бояд мавҷудияти воситаҳои қайди шикоятҳо, баррасӣ ва ҳангоми зарурат гузаронидани таҳқиқро аз рӯи ин шикоятҳо таъмин намоянд. Инчунин аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ тартиби ҳалли ҳолатҳои баҳсталаб ва ихтилофот вобаста ба пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ бояд муайян карда шавад. Барои таъмини бехатарӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ ҳангоми гузаронидани амалиётҳо тавассути хизматрасонии фосилавии бонкӣ, муштариён бояд дар бораи вазифа ва масъулияти худ хабардор карда шаванд. Барномаи хабардоркунии муштарӣ барои таъмини амнияти иттилоотии хизматрасонии фосилавии бонкӣ пешбинӣ шуда, қисмҳои зеринро дар бар мегирад:

а) бехатарии рамз ва гузарвожа- рақами мушаххаскунандаи шахсӣ:

[5] Дастурамали 201

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

- рамз, гузарвожа ва рақами мушаххаскунандаи шахсӣ бояд махфӣ нигоҳ дошта шаванд;

- рамз, гузарвожа ва рақами мушаххаскунандаи шахсӣ дар компютер бояд нигоҳ дошта нашаванд;

- рамз, гузарвожа ва рақами мушаххаскунандаи шахсиро бояд мунтазам иваз намуд, гузарвожае, ки ошкор намуданаш осон аст, аз қабили ном ё санаи таваллуд бояд истифода нашавад. Гузарвожа бояд на камтар аз 6 аломат иборат буда, омехтаи ҳарфҳо (ҳарфҳои хурд ва калон), аломатҳои махсус ва рақамҳоро дар бар гирад.

б) махфияти маълумоти шахсӣ:

- худдорӣ аз ошкор кардани маълумоти шахсӣ, ба монанди суроға, насаби духтарии модар, рақами телефон ё шиноснома, рақами суратҳисоби бонкӣ ё суроғаи почтаи электронӣ ба шахсоне, ки ба эътимоднокии онҳо боварӣ нест.

в) маҳфуз нигоҳ доштани иттилоот дар бораи амалиётҳои электронӣ:

– бо мақсади ошкор намудани хатогиҳо ё амалиётҳои беиҷозат гузаронидашуда, таърихи амалиётҳо ва беруннависҳо бояд мунтазам санҷида шаванд;

– оид ба ҳар гуна ҳолатҳои истифодаи беиҷозати суратҳисоб ё гузаронидани амалиёти беиҷозат ташкилоти қарзиро фавран хабардор намудан зарур аст.

г) санҷидани саҳеҳӣ ва бехатарии сомона:

- пеш аз гузаронидани ҳар як амалиёти мустақим дар сомона ё пешниҳод намудани мушаххасоти шахсӣ бояд боварӣ ҳосил намуд, ки сомонаи саҳеҳи интернет-бонкинг истифода мешавад. Аз истифодаи сомонаҳои қалбакии бо мақсади қаллобӣ сохташуда эҳтиёт шудан лозим аст;

- ба бехатарии сомона бо санҷидани нишонаи ягонаи манбаъ (URL) боварӣ ҳосил намуд, ки бояд аз "https" оғоз шуда, дар мақоми интернет-воқеанигор нишонаи пайвастшавии ҳифзшуда пайдо гардад;

- нишонаи ягонаи манбаи сомонаро ҳама вақт бевосита ба интернет-воқеанигор ворид намудан лозим аст. Аз дигар шудани самт ё гирифтани истинод ба сомонае, ки эътимоднокиаш номаълум аст, худдорӣ намудан зарур аст;

- ба қадри имкон аз истифодаи барномае, ки дар раванди иҷрои амалиётҳои электронӣ мушаххасоти шахсиро рамзгузорӣ менамояд, истифода намудан лозим аст.

ғ) ҳифз намудани компютер аз дастрасии беиҷозат ва барномаҳои зараровар:

- дар компютер барномаҳои экрани байнишабакавӣ ва зиддивирусӣ бояд насб карда шавад;

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

- пайваста навкунии барномаи зиддивирусӣ ва фаъолияти мунтазами онро назорат намудан зарур аст;

- аз дохил намудани файл ва барномаҳо аз манбаъҳои беэътимод ба компютери шахсӣ худдорӣ намудан зарур аст.

д) бе назорат мондани компютери кор кардаистода:

- сомонаеро, ки дар он амалиётҳои электронӣ гузаронида мешаванд, бояд тарк кард, ҳатто агар компютер дар муҳлати кӯтоҳ бе назорат гузошта шавад ҳам;

- пас аз иҷрои амалиётҳои электронӣ аз низом баромадан бояд фаромӯш нашавад;

- пас аз баромадан аз низоми иттилоотӣ хотираи муваққатии компютер (КЭШ) ва таърихи амалиётҳои гузаронидашуда тоза карда шавад.

е) шиносоӣ бо сиёсати бехатарии сомона:

- бо шартҳои сомона вобаста ба амалигардонии пардохтҳо, интиқол, дебеткунӣ/кредиткунии суратҳисоб ва дигар шартҳои хизматрасонии бонкӣ бояд бодиққат шинос шуд;

- пеш аз дохил намудани иттилооти молиявии шахсӣ ба сомона бо шартҳои истифода ва паҳн гардидани чунин иттилоот бояд бо диққат шинос шуд.

ё) бонкинги мобилӣ:

- рақами мушаххаскунандаи шахсии бонкинги мобилии худро (MPIN) бояд аз шахсони бегона махфӣ нигоҳ дошт;

- рақами мушаххаскунандаи шахсии бонкинги мобилии худро бояд мунтазам иваз намуд;

- ба шахсони дигар истифода намудани телефони мобилии худро, ки тавассути он амалиёти бонкӣ иҷро мегардад, иҷозат додан мумкин нест;

- ҳангоми гум кардан ё дуздида шудани телефони мобилии худ фавран бояд ба ташкилоти қарзии хизматрасон хабар дода шавад.

ж) дигар чораҳои бехатарӣ:

- ирсол намудани маълумоти шахсии худ, алалхусус гузарвожа ё рақами мушаххаскунандаи шахсӣ тавассути почтаи электронӣ номатлуб аст;

- аз истифодаи компютерҳои бегона ҳангоми гузаронидани амалиётҳои электронӣ бояд худдорӣ намуд;

- ҳангоми гузаронидани амалиётҳои электронии бонкӣ бояд функсияи “файлҳои умумӣ”-ро ғайрифаъол намуд;

- ҳангоми пайдо шудани саволу муаммоҳо вобаста ба бехатарии суратҳисоби бонкӣ бояд ба ташкилоти қарзӣ мурочиат намуд.

3.5. Саволњо барои назорат:

1.Зарурати истифодаи хизматрасонии фосилавї дар чист?

2. Хизматрасонии фосилавии бонкї чист?

3. Дар хизматрасонии фосилавии бонкї кадом мафњумњо бештар истифода мегарданд?

4. Даврањои рушди бонкдории мобилї кадомњоянд?

6. Дар бонкдории мобилї кадом бартариятњоро мебинед?

4. Истифодаи сомонањои ѓалбакиро чї гуна муайян мекунанд?

5. Бонкдории виртуалї дар кадом давлат пайдо шудааст?

6. Хизматрасонии фосилавї ба кадом давра рост меояд?

7. Дар таљрибаи љањонї хизматрасони фосилавї бо кадом мафњум фањмида мешавад?

9. Дар хизматрасонии фосилавї кадом омилњо наѓши асосї доранд?

10. Аз љониби кадом ширкат хизматрасонии хонагї шурўъ гардид?

11. Дар ибтидо таъсиси интернет-бонк дар кадом давлат суръат гирифт?

12. Яке аз сабабњои пайдоиши интернет-бонк чист?

13. Ширкати SECURITY First Network кадом сол таъсис ёфт?

14. Бонки электронї ё ки виртуалї аслан чиро дар бар мегирад?

15.Дар Англия соли 1989 кадом бонк ба бонки электронї гузашт?

16. Дар айни замон кадом намуди маъмули хизматрасонии фосилавии бонкиро људо намудан мумкин аст?

17. Истифодаи системаи интерактивии автоматишудаи ХФБ чиро дар бар мегирад?

18. Хизматрасонии фосилавї чист?

19. Дар хизматрасонии фосилавї кадом мафњумњо истифода бурда мешаванд?

20. Назорати хизматрасонии фосилавии бонкї чиро дар бар мегирад?

21. Барномаи хабардоркунии муштарї чиро дар бар мегирад?

Мавзўи 4. Интернетбонк ва ањамияти он дар ташкили сатњи даромади бонкњои тиљоратї

6.1. Зарурат ва ањамияти таърихии шабакаи Интернет дар љамъият

6.2. Зарурат ва маѓсади омўзиши интернетбонк дар фаъолияти бонкњои тиљоратї

6.3. Методологияи истифодаи интернетбонк ва афзалиятњои он дар низоми бонкї

6.5. Саволњо барои назорат

6.1. Зарурат ва ањамияти таърихии шабакаи Интернет дар љамъият

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Интернет таърифњои зиёд ва гуногун дорад. Масалан, мураттибони энсиклопедияи «Кирилл ва Мефодий» чунин мењисобанд, ки Интернет (калимаи англисии «Internet» аз калимаи лотинї inter ва англисии net шабака ва ё анкабут гирифта шудааст) шабакаи байналмилалї ва ё љањонии компютерии алоќаи электронї буда, шабакањои минтаќавї, мањаллї, миллї ва ѓайраро бо њам мепайвандад. Интернет барои афзоиш ва бењтар гаштани табодули иттилоот, пеш аз њама, иттилооти илмиву техникї мусоидат мекунад. Он беш аз 50 миллион истифодабарандагони инфиродї ва дастаљамъиро, ки њар кадом почтаи электронии худро доранд, дар тамоми љањон муттањид мекунад.

Винтон Серф, президенти Иттињодияњои интернетї таърифи мухтасари онро чунин медињад: «Интернет системаи љањонии шабакањоест, ки тавассути протоколњои TCP/IP ва дигар протоколњо доир ба коммуникатсия бо њам пайвастанд.

Аммо Шўрои федералии шабакањо (FNC) мафњуми Интернетро чунин муайян мекунад: «Интернет шабакаи љањонии иттилоотиест, ки:

1. мантиќан бо адресњои уникалии (нодири) љањонї бо њам пайваст буда, он дар заминаи Интернет-протокол (IP) ва ё дар заминаи васеъшавии минбаъдаи ќабулкунандањо ба роњ монда шудааст.
2. метавонад коммуникатсияро бо истифодаи оилаи Протоколи идораи барномаи Интернет/Протоколи (TCP/IP) ва ё васеъшавии минбаъдаи ќабулкунандањо ва ё дигар IP протоколњо кумак расонад;
3. дар заминаи љамъиятї ва хусусї хизматрасонии бисёрсатњаро таъмин мекунад.

Заминаи Интернет дар охири солњои 60-уми ќарни гузашта бо супориши Вазорати мудофиаи ИМА гузошта шуд. Зодрўзи шабакаи Интернетро метавон 2-юми январи соли 1969 њисоб кард. Дар ин рўз Ољонсии тањќиќотњо барои ояндаи (перспективї) Вазорати мудофиаи Амрико (US Defence Departament Research Project Agency-ARPA) татбиќи лоињаи алоќаи компютерии созмонњои мудофиавиро оѓоз намуд. Дар натиљаи иљрои ин наќша шабакаи ARPANET таъсис ёфт.

Бо сохтани ин шабака чанд њадаф таъќиб мешуд. Аммо маќсади аслї ба миён овардани шабакае буд, ки ба ќисман вайронињои дар натиљаи љанг ба амаломада, аз он љумла љанги ядрої нигоњ накарда, бояд боќї мемонд ва фаъолият мекард. То ин ваќт алоќа дар шабака боэътимод набуд, зеро њар як сегменти он ё вайрон мешуд ва ё зарар медид. Бинобар ин маќсад гузошта шуд, ки дар шабака алоќа дар миёни компютерњои зарарнадида таъмин шавад.

Марњилаи баъдии рушди Интернетро метавон ба таъсиси шабакаи Бунёди илмии ИМА (NSF) мутаалиќ донист. Ин шабака NSFNET ном гирифт ва он марказњои илмии Амрикоро муттањид мекард. Кор дар ин шабакаи нав дар заминаи 5 суперкомпютер ба роњ монда шуд. Ин компютерњо миёни њамдигар

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

бо хатњои алоќаи баландсуръат пайваст буданд. Шабакаи NSFNET ба зудї љои ARPANET-ро, ки соли 1990 пурра барњам хўрд, гирифт.

Афзоиши босуръати истифодабарандагони шабака таќозо мекард, ки он ба таври доимї аз линњози сохторї таѓйир дода шавад. Бинобар ин, соли 1987 NSFNET backbon, ки ќисми базавї ва ё сутунмуњраи шабака буд, таъсис ёфт. Сутунмўњра аз 13 шабака иборат буд, ки онњо миёни њам бо хатњои баландсуръат пайваст мешуданд. Ин марказњо дар ќисматњои гуногуни Амрико воќеъ буданд. Њамзамон шабакањои миллї дар дигар кишварњо низ таъсис ёфтанд. Шабакањои компютерии давлатњои гуногун бо њам муттањид шуданд ва дар солњои 90-уми асри 20 шабакаи Интернет дар шакли имрўзаи худ ташаккул ёфт.

Аммо аз муњимтарин њодисањо дар таърихи Интернет тарњрезии ба истилоњ тори анкабути љањонї-World Wide Web (WWW) мебошад. Таърихи WWW аз моњи марти соли 1989, аз замоне ки Tim Bernes Lee бо лоињаи муњити телекоммуникатсионї ва ё баргузор кардани тањќиќоти муштарак дар соњаи физикаи энергияњои баланд баромад кард, шурўъ мешавад. Дар соли 1991 Лабораторияи физикаи амалии Аврупо (CERN) дар бораи таъсиси фазои нави иттилооти глобалии WWW ба тамоми љањон эълон пахш намуд.

Фазо чунин моњият дошт: санаде, ки тавассути он дастрасї ба Интернет сурат мегирад, то андозае бо ёрии забони гипертекстї коллаббандї (формат) мешавад. Иттилоот дар шабака метавонад тавассути ба истилоњ локатори универсалии захирањо пайдо карда шавад ва бо ёрии барномаи брокгаузер инъикос гардад. Яке аз барномањои муваффаќи барномаи Mozaic буд. Пайдо шудани WWW ва барнома-брокгаузер имкон дод, ки дар шабакањо на танњо барномасозњо кор кунанд, балки онњое низ, ки танњо маълумоти ибтидої рољеъ ба кор бо Windows доранд, онро ба хубї сарфањм раванд ва аз он истифода намоянд.

Њоло Интернет њазорњо шабакањои гуногуни дар тамоми љањон мављударо муттањид мекунад. Дар Русия Интернет дар гузаштаи на он ќадар дур пайдо шуд. Афзоиши босуръати истифодабарандагони Интернет дар соли 1996 оѓоз ёфт, яъне аз замоне ки имкони истифодаи Интернет дар ин кишвар ба вуљуд омад. Њамзамон бо суръати афзоиши истифодабарандагони Интернет дар Русия таѓйироти куллї дар бахши русии он низ сурат гирифт. Агар чанд сол ќабл тамоми иттилоот дар шабака бо забони англисї пахш мешуд, пас имрўз таъминкунандагони иттилоот ба истифодабарандагони русзабон рў овардаанд. Ин аст, ки имрўз дар шабакаи Интернет иттилооти гуногунро метавон бо забони русї ба осонї пайдо кард.

Почтаи электронї (e-mail) - методи интиќоли иттилоот тавассути почтаи электронї мебошад. Принсипи кор бо почтаи электронї ба кор бо мактубњои

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

(корреспонденсия) маъмулї монанд мебошад. Таъминкунандаи хизмати интернетї (провайдерњо) ба муштарї ќуттии почтаи электронї мекушоянд, ки ба он мактубњои ирсолшуда ворид мешаванд. Ба ин ќуттии электронї тибќи суроѓаи почта ба истилоњ **e-mail** парол гузошта мешавад. Дар асл, ба истифодабаранда имкон дода мешавад, ки њаљми муайяни иттилоотро дар компютери провайдер њифз кунад. Азбаски њаљми дискњои провайдер бемањдуд нест, барои иттилоот дар ќуттињои почта аз рўи њаљму муњлат ва ё барои њифзи почта маблаѓ муайян мешавад. Њангоми табодули иттилооти почта шарт нест, ки ирсолкунанда ва гиранда њамзамон дар хатти алоќа бошанд. Иттилооти ирсолшуда ба ќуттии почта меафтад ва онњоро дар ваќти мувофиќ барои худ гирифта метавонанд.

Гурўњи ахбори **UZENET NEWS** - ин тахтаи электронии эълонњо мебошад, ки дар заминаи иттилооти хеле зиёд вуљуд дорад. Имрўз гурўњи (љамъи) бештар телеконференсия меноманд. Тафовути он аз почтаи электронї дар он аст, ки иттилоот дар гурўњи ахбор барои истифодаи умум дастрас мебошад. Барои осон шудани мубодилаи гурўњњои гуногун ташкил шудаанд, ки ширкаткунандагони он иттилоотро доир ба мавзўи муайян мефиристанду ќабул мекунанд.

Хадамоти Teknet - компютери истифодабарандаро ба терминали компютери дигари дар фосилаи дур воќеъбуда мубаддал месозад. Ин хадамотро эмулятсияи терминалї меноманд. Дар амал он камтар истифода мешавад.

Хадамоти FTP-File Transfer Protocol - имкон медињанд, ки файлњо ќабул ва ё фиристода шаванд. Ин хадамот имрўз њам барои ќабули маљсулоти барномањо ба таври густурда истифода мешавад.

WWW-World Wile Web (Анкабути љањонї) хадамотест, ки имкон медињад бо санадњои гипертекстї ва гипермедиявї кор карда шавад. Барои кор бо **WWW** протоколи махсуси HTTP –Hiper Text Transfer Protocol (протоколи интиќоли гипертекст) истифода мешавад. Санадњои гипертекстї бо ёрии забони махсуси HTML (забони аломатгузории матнњо) сохта мешаванд. Санаде, ки бо ёрии ин забон сохта мешавад ва он барои истифодабаранда дастрас аст, Web-сањифа номида мешавад.

Хадамоти Archie - имкон медињад, ки файл аз рўи номаш ёфта шавад. Аммо ваќтњои охир ин хадамот камтар истифода мешавад, зеро ки дар **WWW** системањои љустуљўие пайдо шудаанд, ки имкон медињанд ин кор бо роњи осонтар сурат бигирад.

Gopher - ин системаи дастрасї ба иттилоот тавассути менюњои гузошташуда мебошад. Вай пешнамунаи (прообраз) анкабути љањонї буда, дар њоли њозир мурда истодааст, чунки гузариш дар WWW хеле осон ва мувофиќ аст.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

WAIS-Wide Area Information Service (Хадамоти иттилоотии соњањои васеъ) - системаи љустуљўи иттилоот тибќи калимаи калидї аст.

IRC-Internet chat Relay (Суњбат тавассути Интернет) - ин система то андозае ба гурўњи ахбор монанд аст, аммо табодули иттилоот бетаваќќуф сурат мегирад. Ба гурўњи истифодабарандагоне, ки ин ё он масъаларо муњокима мекунанд, иттилоот бо клавиатура њуруфчинї шуда, њамон лањза дастраси дигар ширкаткунадагони суњбат мегардад.

Самтњои зиёди шавќовари истифодаи Интернет вуљуд доранд, барои мисол гуфтугўи телефонї, ќабули мављњои телевизионї ва радиої.

Фањмост, ки чунин имконоти васеи мукотиба аз назари ташкилотњои тиљоратї дур намонд. Бинобар ин, дере нагузашта, имконоти хадамотии шабакаи Интернет барои баргузории амалиётњои гуногуни тиљоратї мавриди истифода ќарор гирифт.

Сохтор ва принсипњои кори Интернет. Аз лињози сохторї шабакаи Интернет тибќи лоињаи телекоммуникатсионие, ки соли 1962 аз љониби Пол Баран пешнињод шуда буд, ташкил ёфтааст. Ин лоиња нуќтаи марказии коммутатсионї-диспечериро пешбинї накарда буд. Дар ибтидо фикр мекарданд, ки бояд алоќа миёни ду шуъбаи ин шабака комилан беэътимод бишавад. Иттилооте, ки барои интиќол пешбинї мешуд, ба порањо таќсим гардида, дар пакетњо љо ба љо мешуд. Дар њар як пакет адреси ќабулкунанда ва ирсолкунанда зикр мегардид. Пакетњо дар шабака ба самтњои гуногун ирсол мегардиданд ва њангоми расидан ба суроѓа дар як љо љамъ шуда, дар шакли аввала барќарор мегардиданд.

Мисли дигар шабакањо Интернет аз компютерњои гуногун, ки миёни худ бо хатњои алоќа пайванданд, иборат буда, дар ин компютерњо барномањои таъминотї истифода мегардид.

Навъи таъминоти барномањо аз рўи идеологияе муайян мешавад, ки **муштарї/хизмат** ном дошта, заминаи тамоми хадамоти Интернетро ташкил мекунад. Њар як амалиёт дар шабакаи Интернет аз омил иборат мебошад: муштарї, хизмат, шабакаи Интернет, ки саволи муштариро ба хадамот медињаду посухи хадамотро ба муштарї мерасонад.

Зери мафњуми муштарї барномањое дар назар дошта шудаанд, ки бо ёрии онњо истифодакунандаи инфиродї ба ин ё он хизматрасонии (сервис) шабакаи Интернет мурољиат мекунад. Калимаи хизматрасонї имрўз чанд маъно дорад. Ин метавонад барномае бошад, ки ба муштариён маълумоти гуногун пешнињод мекунад, компютере бошад, ки дар он ин барнома иљро мешавад ва ё компютер ва барнома бо њам тавъам бошанд.

Истифодабарандаи Интернет ба шабака тавассути компютерњои ташкилотњои махсус, ки таъминкунандагони хизмати компютерї ва ё провайдер ном доранд, пайваст мешаванд.

Ба шабака мумкин аст њамчун компютери алоњида ва ё шабакаи локалї пайваст шуд. Агар ба Интернет як компютери ин шабака пайваст шуда бошад њам, чунин мањсуб мегардад, ки ба Интернет тамоми компютерњои як шабакаи алоњида пайваст шудааст.

Пайвастшавї метавонад доимї бошад ва ё муваќќатї. Таъминкунандагони шабакаи Интернет барои пайвастшавии истифодабарандагон хатњои зиёд ва хатњои баландсуръати алоќа бо Интернетро доранд. Таъминкунандагони хурд бо таъминкунандагони калон пайвастанд. Онњо дар навбати худ бо дигар таъминкунандањо алоќа доранд. Тамоми ташкилотњо миёни њам бо хатњои баландсуръати алоќа пайваст буда, ќисми базавии шабака ё сутунмуњраи шабакаро ташкил медињанд.

Интернет табодули иттилоотро байни ду компютери дилхоњи ба шабака пайваст ба амал мебарорад.

Омўзиши принсипњои иттилоот дар шабака бо ду мафњум**: сурої ва протокол** њамроњ мебошанд.

Сурої уникалии худро њар як компютери ба шабака пайваст доро мебошад.

Протокол ќоидањоеанд, ки компютер барои кор дар шабакаи Интернет муќаррар намудааст. Дар як протокол нишон додани тамоми ќоидањои њамкории муштараки компютерњоро нишон додан номумкин аст. Бинобар ин, протоколњои шабакавї тавассути принсипи бисёрсатња сохта мешавад. Дар сатњи поёнї протоколи асосї истифода мешавад-IP-Internet Protocol (Протоколи Internet) ва TCR Transmission Control Protocol (Протоколи интиќоли барномањо).

Протоколи IP хатсайри (машрутизатсия) ба адрес расондани пакетњои шабакаро таъмин мекунад**.** Протоколи TCR протоколи сатњи олї мебошад, ки барои интиќоли TCR протоколи боэътимод барои расондани иттилооти калонњаљм масъул буда, нуќсро бартараф менамояд. **TCP протокол** иттилооти дарозро ба чанд пакет таќсим намуда, њар кадоми онро аввал ба TCR-конверт, баъдан ба IP-конверт дохил мекунад. Њар як TCP-конверт ба таври муайян нишона карда мешавад, то ки баъди таќсимшавї иттилоотро боз љамъ карда шавад.

Протоколи TCP ва IP бо њам пайвастагии зич доранд, бинобар ин онњоро аксаран муттањид мекунанд. Ин кор ба он хотир сурат мегирад, ки дар Интернет протоколи TCP базавї њисоб мешавад.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Барои муайян кардани компютер дар Интернет системаи адресњое, ки IP-адрес ном доранд, истифода мешавад. Адресњои компютерї дар Интернет аз чор ададди бо нуќтањо људошуда иборат мебошанд. Њељ кадоми ин ададњо аз 256 боло нестанд. Масалан, 194, 85, 26, 130. Адресњои ададї аз љониби компютерњо барои алоќа миёни мошинњо истифода бурда мешавад, аммо онњоро азёд кардану истифодаи одамон ќулай нест. Ба њамин хотир, дар Интернет **системаи номњои доменњо** (Domain Name System-DNS) нигоњ дошта мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки дар њар як компютер дар ќатори IP-адрес номи уникалї дода мешавад.

Масалан, ба адреси дар боло зикршуда номи домении **dep-86.hers.rssi** мувофиќат мекунад. Компютерњо њангоми фиристодан адресњои раќамиро истифода мекунанд. Сарфи назар аз он ки маркази идораи Интернет вуљуд надорад, ташкилотњое мављуданд, ки ба санљиш ва додани адресњо машѓул мебошанд.

Дар асоси системаи номњои доменї принсипи иерархия вуљуд дорад. Ном аз чанд унсур сохта шуда, миёни онњо нуќта гузошта мешавад. Ном аз рост ба чап хонда мешавад. Њамин тавр, дар мисоли зикркардаи мо унсури калонтарин домени **ru** мебошад, ки ба он домени **rssi** тобеъ аст Домени **rssi** дар навбати худ домени **hers** ва ѓайраро зери итоати худ дорад.

Системаи номи доменњо характери возењи минтаќавї дорад. Маъмулан, унсури охирин (аз њама калонтарин) дар рўйхат коди дусимволаи кишварњо мебошад. Масалан, **ru**- Русия; **ua-Украина; su**-собиќ Иттињоди шўравї, **uk**-Британияи кабир, **ca**-Канада, **us**-Иёлоти Муттањидаи Амрико; **de**-Олмон**; jp**-Љопон.

Азбаски Интернет дар заминаи шабакањои ИМА сохта шудааст, коди ин кишвар навишта намешавад. Ба љои он гурўњњои зерин зикр мегарданд:

net-шабакањои захиравї;

edu-ташкилотњои маърифатї;

com-ташкилотњои тиљоратї;

mil-ташкилотњои њарбї;

cov- ташкилотњои давлатї;

org-дигар ташкилотњо**.**

Маъмулан, номи домени сатњи дуюм ба номи ширкат ва ё ташкилот мувофиќ меояд ё дар он моњияти сервер ќайд мегард**ад.** Масалан, **www Microsoft.com.** Ин љо ба сифати домени сатњи дуюм номи ширкати Microsoft нишон дода шудааст. Чунин схемаи номсозї њифзи онњоро осон мекунад. Гузашта аз ин, баъзан имкон мединад, ки номи сервери зарурї ёфта шавад. Масалан, аз рўи номи мушобењ мешавад, ки ба Web-сервери IBM: www.ibm.com ворид шуд.

Њангоми кор дар Интернет на танњо номи доменњо, балки нишонањои уникалии ресурси **URL** (Uniform Resourse Lokator) низ истифода мешаванд. **URL**-адреси дилхоњ дар Интернет ресурсест, ки он нишон медињад, ки бо ёрии кадом протокол ба он мурољиат карда шавад. Ба ибораи дигар, дар фењраст ба ѓайр аз адрес маълумоте вуљуд дорад, ки он нишон медињад, ки бояд кадом барнома ба сервер ворид карда шавад ва ё ба кадом файл мурољиат шавад. Масалан:

http; //-нишондод ба сањифаи гипертекст;

ftp//- нишондод барои дастрасї тавассути ftp;

file//нишондод ба файл;

gorher//-нишондод ба ресурси gorher;

Дар поён чанд мисоле меоварем, ки онњо иќтибосњои пурра ба сањифањои гипертескстии як ќатор ташкилотњоянд:

http;//**www.microsoft.com**-ширкати Microsoft;

http;//**www.rea.ru-РЭА** ба номи Г.В. Плеханов;

http;//gni.mos.ru-нозироти андози шањри Маскав;

http;//**www.rbc.ru**-Росбизнесконсалтинг;

http;//**hitehouse.gov**-ИМА, Кохи сафед;

Њамаи номњое, ки ин љо зикр шудаанд, шакли мухтасаршудаи WWW буда, аз характери гипертекстии мавод гувоњї медињанд. Бинобар ин, њангоми ворид кардани ин номњо шарт нест, ки протоколи HTTP зикр гардад. Он бе ин њам дар назар дошта шудааст. Масалан, www.rea.ru.

Аксаран, адрес бо символњое, ки баъди номи домени калонсатњ навишта мешавад, тавассути хатти каср «/» пурра мегарданд. Ин љузъиёти адреси ресурс дар Интернет мебошад. Маъмулан, ин номи фењраст дар сервери зикршуда мебошад ва эњтимолан номи файли мушаххас бошад. Масалан адреси www.microsoft.com/ru ба фењрасти ru дар Web-сервери ширкати Microsoft ишора мекунад.

Сохтани адреси почтањо дар Интернет хусусиятњои худро доранд. Чунон ки ќаблан зикр гардид, адреси почтаи электрониро e-mail меноманд. Вай дар худ номи мушаххаси истифодабаранда, ишораи @ ва чанд сегменти дигарро дорад, ки онњо њамчун нуќтањо дар WWW –сањифањо људо гардидаанд. Масалан, адреси хадамоти ёрии техникии яке аз провайдерњои машњури Маскав чунин аст: support@mtu.ru.

Дар ин њол ба сифати ном калимаи support истифода шудааст, вале мавќеи ќуттии почта сервери mtu.ru мебошад. Маъмулан, истифодабарандагон ќуттињои почтаро дар он провайдерњое месозанд, ки мехонанд тавассути он ба Интернет пайваст шаванд. Чун ќоида, як ќуттии почта ройгон дода мешавад, аммо бояд барои њар як ќуттии дигари почта маблаѓ пардохт шавад. Номи ќуттї

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

ва пароли дастрасї ба онро истифодабаранда мустаќилона муайян мекунад. Тавсия мешавад, ки номњои асил (оригиналї) интихоб шаванд, аммо ин номњо бояд чандон дароз набошанд. Баъзан барои сохтани ном провайдер тавсияњои худро медињанд.

Серверњое вуљуд доранд, ки дар онњо ќуттии почтаро метавон ройгон кушод. Чунин сервери хеле машњур **www.hotmail.com** мебошад. Аксарият ба иловаи ќуттињои мављудаи худ дар ин сервер боз ќуттињои нави почта мекушоянд. Доштани чанд ќуттии почта бисёр ваќт муфид мебошад, зеро онњоро бо маќсадњои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Фаромўш накунед, ки агар почтаи худро дар љои нобоб монед, имкон дорад, ки дар миёни реклама нопадид шавед. Дар чунин њолат бењтарин роњ ин аст, ки почтаи «эњтиётї»-и худро низ бимонед.

Навигатсия дар Интернет

WWW (World Wide Web) танњо як ќисми хизматест, ки Интернет дар ихтиёр дорад. Ба ѓайр аз WWW бо ёрии Интернет метавон аз почтаи электронї, хизмати FTP, конференсияњои телевизионї ва дигар намудњои хизматрасонї истифода бурд. Се WWW-ро асосан «анкабути љањонї» тарљума мекунанд.

WWW-машњуртарин сервис дар базаи Интернет мебошад. Ин обрўро WWW асосан тавассути пешнињоди осони иттилоот ба даст меорад, зеро дигар сервисњо бо он њатто комилан ќиёснашавандаанд.

WWW дар заминаи технологияњое сохта шудааст, ки асоси онро фавкматн (гипертекст) ташкил мекунад, яъне матн бо пайвандњо. Ин технология асосан дар Лабораторияи физикии њиссањои элементарї (CERN) дар Женева сохта шудааст. Ин кор имкон дод, ки мо дигар на дар бораи фазои гипертекстї, балки дар бораи фазои гипермедиявї сухан меронем, зеро теъдоди зиёди графика, мусиќї ва ѓайра низ ба он њамроњ шудааст. Сайтњо аз рўи технологияњои нав сохта мешаванд. Масалан, Flash, ки он умуман текст (матн) надорад.

Гузариш аз як сайт ба сайти дигар, аз як сањифа ба сањифаи дигар бо ёрии гипериќтибосњо сурат мегиранд.

Барои адресатсия ба WWW URL (Uniform Resourse Lokator) истифода мешавад. Дар шакли умумї URL њамчун **протокол;//адреси сервер** (host domain) /порт/ /роњ/ номи файл навишта мешавад. Барои мисол, биёед, адреси зеринро бубинем. http //www.rea.ru/index.htm.

Дар ин љо:

http-протоколро муайян мекунад, яъне роњи интиќоли санадро. HTTP (Hiper Text Transfer Protocol-протоколи интиќоли гипертекст) протоколест, ки барои кор бо санадњои гипертекстї хизмат мекунад. Маънз бо ёрии HTTP ба мо файлњо тибќи пурсишњо пешнињод мешаванд.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

www. rea.ru-адреси сервер, ки дар он www марказ (узел) мебошад, ки дар он сайт љойгир шудааст, rea. ва ru номи доменњои сатњи якум ва дуюм мебошанд.

new-фењраст (роњ) барои файли мавриди назар мебошад.

index.htm-номи файл буда, htm типи он мебошад.

Раќами паспорт дар ин маврид истифода намешавад. Чунин шуморида мешавад, ки маълумотњо дар паспорти стандартї барои протоколи мазкур воќеанд.

Аксаран барои дохил шудан ба адреси браузер кофист, ки шумо танњо адреси серверро дохил кунед. Протоколи http ба таври иловагї дохил карда мешавад. Њамчунин файли index. аз фењраст кушода мешавад.

БРАУЗЕРЊО

Браузер (browser)-барномањои шорењ (обозреватель) буда, бо ёрии онњо имкон дорад ресурсњои WWW дида шаванд. Њамчунин тавассути браузерњо файлњои HTML ва баъзе дигар намуди файлњоро низ дидан мумкин аст. Ин кор њатто дар сурати пайваст набудан ба Интернет имкон дорад. Браузерњо метавонанд адресњоро (URL) шарњ бидињанд. Њамчунин метавонанд баъзе Интернет протоколњоро аз ќабили HTTP ва FTP-ро низ фаъманд.

Ба браузерњои хеле машњур Microsoft Internet Explorer, Netscape Navigator, Opera дохил мешаванд.

Microsoft Internet Explorer

Оилаи барномањои ширкати Microsoft барои кор бо Интернет дар як муњлати хеле кўтоњ, яъне тўли солњои 1995-1997 сохта шудааст. Дар ибтидо онњо мисли барномањои ширкати Nescape Communication машњур набуданд. Аммо баъди тавлиди силсилаи барномањои **Internet Explorer**, баъдан њамгироии (интегратсия) онњо ба системаи амалиётии Windows 98 вазъият ба куллї таѓйир ёфт. Ин махсусан ба бахши русии Интернет тааллуќ дорад. Ин маънои онро дорад, ки беш аз 70% истифодабарандагон дар њоли њозир бо барномањои **Internet Explorer** кор мекунанд. Њар як барномаи ин оила барои њалли масъалаи мушаххас нигаронида шудааст. Ба оилаи барномаъо барои кор бо Интернет инњо дохил мешаванд.

-Шорењи Internet Explorer - барномаи тамошои санадњои WWW, шабакањои минтаќавї ва интрасет;

-барнома барои табодули иттилоот ва кор бо гурўњи иттилоотии **Outlook Express;**

-барномаи Netmeeting - воситаи гузарондани конференсияњо тавассути Интернет ва ё дар шабакаи минтаќавї бо имконоти даъват, интиќоли садо ва тасвири видео;

-барномаи Netshow, ки имконият медиањад дар Интернет санадњои чандрасонаї нишон дода шаванд.

Барои ба кор даровардани шорењ имкон дорад аз пиктограмма дар мизи корї истифода шавад.

Барномаи FontPage Express-муњаррири санадњо ба забони NTML.

Барои ба кор даровардани шорењ имкон дорад аз аз пиктограмма дар мизи корї ё ќисми мувофиќи Менюи асосї истифода шавад.

Агар компютери шумо ба таври доимї ба Интернет пайваст бошад, дар тирезаи браузер сањифае кушода мешавад, ки тибќи танзими (настройка) љорї он њамчун сањифаи хонагї муайян шудааст. Дар акси њол шуморо лозим аст, ки пайвастшавии фосилавиро истифода кунед. Он ба воситаи папкаи системавии «Дастрасии фосилавї» (Удаленный доступ) дар барномаи «Мой компьютер» кушода мешавад. Баъди пайвастшавї дар равзанаи Internet Explorer сањифаи хонагї кушода мешавад, ки ин омил бо мурури замон боиси дар бонкњо ба таври фосилавї анљом додани амалиёт гардид.

6.2. Зарурат ва маќсади омўзиши интернетбонк дар фаъолияти бонкњои тиљоратї

Интернет-бонкинг ин ба муштариён пешнињод намудани хизматрасонии гуногуни бонкї тавассути шабакаи Интернет бо ёрии комплекси махсуси барномавию дастгоњї аст. Ба маънии васеъ интернет-бонкинг - системањои гуногуншакли аз web- сањифањои бонк дар Интернет сар карда, то системањои мураккаби пардохти виртуалї иборат аст. Аз хизматрасонињои интернет-бонкинг чї шахсони њуќуќї ва чї шахсони воќеї истифода мебаранд.

Интернет-бонкинг барои шахсони њуќуќї ин шабењи системаи «бонк-муштарї» мебошад, ки ба воситаи Интернет кор мекунад.

Интернет-бонк аз системаи «бонк-муштарї» интерфейси ботафсил, имкониятњои васеи диди визуалї (назар) ва коркарди њуљљатњои пардохтро бо ёрии компютер ва системањои њаммонанди (идентификатсия) имзоњои электрониро иќтибос кардааст. Аз телебонк бошад, имкониятњои корро бо бонк аз њар нуќтаи ба Интернет пайваст ва дараљаи пурраи автоматонии натиљањои робитаи муштариро бо бонк гирифтааст.

Системањое мављуданд, ки дар онњо Интернет танњо њамчун воситаи гирифтани маълумот (онњоро «муштарии ѓафс» меноманд) ва њамчун технологияњои мустаќили иттилоотї истифода бурда мешавад (онњоро «муштарии борик» меноманд). Дар њолати якум Интернет танњо иловаи системаи классикии «бонк-муштарї» аст, ки масъалаи робитаро бо бонк њал менамояд. Чунин системањо нисбати системаи расмии «бонк-муштарї»

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

робитаро зудњаракат ва фаврї мекунад, вале, бар замми ин, сатњи бехатарї ќадре коњиш меёбад, гарчанде ки Интернет ин шабакаи кушода аст.

Дар системањои шакли дувум таъмини барномавии амалї ин интернет-илова мебошад, ки танњо дар мавриди робитаи бонк бо муштарї фаъолият мекунад. Њангоми истифодаи чунин система ба муштарї муќаррар намудани таъмини барномавї ва дар компютери худ нигоњ доштани базаи маълумотњо лозим нест. Вай метавонад ба њисоби бонкии худ роњ ёфта, ба сервери бонк дар Интернет аз њар компютер ворид шавад ва пароли худ ва раќами идентификатсионо дарорад. Барои тањкими бехатарї усулњои гуногуни њимоякуниро метавон истифода бурд, ба мисли пароли сеансї, дискетњои калидї ва калидњои дастгоњї, ки муштариро њаммонанд мекунанд.

Баъзан ба воситаи Интернет на њама хизматрасонињои аз љониби «бонк-муштарї» ба назар гирифташуда, инчунин иттилооти онњо (имконияти гирифтани иќтибос аз рўи њисоб ва аз рўи дигар хабарњо бо бонк мубодила кардан, ки бо њаракати маблаѓњои пулї аз рўи њисоб алоќаманд нест) пешнињод мегарданд.

Барои анљолї дар шабакаи Интернет хизматрасонињо барои бо маѓозањои электронї чї тавассути «пулњои электронї» ва чї тавассути кортњои пардохтї њисобї кардан пешкаш мешаванд.

Як ќатор бонкњо ба шахсони воќеї дар Интернет хизматрасонии бонкии муштариёни дурдастро (home-banking - бонки хонагї) пешкаш мекунанд, ки моњиятан ба системаи «бонк-муштарї»-и барои шахсони њуќуќї монандї дорад.

Системаи «бонки хонагї» барои идоракунии њисоби воќеии бонкии шахсони хусусї ба воситаи Интернет таъйин шудааст, ки ба истифодабарандагони худ хизматрасонии мукаммали бонкиро шабонарўзї дар рељаи ваќти муайян аз њар нуќтаи кураи замин пешнињод мекунад.

Бо ёрии «бонки хонагї» ба воситаи Интернет муштарї метавонад:

- Хизматрасонии коммуналиро пардохт намояд: пули иљораи хона, пули телефон, пардохти ќувваи барќ; нигоњ доштани њуљљатњои пардохт ва борхатњо (квитансия) дар бораи пардохт дар намуди электронї; дар мавриди зарурат гирифтани борхат бо тасдиќи имзои бонк;
- Интиќоли дохилї ва байнибонкї: интиќоли маблаѓ аз њисоби худ ба њар њисоби шахси воќеї ва њуќуќї дар ин бонк ё ки дар њар бонки дигар; нигоњ доштани борхат дар бораи интиќоли маблаѓ чї дар намуди электронї ва чї дар коѓаз, гирифтани борхат бо тасдиќи имзои бонк;
- Пардохт намудани њисоби операторони робитаи пейљингї ва провайдерони алоќаи мобилї дар рељаи ваќти муайян дар якчанд сония;
- Харид ва фурўши асъор, шабонарўзї ба амал овардани табдили асъор аз рўи ќурби имтиёзнок, дар якчанд сония гузаронидани асъори хориљии

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

харидашуда ё ки сомонї ба њисоби кортї ё ки дигар њисоб, кушодани амонатњои арзї;

- Пур кардани њисоби кортии системањои маъмули пардохт;
- Роњ ёфтан ба таърихи пардохт, гирифтани иќтибос аз рўи њисоб ва ѓайрањо.

То њол Интернет аз љониби камтари муштариёни ба навоварињо таъсирпазир истифода бурда мешавад ва он куллан ба аксари муштарї нигаронида шудааст. Бо вуљуди ин бояд тасмим гирифт, ки баъд аз якчанд сол маљз «интернет-бонк» воситаи машњур ва маъмули фаъолияти фосилавї (дистансионї) бо њисоби бонкї хоњад шуд. Оммавият ба интернет-бонк роњро ба сўи Интернет аз телефони мобилї таъмин мекунад.

6.3. Методологияи истифодаи интернетбонк ва афзалиятњои он дар низоми бонкї

Барои кам кардани харољот ва зиёд намудани сатњи даромаду хизматрасонї бонкњои тиљоратї њама ваќт дар љустуљўи роњњои самараноки хизматрасонї мебошанд. Дар бари њамаи барномаю шабакањои байналмилалї яке аз шабакае, ки бевосита ба фаъолияти бонкњои тиљоратї сабукї оварад, ин интернетбонк мебошад, ки ба воситаи шабакаи умумиљањонии Интернет амалї карда мешавад. Дар маљмўъ, интернетбонк ин омили бисёрфунксионалї буда, дар асоси иљозатнома ва барнома барои ташкилотњо ва мизољон тавассути бонк ба воситаи интернет бо ёрии компютер, ноутбук, телефони мобилї ва ѓайрањо амалї карда мешавад.

Низоми интернетбонк имконият медињад, ки новобаста аз љойгиршавии мизољ амалиётњои молиявї ба таври фосилавї идора карда шавад.

Низоми интернетбонк ин яке аз роњњои дигари шаклњои амалиётњои бонкист.

Гузаронидани амалиёт тавассути интернетбонк ин интиќоли воситањои пулї бо пули миллї дар дохили Љумњурии Тољикистон мебошад.

6.4.Саволњо барои назарсанљї:

1. Интернет чист?
2. Зарурати интернет барои љомеа дар чист?
3. Интернет кадом сол ташкил ёфтааст?
4. Президенти иттињодияи интернет кист?
5. Даврањои рушди интернет дар љомеа?
6. Маркази асосии интернет дар куљост ва механизми асосии идоракунии он чї тавр сурат мегирад?

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

7. Почтаи электронї чист?

8. Гурўњи ахбори UZENET NEWS чиро дар бар мегирад?

9. Хадамоти Teknet-компютерї чї вазифа дорад?

10. Хадамоти Archie чї вазифа дорад?

11. IRC-Internet chat Relay чиро ифода мекунад?

12. Сохтор ва принсипњои кори Интернет чї гуна аст?

13. Сохтори шабакаи Интернет аз тарафи кадом олим пешниҳод шудааст?

14. Протоколи интернетї чист?

15. WWW чї маъно дорад?

16. Браузер чист?

17. Интернетбонк чист?

18. Интернетбонк ба фаъолияти бонкњои тиљоратї чї таъсир расонд?

19. То кадом андоза интернетбонк ба даромади бонкњои тиљоратї таъсир расонид?

20. Интернетбонк дорои кадом афзалиятњост?

21. Зарурати гузаштан ба интернетбонк дар чист?

Мавзўи 5. Технологияњои иттилоотї ва хизматрасонии эквайрингї дар фаъолияти бонкї

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

5.1. Мавќеи технологияњои иттилоотї дар низоми муносибатњои молиявию иттилоотї

5.2. Маќсад ва моњияти хизматрасонии эквайринг

5.3. Эквайринг ќабули пардохти кортњои пластикї дар муасиссањои савдо ва хизматрасонї

5.4. Низоми нави «Бонк-мизољ» ва бартариятњои он дар фаъолияти бонкї

5.5. Саволњо барои назарсанљї

5.1.Мавќеи технологияњои иттилоотї дар низоми муносибатњои молиявию иттилоотй

Технологияњои иттилоотии муосир, ки аз восита ва усулњои техникаи њисоббарор ва алоќа истифода менамояд, дар муносибатњои байналмилалии молиявию ќарздињї фаъолона корбаст мешавад. Њаљми калони иттилооти мудом навшавандаи таљлилї ва тањлилї дар бораи шарикон, мизољон, талаботи бозорњои љањонї, ки донистан ва сари ваќт коркард карданашон самаранокии субъектњои хољагидориро дар бозори љањонї баланд бардошта, барои назорат кардани таваккалњо дар савдои љањонї имконият фароњам меоварад, сабабгори дар муносибатњои байналмилалии молиявї васеъ истифода шудани технологияњои иттилоотї гаштааст. Барои кор бо иттилооти махсусгардондашудаи байналмилалии иќтисодї (аз љумла асъорию ќарздињї ва молиявї) протсессорњои матнї, љадвалї, наќшавї, системањои идоракунии базаи маълумот ва ѓайра тањия карда шудааст.

Иштирокчиёни муносибатњои байналмилалї ва дохилї аз хизмати системањои байналмилалию дохилии худкори њисобу китоби байни бонкњо, савдои коѓазњои ќиматноки CEDEL, амалиёти арзї ва хизматрасонии иттилоотии REUTERS monitor service васеъ истифода мебаранд. Ширкатњои GEORISK – филиали ассотсиатсияи SHARP – таъминотчии асосии системањои идоракунии STREAM буда, ин шакли хизматрасонї ба хизматрасонии экайрингї марбут аст.

Воситањои барномањои комплексии мазкур ба бонкњо имконият медињад, ки таваккали савдои љањониро назорат кунанд. Система дастрасиро ба шабакаи умумиљањонии SHARP-IPSANET таъмин менамояд. Ба шабакаи мазкур воситањои интерфейсии СВИФТ њам ворид мешавад, ки он дар навбати худ то њадди имкон компютерї кунондани амалиётњои асъорию ќарздињї ва молиявиро таъмин мегардонад.

Шабакаи умумиљањонии Интернет њамчун воситаи ба њам наздикшавии иќтисоди љањонї ба равандњои рушд ва такомули муносибатњои иќтисоди љањонї таъсири калон мерасонад. Ба воситаи Интенет муомилоти молиявї ва корпоративї анљом дода мешаванд, майдонњои электронии савдо фаъолият менамоянд. Воситањои техникии Интернет ба гуфтушунидњои байналмилалї ва интиќоли иттилооти махфї мусоидат менамоянд.

Моњи июли соли 2000 барномањое ба истифода дода шуданд, ки дар онњо технологияи IntelliSense истифода шудааст. Технологияи мазкур суръат ва сифат, сатњи автоматикунонии љустуљўйи иттилоот, њамкории шуъбањои алоќа ва талњизоти гуногуни электрониро таъмин мегардонад.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

5.2. Маќсад ва моњияти хизматрасонии эквайринг

Дар баробари афзоиши шумораи хизматрасонињо ба мизољон бонкњои тиљоратї кўшиш менамоянд, ки намудњои нави хизматрасониро ба мизољони худ пешнињод кунанд. Хизматрасонии эквайринг дар баробари дигар хизматрасонї ва амалиётњои имтиёзнок ба мизољон, ба монанди овердрафт, интернетбонк, бонкдории мобилї ва дигар хизматрасонињои наву муосир мебошад. Пешнињоди чунин шакли хизматрасонї ба мизољон имконият медињад, ки муносибатњои хариду фурўшро тавассути ин намуди хизматрасонї бо роњи гузаштани пул аз як суратњисоб ба суратњисоби дигар роњандозї намояд. Аслан ин дар асоси шартнома байни мизољу бонки эквайр ба роњ монда мешавад.

Љараёни сурат гирифтани эквайринг тавассути бонки эквайр оид ба хизматрасонии кортњои пластикї њангоми пардохти мол ва хизматрасонињо, ки аз љониби ширкатњои гуногун тибќи дархост пешнињод мешавад, роњандозї карда мешавад.

Дар шароити имрўза кортњои пластикї шакли васеъ пањншудаи пардохтњои наќдию ѓайринаќдї барои хариди мол ва хизматрасонї ба шумор рафта, бештар бо суръати баланд љойивазкунии гардиши наќдии воситањои пулиро таъмин менамоянд. Пардохти молњои харидашуда ва хизматрасонї тавассути кортњои бонкї шакли маъмули њисобњо дар бозор миёни фурўшанда ва харидор ба шумор меравад. Маъмулан кортњо њарчї бештар тибќи таќозои замон ќисми људонашавандаи њаёти њаррўзаи инсонњо мањсуб гашта, дорандагони он рўз аз рўз зиёд мешаванд. Дар айни њол бештар ин шакли хизматрасонї миёни кормандони ширкатњо, корхонањои истењсолию хизматрасонї, муассисањои савдо, корхонањои буљетию ѓайрибуљетї, муассисањои таълимї, ки музди мењнаташонро тариќи кортњои плостикї мегиранд, инчунин сайёњони хориљї, ки фаќат бо њамин намуди њисобњо одат намудаанд ва шањрвандоне, ки бо худ гардонидани маблаѓњои калони наќдиро одат накардаанд, самаранок ва муфид аст.

5.3. Эквайринг кабули пардохти кортхои пласиткй дар муассисахои савд ва хизматрасонй.

Ин усул барои њамкорї ва рушди дурнамо дар самти ќабули пардохти кортњои пластикї, таъмини рушди дурнамои тиљоратї ва амнияти пардохти воситањои пулї, њамлу наќли воситањои пулї мусоидат менамояд. Имконияти васеи тавассути дастгоњњои пардохтї љорї намудани кортњои пластикии низомњои пардохтии Visa International, MasterCard Worldwide ва КАД самаранокии фаъолияти тиљоратиро њангоми хариду фурўш зиёд мегардонад. Барои дастрасї ба чунин шакли хизматрасонї Шартнома баста шуда, ташкилот ё корхонаи аъзо метавонад дар дастрасї бе харољотњои зиёдатї на танњо роњњои осон ва сариваќтии пардохтро љорї намояд, балки як ќатор бартариятњои барои

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

бењбудии фаъолияти тиљоратї зарурбударо амалї гардонад. Ба инњо дохил мешавад:

1. Бењтар намудани мавќеъ ва имиљи муассиса аз њисоби истифодабарии технологияњои замонавї ва ба мизољ пешнињод намудани имконияти интихоби воситаи пардохт.

2. Имконияти захиравии муътадили зиёд намудани гардиши молу хизматрасонї.

3. Зиёдшавии шумораи мизољон ва гардиши корхона ва муассиса аз њисоби:љалб намудани мизољони нав - соњибони кортњои пластикї, зиёд намудани њаљми миёнаи харид, харид бо ќарз тавассути кортњои кредитї.

4. Бехатарї ва ќулай будани пардохтњо: барои аз ќаллобї ва пулњои ќалбакї эмин будан, номањудудї аз воситањои пулии мављудбуда, дорандагони кортњо барои харидорї намудани харидњои ѓайринаќшавї ва молњои ќиматтар мушкилї намекашанд;

- Воситањои наќдї дар хазинањо камтар мешаванд;
- Бо кортњо кор кардан хеле осон ва ќулайтар аст;
- Навбати камтар дар назди хазина, инчунин хазинадор барои пардохи баќия ваќт сарф намекунад;
- Мањдуд гаштани шумораи амалиётњо бо наќдинањо ва гузаронидани пулњои майда ба хазина;
- Мањдудшавии харољот барои њаволањо;

5. Кушодани суратњисоб њатмї нест.

6. Шартњои манфиатовари хизматрасонї ва љуброни воситањо дар муњлати кўтоњтарин.

7. Барномањои якљояи шарикї барои дорандагони кортњои плостикї.

Барои оммафањм будани механизми пайвастшавї ба хизматрасонињои бонкї њама ваќт намунаи пайвастшавї ва тартиби истифодаи он нишон дода мешавад, ки инњоро дар бар мегирад:

1. Муассиса шартномаи эквайрингї мебандад.

2. Ташкилоти ќарзї талњизоти муњими замонавиро, ки дар усули онлайн бо низоми бонкї кор мекунад, пешнињод ва ба роњ мемонад.

3. Ташкилоти ќарзї омўзиши кормандонро оид ба таљрибаи ќабули пардохтњо тавассути кортњои плостикї доир менамояд.

4. Харидор кортро барои пардохти харид пешнињод менамояд.

5. Гузаронидани амалиётњо на бештар аз як даќиќа.

6. Гузаронидани воситањои пулї ба суратњисоби ташкилот бо назардошти комиссия барои амалї намудани њисобњо.

Шартњои хизматрасонињои эквайрингї дар ташкилоти ќарзии ба ин намуди хизматрасонї пайваст яке аз манфиатноктарин хизматрасонињо дар бозор ба шумор меравад ва дар њар як њолат суњбатњои инфиродї гузаронида мешаванд ва изофањои молиявии иловагї талаб карда намешавад.

5.4. Низоми нави «Бонк-мизољ» ва бартариятњои он дар фаъолияти бонкї

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Дар шароити имрӯза бонкњо њамчун инноватсия чунин тарзи корро ба муштарї тавассути низомњои пардохти яклухт барои хизматрасонии фосилавии њисоби муштарї –шахси њуќуќї ё воќеї истифода мебаранд. Низоми «бонк-муштарї» ин низоми компютерии автоматишудаи њисоби электронї ба воситаи робитаи модемї дар навбати аввал ба муштариёни сатњи миёна ва калонтарин ва ё ки консервативии бонк – шахсони њуќуќї, инчунин ба бонк-мухбирон ва љузъи бонк нигаронида шудаанд (филиалњо, шуъбањо, нуќтањои мубодилаи арз). Бо ёрии чунин система муштариёни бонк метавонанд бевосита аз хона ё ин ки аз офиси худ муомилоти гуногунро роњандозї намоянд.

Низоми «бонк-муштарї» ба технологияи бекоѓази пеш бурдани кори бонк бо муштарї асос ёфта, мањз дар додани намунањои электронии њуљљатњои пардохтї бо шабакаи телефон, танњо ба сифати тадбирњои иловагии бехатарї формат (андоза)-и нодири њуљљатњо, модемњо ва системаи имзои электронї истифода бурда мешавад.

Низоми классикии «бонк-муштарї» мављуд будани таъминоти барномавиро, ки чї дар муштарї ва чї дар бонк гузошта шудааст, дар назар дорад. Дар ќисмати муштарии барнома маълумотњои ин муштарї ва дар бонкї бошад, њамаи муштариёни он нигоњ дошта мешаванд. Робита аз рӯи модем бо роњи пайвастшавии телефонї бо хизматрасонии бонк ба вуљуд меояд.

Хизматрасонињои асосии тавассути низомї «бонк-муштарї» пешнињодшаванда инњоро дар бар мегирад:

- Ба бонк супоридани шаклњои гуногуни њуљљатњои пардохтии муштарї, аз љумла супоришномањои пардохтї бо имзои ададї;
- Гирифтани иќтибос аз бонк аз рӯи њисоби муштарї;
- Мубодила бо бонк бо хабарњои гуногуни иттилоотї;

Бонкњо дар асл пешќадам кӯшиш менамоянд, ки доираи муомилотро васеъ гардонанд, то ки муштарї тавонад аз офис ё љои мављудаи худ бо истифодаи системаи «бонк-муштарї» ин муомилотро гирад.

Ба онњо чунин амалиётњо мисол шуда метавонанд:

- Ба бонк ирсол намудани дархост барои гирифтани пули наќд;
- Ба бонк ирсол намудани супоришнома барои харид ё ки фурӯши асъори хориљї ё ки коѓазњои ќиматнок;
- Мубодилаи хабарњои иттилоотї бо дигар муштариёни ба ин низом пайвастшуда;
- Ба муштариён пешкаш намудани иттилооти гуногуни амалиётию молиявї (ќурби асъор, хариду фурӯши коѓазњои ќиматнок, шарњи бозори молиявї ва ѓ.);
- Ирсоли дархостњои гуногун ва гирифтани маслињат илова хоњанд шуд.

Афзалият барои муштариён аз истифодаи низоми «бонк-муштарї» дар он аст, ки онњо ваќт ва маблаѓро барои ба бонк омадан сарфа мекунанд, инчунин барои кор бо њуљљатњои пардохтии худ интерфейси ќулай мегиранд. Њамин

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

тавр, аксарияти системаҳо вазифаҳои хизматрасонии зеринро барои муштарї дар назар доранд:

- Маълумотномаи навкардашудаи электронии кодҳои бонкии ҳаммонандкардашуда ва дигар маълумотҳои ҳатмии пардохтии ҳамаи бонкҳои хизматрасон;
- Омодагии автоматишудаи ҳуҷҷатҳои пардохтї бо истифодаи нусхаҳо ва маълумотномаҳои маҳдуд (таъйин кардани пардохт, маълумоти ҳатмии зидди агентҳои муомилот, кодҳои оморї);
- Имконияти содирот ва воридоти маълумотҳо аз барномаи муҳосиби муштарї;
- Назорат аз рӯи гузаштани ҳуҷҷати пардохти ба бонк ирсолшуда (агар ҳуҷҷат хато бошад, вай ба муштарї бозгардонида мешавад ва баъд аз ислоҳ боз ба бонк ирсол карда мешавад) ва ѓ.

Ҳифзи иттилоот дар низоми «бонк-муштарї» бо роҳи истифодаи имзои сифрии электронї (ИСЭ) ва усулҳои хати рамзии барамздарории иттилоот ба амал меояд.

Фоидаи бонк аз хизматрасонии муштариён тавассути системаи роҳи буридашуда нисбати ҳисоб чунин аст: сарфаи ваќти амалиётчиён барои ќабул ва коркарди ҳуҷҷат, ќабулгоҳи амалиётї холї мегардад, имконияти ба танзим овардани таъмини иттилоотии муштариён ба вуҷуд меояд. Ба ѓайр аз ин, дар бонк имконияти љалби муштариёни аз офис дурбуда барои хизматрасонї пайдо мегардад, инчунин бонк дар намуди пардохти муштариён барои истифодаи системаи «бонк-муштарї» даромади иловагї мегирад.

Барои ба ин система пайваст шудан муштарї бо бонк барои хизматрасонї дар системаи электронии «бонк-муштарї» шартнома мебандад. Баъд аз бастани шартнома бонк таъйин мекунад:

- Ба муштарї додани ҳуҷҷатҳо дар бораи кор бо система;
- Муќаррар намудани таъмини махсуси барномавї;
- Омӯзиши шахсони ваколатдори муштарї дар бораи кор бо система;

Ба ѓайр аз ин, бонк дастгирии техникиро ҳангоми навшавии барнома, пайдо шудани тафсири нави система кафолат медиҳад; ҳангоми кори система бо телефон маслиҳат ва тавсия медиҳад.

Шакл ва намуди љои корї (аз љумла рӯйхати (меню) экран) дар бонк ба вуҷуд оварда мешавад. Муштарї љои кори тайёрро мегирад, вай метавонад дар ҳудуди ваколати аз љониби бонк додашуда онро таѓйир диҳад. Кори муштарї танҳо бо ворид кардани ҳуҷҷатҳо маҳдуд карда шудааст ва дар мавриди зарурат бо воридот/содироти маълумотҳо аз барномаи муҳосиб, инчунин азназаргузаронии маълумотҳои аз бонк воридшударо иљро менамояд. Ҳар муштарї метавонад чї менюи (рӯйхати) гуногун ва чї маълумотномаи гуногун, нусха ва асос дошта бошад.

Барои оѓози кор дар системаи «бонк-муштарї» муштарї бояд дар бонк калидҳои хати рамзиро ќаблан пайдо ва ќайд намояд ва гувоҳномаҳои (сертификатҳо) сифрии электронї гирад.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Барои таъмини амнияти иттилоотї њангоми кор бо системаи хизматрасонии бонкии дур кардашудаи «бонк-муштарї» барномаи њимоякунанда истифода бурда мешавад. Ин барнома EXE-и модули иљрошаванда буда, имзои электронии сифрї ва барамздорории файлњоро таъмин месозад. Вай одатан ба муштарї дар њайати љои кори автоматонишудаи муштарии системаи «бонк-муштарї» гузошта мешавад.

5.5. Саволњо барои назарсанљї

1.Технологияњои иттилоотии муосир дар фаъолияти бонкї кадом омилњоро дар бар мегирад?

2. Барои кор бо иттилооти махсусгардондашудаи байналмилалии иќтисодї кадом омилњо муњиманд?

3. Кадом ширкатњои бонуфузи байналхалќї ба хизматрасонињои фосилавї машѓуланд?

4. Моњи июли соли 2000 кадом барномаљо оид ба технологияњои иттилоотї ба истифода дода шуданд?

5. Эквайринг чист?

6. Бонки эквайр чист?

7. Љараёни иљрои хизматрасонии эквайрингї чї гуна аст?

8. Эквайринг дар кадом њолат истифода ва ќатъ карда мешавад?

9. Кадом кортњои пластикї дар низоми пардохт ба таври васеъ истифода мешаванд?

10. Эквайринг дар муносибатњои тиљоратї чї ањамият дорад?

11. Бехатарї ва ќулай будани пардохт дар кадом меъёрњо асос меёбад?

12. Низоми нави бонк-мизољ кадом омилњоро дар бар мегирад?

13. Низоми классикии бонк-мизољ чиро дар бар мегирад?

14. Хизматрасонии тавассути низоми бонк-мизољ амалишаванда кадом омилњоро дар бар мегирад?

15. Афзалият барои муштариён аз истифодаи низоми бонк-муштарї дар чист?

15. Њифзи иттилоот дар низоми бонк-муштарї бо кадом роњ сурат мегирад?

16. Барои оѓози кор дар системаи бонк-муштарї кадом омил наќши калидї дорад?

17. Барномаи таъминкунандаи бонк-муштарї чї ном дорад ва чї гуна истифода мешавад?

Мавзўи 6. Њисоббаробаркунии байнибонкї ва ањамияти он дар шароити муосир

6.1. Маќсад ва моњияти њисоббаробаркунии байнибонкї

6.2. Њисоббаробаркунии байнибонкї бо истифодаи њисоби муросилотї дар бонки марказї (миллї)

6.3. Њисоббаробаркунии байнибонкї дар њолати мављудияти муносибатњои муросилотї

6.4. Моњият ва гурўњбандии њисобњои муросилотї

6.5. Њисоббаробаркунии дохилисистемавї дар бонкњои тиљоратї

6.6. Саволњо барои назарсанљї

6.1.Маќсад ва моњияти њисоббаробаркунии байнибонкї

Маќсади омўзиши шаклњои гуногуни њисоббаробаркунї ташкили дурусту самараноки пулгузаронї аз суратњисоби харидор (пулдињанда) ба суратњисоби фурўшанда (пулгиранда) мебошад. Зарур аст, ки пули фурўшанда њарчи тезтар ба суратњисоби он ворид шавад. Дар шароити љањонишавии умумї њаљми савдои байналмилалї новобаста аз љойгиршавии љуѓрофии корхонаю ташкилотњо рўз аз рўз меафзояд. Бонкњо њамчун муассисањои ба онњо хизматрасон доимо дар љустуљўи шаклњои њозиразамони њисоббаробаркунианд.

Ба њама маълум аст, ки новобаста аз масофаи байни корхонаю ташкилотњо (масалан, Душанбе-Париж) бонкњо ба якдигар пули наќд намефиристонанд. Илова бар ин, маблаѓи пардохтњои пулї дар як рўз чандин миллиардњоро ташкил медињад, ки аз як љой ба љойи дигар бурдани он гаронбањост. Маблаѓњои пули наќди дар бонкњобуда дањњо маротиба аз маблаѓи пардохтњо камтар аст. Пас чї гуна бонкњо њисоббаробаркунии байни мизољонро таъмин менамоянд?

Бонкњои тиљоратї барои таъмини њисоббаробаркунии мизољонашон дар бонкњои марказии (миллї) мамлакати худ ва бонкњои тиљоратии дохилию хориљї њисобњои муросилотї (correspondent account) мекушоянд. Вобаста ба муносибатњои молию пулии мизољон бонкњо дар ин њисобњо маблаѓи муайянро нигоњ дошта, њангоми зарурат аз он ба суратњисоби пулгиранда пул мегузаронанд.

Њисоби муросилотї - њисоби як бонк дар бонки дигар.

Дар асл байни бонкњо њуљљатњои пулї ва паёмњои махсуси электронї њаракат мекунанд, на ин ки њуљљатњою паёмњои ташкилоту механизмњои махсуси њимояшаванда ташкил шудааст. Масалан, соли 1973 аз 15 мамлакати љањон 239 бонк Љамъияти умумиљањонии алоќањои молиявии байнибонкї (Society For Woridwide interdank Finansal Telecommunication - SWIFT)-ро ташкил намуданд. Шабакаи SWIFT љойи телетайпро гирифт. Баъди чанде ба якумин шабакаи байналмилалї мубаддал гардид. Соли 2006 миќдори аъзоёни он

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

ба 7,8 њазор бонку ширкат аз 198 мамлакати љањон расида, адади паёмњо камтар аз 2 миллиардро ташкил дод. Ба воситаи SWIFT рўзе 11 млн. адад амалиёти бонкї иљро мешавад. Бонкњои узви шабакаи SWIFT ба воситаи он паёмњои пулиро, ки бо кодњои махсус њимоя шудаанд, ба њам мефиристанд ва дар асоси онњо пулгузарониро байни мизољон таъмин менамоянд. Истифодаи SWIFT аз љониби бонкњои тиљоратии Тољикистон солњои 1996-1997 шурўъ шудааст. То ин давра бонкњо аз телетайп истифода мекарданд, ки шабакаи боварнок ва таъминкунандаи суръати зарурии пулгузаронї набуд.

Дар дунё миќдори бонкњо хеле зиёд аст ва албатта, бонки алоњида наметавонад дар њамаи онњо њисоби муросилотї дошта бошад. Бонки тиљоратї чанд бонкеро интихоб мекунад, ки нигоњ доштани маблаѓњои пулиаш дар онњо ба маќсад мувофиќ аст. Масалан, доштани њисоби муросилотї дар бонкњои аврупої имкон медињад, ки аз як тараф, хизматрасонии сариваќтии мизољон таъмин карда шавад, зеро пахтаю алюминий, тилло ва мањсулоти дигар ба ширкатњои аврупої фурўхта мешавад, аз тарафи дигар, бонк имкон дорад маблаѓњои пулиро бо фоизи баландтар пасандоз кунад.

Вобаста аз мављудияти муносибатњои муросилотї тартиби њисоббаробаркунї байни бонкњо гуногун аст.

Муносибатњои муросилотї дар якљоягї кушодани њисобњои муросилотї, ба њам фиристодани њуљљатњо, нигоњдошти пул, ба њисобњои дигар гузаронидану аз он ворид шудани пулро дар бар мегирад.

6.2. Њисоббаробаркунии байнибонкї бо истифодаи њисоби муросилотї дар бонки марказї (миллї)

Дар давраи аввали ба муносибатњои муросилотї гузаштани бонкњо дар Тољикистон онњо танњо дар Бонки миллї њисоб доштанду халос. Њамаи њисоббаробаркунињо ба воситаи ин њисобњо сурат мегирифт. Баъдан ба онњо иљозат дода шуд, ки дар якдигар њисоби муросилотї кушоянд. Ин њам боз боиси инкишоф ёфтани муносибатњои муросилотї гардид.

Бонкњо баъди ќабули супоришномаи мизољ оид ба пардохт супоришномаи худро дар хусуси аз њисоби муросилотиашон гузаронидани маблаѓи муайян ба њисоби муросилотии бонки дигар тартиб дода, ба Бонки миллї мефиристанд. Бонки миллї ин супоришномаро иљро намуда, ба њарду бонк хабар медињад. Бонки пулгиранда дар навбати худ оид ба вориди пул ба он хабар медињад.

Њисоббаробаркунии байнибонкї бо истифодаи њисобњои муросилотї дар Бонки миллї.



Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union



1. Фиристодани мол, иљрои кор ё хизматрасонї ва њуљљатњои шањодатдињандаи он; 2- пешниҳоди њуљљатњою супоришномаи пулдињї ба бонк; 3 - гузаронидани пул аз СХ-суратњисоби харидор ба ЊМБХБМ – њисоби муросилотии бонкии харидор дар Бонки миллї; 4- фиристодани супоришномаи пулдињї ба Бонки миллї; 5 – аз њисоби муросилотии бонки харидор ба њисоби муросилотии бонки фурўшанда гузаронидани пул; 6 – фиристодани њуљљатњои шањодатдињандаи вориди пул ба бонки фурўшанда; 7 – аз њисоби муросилотии бонки фурўшанда дар Бонки миллї ба суратњисоби фурўшанда гузаронидани пул; 8 – ба фурўшанда фиристодани њуљљатњои шањодатдињандаи ворид шудани пул ба суратњисоби он.

Њамин тавр, маблаѓи зарурї аз як бонк ба бонки дигар гузаронида мешавад, вале истифодаи Бонки марказї (миллї) њамчун миёнарав гардиши пулро каме суст мекунад, аз ин рў, бонкњои тиљоратї њавасманди истифодаи шаклњои пешрафтаи муносибатњои муросилотианд.

6.3. Њисоббаробаркунии байнибонкї дар њолати мављудияти муносибатњои муросилотї

Мављудияти муносибатњои муросилотї маънои доштани суратњисоби муросилотї дар якдигарро дорад. Масалан, барои таъмини њар чи тезтар гузаштани маблаѓњо байни мизољони Фононбонку Ориёнбонк дар якдигар њисоби муросилотї кушода, сипас бонк супоришномаро ба бонки дигар мефиристад.

Расми 2. Њисоббаробаркунии байнибонкї дар њолати мављудияти муносибатњои муросилотї



Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

1. Фиристодани мол, иљрои кор ё хизматрасонї ва њуљљатњои шањодатдињандаи он; 2-пешниҳоди њуљљатњою супоришномаи пулдињї ба бонк; 3- гузаронидани пул аз СХ- суратњисоби харидор ба ЊМБХБМ – њисоби муросилотии бонкї харидор дар бонки фурўшанда; 4 - фиристодани супоришномаи пулдињї ба бонки харидор; 5 – аз њисоби муросилотии бонки харидор ба њисоби муросилотии бонки фурўшанда гузаронидани пул; 6 – ба фурўшанда фиристодани њуљљатњои шањодатдињандаи ворид шудани пул ба суратњисоби он.

Бонки харидор дар њолати надоштани маблаѓи зарурї дар њисоби муросилотиаш ва ё ягон сабаби дигар, метавонад пулро аз суратњисоби харидор ба њисоби муросилотии бонки фурўшанда гузаронида, ба он дар ин бора хабар дињад. Он гоњ бонки фурўшанда пули фурўшандаро аз њисоби худ медињад.

Њамин тавр, њисоббаробаркунї бо харљи камтари ваќту коргузорї таъмин карда мешавад.

Тавре ки дар боло ќайд намудем, бонкњо на дар њама бонкњои тиљоратии хориљию дохилї њисоби муросилотї доранд. Новобаста аз ин, муносибатњои молию кории мизољони онњо бо мизољони бонкњои дигар њисоббаробаркунињои байнибонкиро талаб мекунанд. Дар ин њолат наќши бонки миёнаравро як ё якчанд бонкњои дигар иљро менамоянд.

Барои кушодан ва пўшидани суратњисоби корреспондентї ариза, карточкаи тасдиќкардаи нотариалї бо намунаи имзои шахсони љавобгар, рўйхати бонкњои корреспондентї ва филиалњо бо нишондоди пурраи суроѓаи њатмї ва дигар њуљљатњо лозиманд.

Бонки корреспондентї ин бонкест, ки ба дигар бонк суратњисоби корреспондентї мекушояд. Он аз рўи ин суратњисоб дар асоси ќонунњои амалкунанда ва шартномаю амалиёт мегузаронад.

Баъди бастани шартнома суратњисоби корреспондентии кушодашуда ба якчанд гурўњ људо мешавад:

- суратњисоби «ЛОРО»-« МО» ин аз бонки корреспондентї ба бонки респондентї-тиљоратї кушода шудааст, баланси ками фаъолиятро инъикос менамояд ё ба таври дигар, њисобест, ки бонк ба бонки худ (бонки муросил)

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

мекушояд ва дар он њамаи маблаѓњои аз њама охир гирифташуда ё бо супориши вай додашаванда, дохил мешаванд.

- суратњисоби «НОСТРО» - «ШУМО» - суратњисоби мазкур бонки респондентї ном дошта, баланси фаъоли якумро инъикос менамояд ё ба таври дигар њисоби «НОСТРО»- ин њисоби муросилотии бонки эмитент дар бонкест, ки ба ин њисоб аз номи он хизмат мерасонад.

- суратњисоби «ВОСТРО»-«ОННЬО» ин суратњисоби бонкњои њориљї дар бонки резидентї асъори дохилї ё асъори кишвари сеюмро инъикос менамояд ё ки суратњисоби бонки хориљї дар бонки резидент бо асъори миллї ё бо асъори кишварњои сеюм.

Бонки респондентї бонкест, ки дар дигар бонк суратњисоби карреспондентї мекушояд ва роњбари он ба њисоб меравад.

- масштабронї - афзудани миќдори фурўшандагону харидорон, ки низоми пардохтро истифода мебаранд, набояд ба вайроншавии инфраструктура оварда расонад;

- ќулай ва содагї - љараёни пардохт чун пардохтњои одї бояд сода бошад.

Ќартаи пардохтї - ин маводи пардохтии шахсї буда, шароити пардохти ѓайринаќдии мањсулотро фароњам меоварад. Инчунин бо ќартаи пардохтї имконияти гирифтани пули наќд аз бонкаматњо мављуд аст. Вазифаи асосии ќартаи пардохтї таъминкунандаи махфии маълумот оид ба соњиби ќарта аст. Иљрои њолатњои пардохт, ки дар љараёни хизматрасонии ќартањои пардохтї ба миён меоянд, бонк эмитент яъне бонке, ки ќартаи пардохтиро чоп кардааст, ба уњда дорад. Бинобар он ќартањои пардохтї дар давоми истифодаи он њамчун моликияти ин бонк ба шумор мераванд. Хусусияти уњдадории бонк-эмитент аз намуди ќартањои пардохтї иборат аст (Viza- электрон, классик gold ва ѓайра). Љараёни тасдиќкунии фурўш ё интишори пули наќд авторизатсия номида мешавад. Барои ин нуќтаи хизматрасонї ба бонк дархост мефиристад, ки ў бояд салоњияти дорандаи ќартаи пардохтиро тасдиќ намояд. Масалан, чунин амалиёт дар банкоматњо тариќи ворид кардани pin- код ба амал

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

бароварда мешавад. Яке аз роњњои авторизатсия ин аз истифодаи POS (Point OF Sale) иборат аст. Дар ин њолат ќартаи пардохтї ба pos- терминал аз љониби фурўшанда љойгир карда мешавад.

Pin-коди ќартаи пардохтї тавассути тальњизоти дигар ба таври пинњонї аз љониби харидор ворид карда мешавад. Љараёни авторизатсия ба таври автоматикї ба амал меояд. Чунин амалиёт дар мавриди аз банкомат дастрас кардани пули наќд низ гузаронида мешавад.

Одатан банк-эмитент бо фаъолияти ќабули ќартањои пардохтї аз љониби корхонањои савдо ва хизматрасонї машѓул нестанд. Ин амалиётро бонк - эквайер иљро менамояд. Вазифаи асосии бонк-эквайер аз амалиётњои авторизатсия, гузаронидан ба суратњисоби фурўшанда барои мол ва хизматрасонї ва монанди онњо иборат аст. Дар баъзе мавридњо бонк - эмитент вазифаи бонк-эквайерро низ иљро менамояд.

Истифодаи ќартањои пардохтї барои гузаронидани амалиёти пардохтї тавассути интернет дорои камбудињои техникї мебошад. Дар интернет на њамаи амалиётњои авторизатсиониро истифода бурдан мумкин аст. Дар ин љода амалиётњои роњзанњои компютериро (хакерњо) бояд махсус ќайд намуд. Дар баъзе мавридњо бо истифодаи ќартањои пардохтї хариди мол мањдуд карда шудааст. Аз тарафи дигар, дар љараёни харид бо ќартањои пардохтї бонк-эквайер барои хизматрасонии худ фоизи муайян мегирад. Аз ин лињоз, барои харидор истифодаи ќартањои пардохтї на он ќадар самаранок мебошад. Ваќтњои охир дар шабакаи интернет чекњои электронї ва пулњои электронї васеъ истифода бурда мешаванд. Дар Федератсияи Россия яке аз низомњои пардохт- WebMoney ва PayCash ба шумор мераванд. Низоми WebMoney дар бонк суратњисоби худро дорад, ки одатан чекњои электрониро ба пули наќд мефурўшанд. Тавассути чекњои электронї муштарї ба њамёни электронии худро пули электронї мегузаронад.

7.4. Бизнеси электронї дар низоми бонкї

Бизнеси электронї тавассути бонкњои тиљоратї ин яке аз намудњои бизнеси байналхалќиест, ки бо истифодаи технологияњои нави њисоббаробаркунї ва истифодаи технологияњои навтарини иттилоотї дар ташкили муносибатњои молиявию хољагї бо шарикон ва мизољон ба роњ монда мешавад.

Яке аз усулњои пешбурди бизнеси электронї ин системаи (низоми) тиљоратии электронии бонкї аст. Вай сохтори пањнгардидаи пешбурди бизнеси электрониро дар ду самт дар бар мегирад.

1. «Бизнеси истеъмолкунанда» - бахши истеъмолї;
2. «Бизнес-бизнес» - бахши байникорпоративї (байнифирмавї);

Ин омил дар шароити имрўза дар муносибат бо бозорњои дохилиї байналхалќии асъор васеъ истифода мешавад. **Тиљорати электронї** ин консепсияи умумиест, ки тамоми шаклњои амалиётњои хизматрасонї бо роњи электронї тавассути истифодаи шабакањои телекоммуникатсионї сурат

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

мегирад. Чунин амалиётњо дар миёни ширкатњо ва супоришдињандагони онњо ё миёни ширкатњо дар муассисањои давлатї ба роњ монда мешаванд.

Тиљорати электронї фаъолияти хеле густурдаро дар бар мегирад:

- маркетинг, савдо ва мусоидат барои фурўш;
- савдои пешакї, ќарордодњои пешакї;
- маблаѓгузорї ва суѓуртакунї;
- амалиётњои тиљоратї, фармоиш, ќабулкунї, пардохти маблаѓ;
- хизматрасонї ва нигоњдории мањсулот; коркарди муштараки мањсулот;
- таќсими мањсулоти муштарак;
- истифодаи хизмати умумї ва љузъї;
- маъмурияти тиљорат (консессияњо, иљозатномањо, андоз, гумрук ва ѓ); наќлиёт, техникаи интиќол ва таъминот;
- фурўши автоматии мањсулоти электронї, њисоботи бухгалтерї, њалли масъалањои бањснок.

Бизнеси электронї (electronic business e Business, e- business) мубодилаи молу хадамот дар байни корхонањо, гурўњњо ва шахсони алоњида бо татбиќи технологияњои иттилоотї ва иртиботї мебошад.

Усулњои бизнеси электронї имконият медињад, ки ширкатњо равандњои дохилї ва беруниро бо њам алоќаманд намуда, бо молфиристондагон ва шарикон зич њамкорї намоянд, пурра дархости мизољонро ќонеъ гардонанд.

Ин намуди бизнес назар ба тиљорат одї буда, аксаран чунин мафњумњоро бо тиљорати электронї якхела медонанд, ки ин хатост.

Тиљорати электронї дар худ равандњои берунаро дар бар мегирад, ки ба фурўши мањсулот, маркетинг, хизматрасонии мизољон, фиристодани ашёи хом барои истењсолот, масрафњои гуногуни истифодабарї алоќаманд мебошад.

Бизнеси электронї дар худ тиљорати электронї, равандњои дохилии истењсолот: идоракуни захирањо, коркарди мањсулот, таваккалкунии менељментї, идоракунии дониш, молия ва захирањои инсониро дар бар мегирад.

Бозори электронї - маљмўи иштирокчиён ва љараёни муносибати онњо буда, аз рўи ќонуниятњои муайян дар марњилањои рушди сохтори иттилоотї, система ва технологияњои иртиботї муайян карда мешавад.

Дар тиљорати электронї ду табаќа аз якдигар фарќ карда мешавад:

- инфрасохтор;
- фаъолияти иќтисодї.

Инфрасохтори Интернет аз шабакаи глобалї дар базаи компютерњои фардї иборат буда, асоси физикии тиљорати электрониро ташкил менамояд. Дар ин љода мављудияти барномањои компютерї анљамияти хосса дорад.

Табаќаи фаъолияти иќтисодї низ ба ду гурўњ таќсим мешавад. Яке аз онњо трансаксия дар шабакаи интернет бо љалб намудани миёнаравњо ва дигараш шартномањои бевосита дар њолати on-Line мебошад.

Фаъолнокии тиљоратї дар фазои бозор ба чор омил муайян карда мешавад:

- Инфрасохтори њамоњангї;
- Фазои бозаргонї;

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

- Механизмњои трансаксионї;
- Роњњои дастрас кардани мол.

Фазои бозаргонї бо роњњои дастрас кардани мол аз рўи нишондодњои муайян амалї гардонида мешавад.

Моделњои тиљоратии электронї.

	Њукумат	Тиљорат	Муштарї
Њукумат	G2GЊамо њангсозї/кам кардани харољот	G2B Иттилоот/паст кардани харољот	G2CИттилоот /паст кардани харољот
Тиљорат	B2GСавдо и электронї/хариди давлатї	B2BСавдои электронї/ созишномаи байни тољирон	B2CТиљорат и электронї/савдои чакана
Муштарї	C2G-андозбандї	C2B-савдои электронї созишномаи тиљоратї байни муштарї ва корхонањо	C2CСавдои электронї/ауксион њо

Вобаста ба гурўњњои бутуни истеъмолгарон таснифот аз рўи чунин категорияњо гузаронида мешавад.

- Бизнес барои бизнес (B2B) business to Business;

Ба ин гурўњ ташкилотњои тиљоратї мансубанд. Дар ин гурўњ Интернет барои равобит истифода бурда мешавад. Ќисми зиёди созишномањои тиљорати електронї ба ин гурўњ тааллуќ доранд.

- Бизнес барои истеъмолгарон (B2B) Business to Consumer;

Тиљорат барои муштариён. Дар ин гурўњ фурўшандаи мол ё хизматрасон корхонаи тиљоратї буда, муштариён ин шахси алоњида мебошад. Ба ин гурўњ маѓозањои електронї ва корхонањое мансубанд, ки тавассути тиљорати електронї хизматрасонии гуногунро ба роњ мемонанд, монанди бонкњои електронї, хизматрасонии брокерї, фармоиш ва хариди чиптањо, хизматрасонии сайёњї, тањсилоти фосилавї ва ѓайра.

- Бизнес барои давлат (B2G) Business to Government;

Тиљорат барои давлат. Шартнома барои корхонањои тиљоратї ва ташкилотњои давлатї баста мешавад.

- Давлат барои бизнес (G2B) - Government to Business;

Давлат барои тиљорат. Тиљорати електронї барои табодули ахбор ва кам кардани харољотњо, пеш аз њама, барои гардиши њуљљатњо истифода мешавад.

- Давлат барои давлат (C2G)- Consumer to Government;

Муштарї ба давлат. Яке аз иштирокчиён шахси алоњида буда, дигараш сохтори давлатї мебошад.

- Давлат барои шањрвандон (G2C)- Government to Consumer;

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Давлат барои муштарї. Њоло дар сатњи назариявї ќарор дорад. Оянда дар ин модел пардохти гуногуни ильтимої пешбинї карда шудааст.

- Давлат барои давлат (G2G) – Government;

Дар ин модел корхонањои давлатї бо истифодаи тиљорати электронї барои хариди мол ва ё хизматрасонї шартномањои гуногун мебанданд.

Дар тиљорати анъанавї (of-line) њамаи тартибдињандањои мол, хизматрасонї ва субъект љараёни физикї ба шумор мераванд.

Дар тиљорати электронии соф ((of-line)) њамаи ченакњо ададї (цифровой) буда, дар дигар њолатњо тиљорти электронии омехта љой дорад. Харидани китоб аз сайти (www.ozn.ru) тиљорати электронии соф шуда наметавонад, зеро дастрас кардани китоб тавассути почта ба роњ монда шудааст. Дастрас кардани барномаи компютерї аз сайти www.egguead. com тиљорати софи электронї аст.

Намудњои бизнеси электронї

Ба намудњои асосии соњибкории электронї инњо дохил мешаванд:

- Майдончањои электронии савдо (интернет-биржањо, ауксионњо, каталогњои мол ва хадамотњо);
- Идоракунии электронии харидњо;
- Шабакањо (корпоративї, иттилоотї, тиљоратї, фардї);
- Ташкилот, мундариља ва хадамоти шабакањои глобалии љамъиятї (операторњои шабакањо корро иљро менамоянд);
- Хадамотњои молиявї (системањои пулпардохти интернетї, нуќтањои мубодила, интернет-бонк, онлайн-трейдинг);
- Бунёди маблаѓгузорї;
- Интернет-маѓозањо;
- Контент-лоињањо (сомонањо бо маќсади тарѓиби бизнес бо иттилоот мизољонро љалб менамоянд);
- Миёнаравњои иттилоотї (каталогњо, рейтингњо, системањои љустуљўї);
- Бизнес-иттилоот дар интернет (интернет - нашриёт, сомонањои навигариљо);
- Интернет-маркетинг (њаракати сомона дар системањои љустуљўї) бизнеси тарѓиботї;
- Хадамоти алоќа ва воситањои муомила;
- $$WEB-мастеринг (бунёди сомонањо, барномасозї, дизайн, чарх задани сомонањо);
- MLM - ё ин ки маркетинги шабакавї (шакли кушодани савдои чаканаи ѓайримаѓозавї);
- Коркарди таъминоти барномавї ва молњои раќамї;
- Хадамоти сервис-провайдерњо (фиристонандаи хадамоти шабакавї, фиристонандаи хостинг, доменњо);
- Пешниљодоти хадамот (таълимоти фосилавї, китобхонаи шабакавї, тандурустии электронї, интернет-консалтингњо ва ѓайра);
- Бизнеси бозињои бурднок дар шабакањо (казинои виртуалї, идораи букмекерї, тотализаторњо, лотореяњо);
- Биржањои мењнатї (агентї оид ба кор ќабулкунї);

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

- Барномањои њамкорї (аффилат-барномањо ва ѓайра);
- Интернет-лизинг.

Афзалияти ташкили бизнеси электронї хеле калон мебошад.

Дар ИМА ширкатњои Generel Motors, Daimler Chrysler ва Ford ва ширкати авиатсионї биржаи электронї гузаронида, 78%-и бозори љањонии мањсулоти худро соњиб гардидаанд. Баъди гузаштани як муддати кўтоњ 3 ширкати металлургї Weirton Steel LTV Steel Co ва Steel Dynamics маблаѓгузории аввалини сервери MetalSite шуданд, ки ба ин ташкили ауксионњои электронї дар бозори амудї наќши муњим бозид. Бо чунин тарз ба фурўш баровардани мањсулот масрафро кам намуда, ба ширкатњои истеъсолкунанда даромади зиёд меорад.

7.5. Саволњо барои назарсанљї

1. Њисоббаробаркунии электронї ва анъамияти он дар шароити имрўза.
2. Бизнеси электронї дар низоми бонкї чї анъамият дорад?
3. Усулњои асосии пешбурди бизнеси электронї кадомњоянд?
4. Бартариятњои њисоббаробаркунињои электронї дар чист?
5. Афзоиши суръати гардишу самаранокии муомилоти пулї аз чї вобаста аст?
6. Зиёдшавии имконияти ваќти иљрои амалиёти бонкї аз чї вобаста аст?
7. Мавќеи њисоббаробаркунињои электронї дар шароити муосир.
8. Афзалиятњои бизнеси электронї дар бонк.
9. Дар пардохтњои электронї наќши кадом ташкилот калон аст?
10. Афзалиятњои бизнеси электронї кадомњоянд?
11. Дар тиљорати электронї чанд табаќа мављуд аст?

Мавзўи 8. Асосњои њуќуќии низоми пардохтњои Љумњурии Тољикистон ва сохтори он

8.1. Мазмун ва моњияти низоми пардохтї
8.2. Ташкили њисоббаробаркунї ва пардохтњои байнибонкї
8.3. Танзим ва назорати низоми пардохтњои байнибонкї
8.4. Саволњо барои назарсанљї

8.1. Мазмун ва моњияти низоми пардохтї

Асоси ќонунї доштани њисоббаробаркунию пардохтњо дар њар як кишвар вобаста ба анъанаву сатњи пешравии иктисодиёташ соњиби низоми пардохтии муайян аст.

Низоми пардохтї ё «платёжная система» ин ташкили маркази њисоббаробаркунї, муайян намудани тартибу ќоидањои

њисоббаробаркунии байни бонкњо, байни ширкатњо, байни алоњида ва давлатро дар бар мегирад.

Низоми пардохтї яке аз масъалањои асосии фаъолияти њар як бонки тиљоратї ва дигар ташкилотњои ќарздињии хурд ба њисоб меравад. Дар ин масъала Бонки миллии Тољикистон масъули низоми пардохтї буда, роњбарии ташкил ва таъмини рушди низоми самараноку боэътимоди пардохтњо, клиринг ва њисоббаробаркуниро дар Љумњурии Тољикистон ба уњда дорад. Бо ин маќсад Бонки миллии Тољикистон бояд масъалањои зеринро ба роњ монад:

а) ба њамкории мутаќобилаи низоми њисоббаробаркунї ва клиринг бо низомњои дахлдори дигар, ки ба биржањо, бозори коѓазњои ќиматнок алоќаманданд, мусоидат намоянд;

б) тањияи усулу технологияњои нави њисоббаробаркуниро ва интиќоли маблаѓњои пулї ва коѓазњои ќиматнокро ба роњ монад;

в) барои њамкорї байни иштирокчиён дар рушди низоми пардохт ва хизматрасонии пулї шароит фароњам меоварад. Бонкњои тиљоратї метавонанд бо мувофиќаи Бонки миллии Тољикистон низоми муштараки клирингро барои интиќоли маблаѓ, дигар воситањои пардохт ва њисоббаробаркуниро таъсис дињанд ва Бонки миллии Тољикистон бо санадњои меъёрии њуќуќии худ ќоидаву усулњои идоракунии ин низом, аз љумла шаклњои њисоббаробаркуниро муќаррар мекунад.

Бонкњои тиљоратї дар сурати набудани низоми муштараки клиринг њисоббаробаркунии байнибонкиро бо мувофиќаи тарафњо ё мутобиќи амалияи байналмилалї анљом медињанд, ки њамаи ин тањти назорати доимї ќарор дода мешавад.

8.2. Ташкили њисоббаробаркунї ва пардохтњои байнибонкї

Ташкили њисоббаробаркунї ва пардохтњои байнибонкї яке аз вазифањои муњим ва асосии њар як бонки тиљоратї ва дигар ташкилотњои карзї ба њисоб меравад. Зеро асоси самаранок фаъолият кардани бонк ин дар сари ваќт иљро кардани уњдадорињо дар њолатњои њисобу китоб, пардохти њаќи фоизи амонатгузорон, пардохти пасандозњои муњлаташон ба анљомрасида ва дигар супоришњое мебошад, ки шахсони њуќуќии дар бонк суратњисобдор барои анљом додани амалиёти хариду фўруш њангоми интиќоли маблаѓ аз як суратњисоб ба суратњисоби дигар ба бонк супориш медињанд. Бонки миллии Тољикистон метавонад оид ба амалї намудани пардохтњои байнибонкї хизмат расонад. Барои ташкили низоми клирингги байнибонкї ва дигар шаклњои њисоббаробаркунї мувофиќи санадњои меъёрию њуќуќии ќабулкардашуда мусоидат намояд. Бонкњои тиљоратї барои муњлатњои коркарди пардохтњо дар Бонки миллии Тољикистон љавобгар мебошанд. Дар сурати бо айби бонки тиљоратї зиёда аз муњлати пешбинишуда таъхир ёфтани пардохт Бонки миллии Тољикистон вазифадор аст, ки барои њалли ин масъала мусоидат намояд.

8.3. Танзим ва назорати низоми пардохтњои байнибонкї

Танзим ва назорати низоми пардохтњои байнибонкї яке аз вазифањои асосии Бонки миллии Тољикистон ва худи бонкњои тиљоратї мебошад, ки ин

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

амалро анљом медињанд. Бонки миллии Тољикистон метавонад бо маќсади таъмини эътимоднокии низоми пардохтњои байнибонкї хизматрасонињоеро, ки бонкњои тиљоратї ва ё таъминкунандагони хизматрасонињои пулї оид ба ирсол ва ќабули супоришномањои пардохтї, чекњо, интиќоли маблаѓњои пулї ва коѓазњои ќиматнок ба суратњисоби онњо ё мизољонашон иљро мекунанд, танзим ва назорат менамояд. Инчунин низомњои зеринро ташкил намуда, фаъолияташонро таъмин ва барои ташкилу танзими онњо иљозатнома дињад, баќайдгирї ва назорати иннњоро ба роњ монад:

а) клиринг, њисоббаробаркунињо ва амалиёти дигар бо пули миллї ва асъори хориљї;

б) клиринг, њисоббаробаркунињо ва амалиёти дигар бо коѓазњои ќиматнок;

в) клиринг, њисоббаробаркунињо ва амалиёти дигар аз рўи (ё мубодилаи коѓазњои ќиматнок) њар гуна асъор дар муќоиса бо пардохтњои дигар (ё мубодилаи коѓазњои ќиматнок) бо асъори дигар.

Бонки миллии Тољикистон шаклњои њисоббаробаркунии ѓайринаќдиро муайян намуда, намудњои њуљљатњои пардохтиро, ки барои њисоббаробаркунии ѓайринаќдї дар Љумњурии Тољикистон истифода мешаванд, тасдиќ мекунад. Талаботи њадди аќал оид ба боэътимодї ва таъмини амнияти њисоббаробаркунињои электронї, интиќоли маблаѓњо, низоми клиринг, интернет-бонкинг, инчунин таъмини амнияти иттилооти бонкиро муќаррар намояд. Њамаи тартиби њисоббаробаркунињо чї бо пули миллї ва чї бо асъори хориљї аз тарафи Бонки миллии Тољикистон муайян карда мешавад. Бонки миллии Тољикистон сиёсати низоми пардохтии Љумњурии Тољикистонро муайян мекунад ва мониторинги амалї гардонидани онро анљом медињад.[7]

Пардохти мањсулот ва хизматрасонї раванди гузаронидани пулњои муайян дар намуди пули наќд ё њуљљатњои лозимї тавассути технологияњои махсусро ба роњ мемонад.

Моњияти гуногуни пардохтї вуљуд дошта, аз њам бо хусусиятњои худ фарќ мекунанд.

Дараљаи баробари (идентификатсия) тарафњо гуногун шуда метавонад: аз комилан махфї будан њангоми пардохти наќд то баробарии пурра њангоми пардохт бо ќартаи ќарзї. Инчунин назорати транзаксия аз методњои пардохт вобастагї дорад.

Роњњои имконпазирии пардохт дар тиљорати электронї ба чунин гурўњњои сегментї таќсим мешаванд:

-пардохти наќд;

-пардохт бо ќартаи ќарзї;

-истифодаи телебонк ва технологияи WAP;

- пардохт бо низоми интернет-бонкинг;

- пардохт бо истифодабарии низоми Интернет.

[7] Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи бонкњо ва фаъолияти бонкї»

Пардохт бо пули наќд бо хизматрасонии хаткашон, пардохт ва гирифтани моли фармоишдода аз маѓоза, пардохти гузашташудаи интиќол бо истифодаи телеграф ва почта, интиќоли бонкї ба роњ монда мешавад. Дар ин њолат харидор метавонад моли пешнињодшударо тафтиш намояд ва фурўшанда соњиби пули наќд гардад. Вале ин баъзе камбудињо низ дорад, ки яке аз онњо душвор будани дастрас намудани мол ба њудуди берун аз шањр ва гарон будани харољот мебошад. Пардохт барои моли фармуда аз методи якум фарќ надорад. Харидор фармоиши худро дар интернет љойгир менамояд ва баъди чанд ваќт моли заруриро дастрас менамояд. Дар мавриди истифодаи пардохти гузошташуда моли фармуда бо суроѓаи харидор тавассути почта фиристода мешавад. Арзиши мол дар почта дар ваќти дастрас кардани он пардохт карда мешавад. Дар ин метод мањдудияти мавќеи љуѓрофии харидор вуљуд надорад. Камбудии ин метод аз он иборат аст, ки мол метавонад дар роњ вайрон шавад. Пардохт бо истифодаи телеграф, почта ва бонк бо усули пештара монанд буда, аз чунин усул одатан корхонањо истифода мебаранд.

Ду намуди ќартањои пардохтї мављуд аст:

- ќартаи пардохтї, ки дар майдони магнитї (чип) pin-код ва дигар ахбор оид ба соњиби ќартаи пардохтї љойгир аст. Чунин намуди ќартањо ќартањои кредитї ном доранд. Дар марњилаи њозира ќартањои Viza Master Card ва монанди онњо васеъ истифода бурда мешаванд.

-ќартаи пардохтї, ки дар лентаи магнитї ахбор дар бораи ќарта, њолати суратњисоб (њамёнњои электронї) ќайд карда мешавад. Чунин ќартањоро ќартаи дебетї меноманд.

Моњияти пардохт тавассути интернет-бонк бо суратњисоби бонкист. Ин усул мављудияти суратњисоб дар бонкњои интернетро талаб мекунад. Воридшавї ба бонки интернет бо нишондоди логин ва рамз (парол) ба роњ монда мешавад.

Пардохт барои мол бо истифодаи низоми пардохти электронї яке аз роњњои бењтарин ба шумор меравад. Зеро харидор метавонад дар љойи дилхоњ бо истифодаи компютер ва шабакаи интернет маблаѓгузорї намояд.

Интернет, ки барои њамаи истеъмолчиён дастрас аст, ба низоми пардохт шартњои зеринро мегузорад:

-махфият (конфеденсиалї) њангоми пардохт, харидор бояд донад, ки маълумоти пешнињодкардаи ў фаќат барои шахсони њуќуќї дастрас мегардад;

-сањењият - харидор ва фурўшанда бояд донад, ки њамаи тарафњои дар хариду фурўш ширкаткунанда шахсони масъул бошанд;

- пуррагии ахбор - маълумотро ба ѓайр аз харидор ва шахсони масъул, дигар њељ кас таѓйир дода наметавонад;

- усули пардохт - имконияти истифодаи њамаи усулњои пардохт барои моли харидорї кардашуда;

- авторизатсия - љараёнест, ки низоми пардохт дар суратњисоби харидор мављудияти маблаѓро муайян менамояд;

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

- кафолати таҳдиди фурӯшанда - эҳтимолияти хатар, ки вобаста ба бозгашти маҳсулот ба вуҷуд меояд, бояд бо ҳуҷҷатҳои махсус бо ҳама ташкилотҳои лозима ба мувофиқа оварда шавад;

- пардохти хурдтарин барои трансаксия - пардохт барои коркарди трансаксияи супориш ва пардохти маҳсулот ба нархномаи он медарояд. Бинобар ин поёнравии нархи трансаксия раќобати низоми пардохтиро зиёд менамояд;

- боэътимод - системаи пардохт бояд дастрасии зиёд ва шохаҳое надошта бошад, ки дар ҷараёни кор ба нуқсон биоварад;

- масштабронї - афзудани миқдори фурӯшандагону харидорон, ки низоми пардохтро истифода мебаранд, набояд ба вайроншавии инфраструктура оварда расонад;

- ќулай ва содагї - ҷараёни пардохт чун пардохтҳои одї бояд сода бошад.

Ќартаи пардохтї ин маводи пардохтии шахсї буда, шароити пардохти ѓайринаќдии маҳсулотро фароҳам меоварад. Инчунин бо ќартаи пардохтї имконияти гирифтани пули наќд аз бонкаматҳо мавҷуд аст. Вазифаи асосии ќартаи пардохтї таъминкунандаи махфии маълумот оид ба соҳиби ќарта аст. Иҷрои ҳолатҳои пардохтї, ки дар ҷараёни хизматрасонии ќартаҳои пардохтї ба миён меоянд, бонк эмитент яъне бонки ќартаи пардохтиро чопнамуда ба ҳуҷда дорад. Бинобар он ќартаҳои пардохтї дар давоми истифодаи он ҳамчун моликияти ин бонк ба шумор мераванд. Хусусияти ҳуҷадории бонк-эмитент аз намуди ќартаҳои пардохтї иборат аст (Viza- электрон, классик gold ва ѓайра). Ҷараёни тасдиқкунии фурӯш ё интишори пули наќд авторизатсия номида мешавад. Барои ин нуқтаи хизматрасонї ба бонк дархост мефиристад, ки ӯ бояд салоҳияти дорандаи ќартаи пардохтиро тасдиқ намояд. Масалан, чунин амалиёт дар банкоматҳо тариқи ворид кардани pin- код ба амал бароварда мешавад. Яке аз роҳҳои авторизатсия ин аз истифодаи POS (Point OF Sale) иборат аст. Дар ин ҳолат ќартаи пардохтї ба pos-терминал аз ҳониби фурӯшанда ҳойгир карда мешавад.

Pin-коди ќартаи пардохтї таввасути талҳизоти дигар ба таври пинҳонї аз ҳониби харидор ворид карда мешавад. Ҷараёни авторизатсия ба таври автоматикї ба амал меояд. Чунин амалиёт дар мавриди аз банкомат дастрас кардани пули наќд низ гузаронида мешавад.

Одатан банк-эмитент бо фаъолияти ќабули ќартаҳои пардохтї аз ҳониби корхонаҳои савдо ва хизматрасонї машѓул нестанд. Ин амалиётро бонк - эквайер иҷро менамояд. Вазифаи асосии бонк - эквайер аз амалиётҳои авторизатсия, гузаронидан ба суратҳисоби фурӯшанда барои мол ва хизматрасонї ва монанди онҳо иборат аст. Дар баъзе мавридҳо бонк - эмитент вазифаи инчунин бонк-эквайерро низ иҷро менамояд.

Истифодаи ќартаҳои пардохтї барои гузаронидани амалиёти пардохт тавассути интернет дорои камбудиҳои техникї мебошад. Дар интернет на ҳамаи амалиётҳои авторизатсиониро истифода бурдан мумкин аст. Дар ин ҳода амалиётҳои роҳзанҳои компютерї (хакерҳо)-ро бояд махсус ќайд намуд. Дар баъзе мавридҳо бо истифодаи ќартаҳои пардохтї хариди мол маҳдуд карда шудааст. Аз тарафи дигар, дар ҷараёни харид бо ќартаҳои пардохтї бонк-

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

эквайер фоизи муайян барои хизматрасонии худ мегирад. Аз ин лиҳоз барои харидор истифодаи ќартаҳои пардохтї на он ќадар самаранок мебошад. Ваќтҳои охир дар шабакаи интернет чекҳои электронї ва пулҳои электронї васеъ истифода бурда мешаванд. Дар Федератсияи Россия яке аз низомҳои пардохт- WebMoney ва PayCash ба шумор мераванд. Низоми WebMoney дар бонк суратҳисоби худро дорад, ки одатан чекҳои электрониро ба пули наќд мефурўшанд. Тавассути чекҳои электронї муштарї ба ҳамёни электронии худ пули электронї мегузаронад.

8.4. Саволҳо барои назарсанљї

1. Мазмун ва моҳияти низоми пардохтҳо чиро ифода мекунад?
2. Маќомоти асосии назораткунандаи низоми пардохтҳо чист?
3. Бонки миллии Тољикистон барои самаранокии низоми пардохтҳо кадом масъалаҳоро ба роҳ мемонад?
4. Низоми муштараки клирингї чї гуна низом аст?
5. Ташкили ҳисоббаробаркунї ва пардохтҳои байнибонкї чї маъно дорад?
6. Танзим ва назорати низоми пардохтҳои байнибонкї чист?
7. Ҳисоббаробаркунии клирингї чист?
8. Тартиби ҳисоббаробаркунии клирингї чї гуна сурат мегирад?
9. Дар Љумҳурии Тољикистон шаклҳои ҳисоббаробаркунии ѓайринаќдиро кї муайян мекунад?

Мавзўи 9. Низоми пардохтї ва роҳҳои асосии мукаммалгардонии он дар Љумҳурии Тољикистон

9.1. Ќисматҳои асосї ва сохтори низоми пардохтии Љумҳурии Тољикистон
9.2. Сохтори низоми пардохтии Љумҳурии Тољикистон
9.3. Амалиёти пардохтї ва таҳлили гардиши онҳо дар сохтори бозорї
9.4. Саволҳо барои назарсанљї

9.1. Ќисматҳои асосї ва сохтори низоми пардохтии Љумҳурии Тољикистон

Низоми пардохтї яке аз кисмҳои асосии низоми молиявии давлат ба ҳисоб рафта, дар айни замон пардохтҳои гуногуни байнибонкї, байналмилалї ва дигар амалиёти интиќолї дар дохили иќтисодиёти кишвар тавассути бонкҳои тиљоратї ва Бонки миллии Тољикистон ва дигар ташкилоту муасиссаҳои молиявии кишвар ба воситаи системаи СВИФТ иљро карда мешаванд.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Яке аз манбаъњои асосии таъсиси низоми молиявии мамлакат низоми пардохт ба шумор меравад. Бинобар ин, Бонки миллии Тољикистон барои рушди низоми пардохт дар Тољикистон таваљљуњи хосса зоњир менамояд.

Низоми пардохт ин низоми технологияњои ба њам алоќаманд љињати амалигардонии њисоббаробаркунињои ѓайринаќдї дар байни бонкњои тиљоратї ва дигар ташкилотњои молиявии ѓайрибонкї мебошад. Низоми пардохт ва фаъолияти он дар зери роњбарии Бонки миллии Тољикистон ба роњ монда шуда, муносибатњои тарафайни иштирокдорони он бо санадњои ќонунгузорї ва меъёрии Бонки миллии Тољикистон ва шартномањои мувофиќи тарафайн басташуда, ба танзим дароварда мешавад.

Вазифаи асосии низоми пардохт амалигардонии интиќоли маблаѓњои пулї миёни бонки интиќолдињанда ва бонки ќабулкунанда мебошад, ки тавассути њисобњои муросилотии дар муассисањои Бонки миллии Тољикистон кушодашуда сурат мегирад.

Њуљљати асосии пардохтии њисоббаробаркунињои байнибонкї дар ќаламрави Љумњурии Тољикистон супоришномаи пардохт мебошад (Навъи њисоббаробаркунињои ѓайринаќдї дар Дастурамали № 112 «Дар бораи њисоббаробаркунињои ѓайринаќдї дар Љумњурии Тољикистон» муайян карда шудааст).

Роњ ва тартиби ба љо овардани њисоббаробаркунињои ѓайринаќдии байнибонкї дар Низомномаи № 98 «Дар бораи ташкили њисоббаробаркунињои байнибонкї дар ќаламрави Љумњурии Тољикистон» муайян гардидааст.

Њисоббаробаркуниљо байни бонкњои тиљоратї ва бахшњои онњо метавонанд бо роњњои зерин анљом дода шаванд:

- тавассути њисобњои (зерњисобњои) муросилотии дар муассисањои Бонки миллии Тољикистон кушодашуда;

- тавассути муносибатњои мустаќими муросилотї, яъне ба воситаи њисобњои муросилотие, ки бонкњои тиљоратї байни якдигар кушодаанд, бидуни муассисањои Бонки миллии Тољикистон;

- тавассути зерњисобњои дохилишабакавї, яъне њисоббаробаркуниљо байни бахшњои тобеи як бонк.

Бонкњои тиљоратї дар як ваќт метавонанд бо якчанд роњ њисоббаробаркунињои байнибонкиро анљом дињанд, аммо дар ин сурат онњо шартњои боэътимод, мувофиќи маќсад будан ва тезонидани интиќоли њисоббаробаркуниљоро њамчун асос истифода мебаранд. Њар як бонки мустаќил (хоњ тиљоратї ва хоњ сањомї ва ё дигар) вазифадор аст, ки дар муассисањои Бонки миллии Тољикистон њисоби муросилотї (мукотибавї) дошта бошад ва барои њисоббаробаркунии байниминтаќавї њаќ дорад танњо як зерњисоби муросилотии минтаќавї кушояд. Муассисањои Бонки миллии

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Тољикистон њисоббаробаркунии бонкњои тиљоратї ва бахшњои онњоро дар асоси «Шартнома дар бораи хизматрасонї оид ба њисоббаробаркунии байнибонкї» иљро менамояд.

9.2. Сохтори низоми пардохтии Љумњурии Тољикистон

Њисоббаробаркуниљо байни бонкњои тиљоратї бо муносибатњои мустаќими муросилотї дар асоси «Шартнома дар бораи муносибатњои мусатаќими муросилотї» амалї мегарданд. Пардохтњо тавассути њисобњои муросилотии бонкњои тиљоратї, бахшњои онњо, ки дар муассисањои Бонки миллии Тољикистон кушода шудаанд, танњо дар њолати кофї будани маблаѓи пулї дар њисоби муросилотии бонк, анљом дода мешавад.

Яке аз вазифањои асосии Бонки миллии Тољикистон таъмин намудани кори самаранок, боэътимод ва мунтазами низоми њисоббаробаркуниљо мебошад. Мувофиќи ќонунњои Љумњурии Тољикистон «Дар бораи Бонки миллии Тољикистон», «Дар бораи бонкњо ва фаъолияти бонкї» ва дигар санадњои меъёрї Бонки миллии Тољикистон самтњои асосии пешрафти тараќќиёти низоми пардохти Љумњурии Тољикистонро муайян намуда, ќоида, навъ, муњлат ва стандартњоро барои гузаронидани њисоббаробаркунињои наќдї ва ѓайринаќдї дар Љумњурии Тољикистон муќаррар менамояд.

Бо маќсади бењтар кардани хизматрасонї ба ањолї њарчи зудтар анљом додани пардохт ва њисоббаробаркуниљо дар дохили мамлакат ва амалиёти асъорї бо бонкњои хориљї истифодаи кортњои пластикї ва низоми электронии пардохт љорї карда шуда, ба зудамалии гардиши хуљљатњои пардохт мусоидат менамояд.

Њоло низоми бонкии Тољикистон дорои воситањои муосири анљом додани пардохтњо ва њисоббаробаркуниљо мебошад, ки мутобиќи меъёрњои љањонї тарњрезї шуда, дар истифодаи њамарўза ќарор дорад.

Бо маќсади афзоиши њиссаи њисоббаробаркунињои ѓайринаќдї дар иќтисодиёти мамлакат зиёд намудани шумораи бонкњои аъзои низомњои пардохти байналмилалї, ба монанди **Yisa International, Europay International** ва дигарњо, инчунин фаъол намудани кори маркази протсессингии «Тољкорт», ки соли 2004 бо маќсади кам кардани арзиши аслии љорї намудани технологияњои кортї ва таъмини њавасмандгардонии ќишрњои васеи ањолї дар истифодаи онњо ќарор дорад, роњандозї шудааст. Љорї намудани шаклхои дигари пардохт (векселњо,чекњо ва дигар) ба наќша гирифта шудааст.

Бонки миллии Тољикистон бо маќсади мукаммалгардонии ташкили њисоббаробаркунињои байнидавлатї ва таъмини босифату боэътимоди љараёни њисоббаробаркунии пардохтии иштирокчиёни фаъолияти иќтисодии

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

байналмилалї, барои бонкњое, ки истифодабарандагон нуќтаи тамоси дастаљамъона ба шабакаи **SWIFT** мебошад, шароити мусоид фароњам сохта, имконият медињад, ки бо харољоти кам дорои механизмњои њозиразамони њамкорї бо љомеаи умумиљањонии бонкї гардад.

Дар љадвал тарифи амалкунанда барои хизматрасонии њисоббаробаркунии Бонки миллии Тољикистон оварда шудааст:

Навъи пардохт	Вақти иљроиши пардохт	Тариф*(сомонї)
Пардохтњои электронї	АЗ 08 -00ТО-14-00	0,40
	АЗ 14-00ТО-16-00	0,70
	АЗ 16-00ТО-19-00	2,10

- агар дар давоми моњ аз тарафи бонк шумораи ками њуљљатњои пардохт пешнињод шаванд ва маблаѓи њисобфактураи моњона мувофиќи тарифи ќабулшуда аз 60 сомонї камтар бошад, он гоњ бонк харољоти Бонки миллии Тољикистонро ба андозаи 60 сомонї дар як моњ пардохт мекунад.

Њисоббаробаркунињои байнибонкї дар ќаламрави Љумњурии Тољикистон тавассути низоми пардохтњои электронї амалї мегарданд.

Иштирокдорони низоми пардохтњои электронї њамаи муассисањои Бонки миллии Тољикистон ва њамаи саридораи бонкњои тиљоратии дар шањри Душанбе воќеъбуда мебошанд.

Њуљљатњои пардохтњои электронии аз тарафи бонкњои тиљоратї пешнињодшаванда танњо њуљљати кредитї буда метавонанд.

Бо маќсади мукаммалкунии ташкили њисоббаробаркунињои байнибонкї байни бонкњо ва дигар ташкилотњои кредитии ѓайрибонкї, умуман ташкилотњои ќарзї њисоббаробаркунии байнидавлатї ва таъмини босифату боэътимоди љараёни њисоббаробаркунии пардохтии иштирокчиёни фаъолияти иќтисодии байналхалќї дар кишвари мо барои бонкњое, ки истифодабарандагони нуќтаи дастёбии дастаљамъона ба шабакаи **SWIFT** мебошанд ва ба бонкњои ба харољоти камтар шомили механизмњои њозиразамони њамкорї байни якдигар ва бо дигар Созмони умумиљањонии бонкї шуданро имконият медињад, шароити мусоид фароњам овардааст.

Дар айни замон пардохтњои байналмилалии Бонки миллии Тољикистон ва нуњто бонки тиљоратї ба воситаи системаи СВИФТ анљом дода мешаванд, ки ин њам бошад, бехатарсозии фаъолияти пурраи ташкилотњои ќарзии кишварро дуруст мекунад.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Дар оянда барои такмили низоми пардохтї гузариши њамаи њисоббарбаркунињои байнибонкиро дар ќаламрави љумњурї ба низоми пардохтњои электронї дар назар бояд гирем. Якљоя бо Департаменти хазинадории марказї наќшаи чорабинињо оид ба гузариш ба додугирифти электронии њуљљатњо байни Бонки миллии Тољикистон ва Вазорати молияи Љумњурии Тољикистон, бонкњои тиљоратї ва дигар ташкилоту муассисањо татбиќ карда мешавад, ки он имконияти идоракунии фаврии маблағњои буљетї ва назорати даќиќи гардиши маблағњои буљет ва дигар маблағњои ташкилоту муассисањои дохилиро барои бењтар шудани гардишашон фароњам меоварад.

Бо маќсади зиёд намудани њиссаи њисоббаробаркунињои ғайринаќдї дар иќтисоди мамлакат, зиёд намудани шумораи бонкњои аъзоёни низомњои пардохти байналхалќї, ба монанди Visa International, Europay International ва дигарњо, инчунин фаъол намудани кору Маркази протсесингии «Тољкорт», ки соли 2004 бо маќсади кам намудани арзиши аслии љорикунии технологияњои кортї ва таъмини њавасмандкунии табаќањои васеи ањолї барои истифодаи ин кортњо ташкил шуд, ба наќша гирифта шудааст.

9.3.Амалиёти пардохтї ва тањлили гардиши онњо дар сохтори бозор

Яке аз вазифањои низоми бонкии кишвар ин мусоидат намудан ба кори самараноки низоми пардохтњои гуногуни байнибонкї ба шумор меравад, ки он мувофиќи тартиби муќаррарнамудаи ќонунгузории Љумњурии Тољикистон, махсусан Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи Бонки миллии Тољикистон» ва санадњои меъёрии мављудаи низоми бонкии кишвар коркарди мунтазам, бехатар ва боэътимоди низоми пардохтиро таъмин менамоянд.

Иштирокчиёни низоми пардохтии Љумњурии Тољикистон Бонки миллии Тољикистон ва шаш шуъбаи минтаќавии он, 10 бонки тиљоратї, 5 љамъияти ќардињї ва як бахши бонки хориљї - бахши бонки «Тиљорат»-и Љумњурии Исломии Эрон дар шањри Душанбе мебошанд. Баъзе бонкњо дорои шабакаи васеи бахшњо мебошанд ва умуман дар љумњурї зиёда аз 200 бахш ва нуќтањои ваколатдор амал мекунанд.

Роњ ва тартиби иљрои њисоббаробаркунии ғайринаќдии байнибонкї дар Низомнома «Дар бораи ташкили њисоббаробаркунии байнибонкї дар ќаламрави Љумњурии Тољикистон» муайян карда шудааст. Њисоббаробаркунињо байни бонкњои тиљоратї, бахшњо ва нуќтањои ваколатдори онњо метавонад бо роњњои зерин иљро шавад:

- тавассути њисобњои (зерњисобњо) муросилотии дар муассисањои Бонки миллии Тољикистон кушодашуда;

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

- тавассути муносибатњои мустаќими муросилотї, яъне ба воситањои њисобњои муросилотї, ки бонкњои тиљоратї барои якдигар кушодаанд (бидуни муассисањои Бонки миллии Тољикистон);

- тавассути зерњисобњои дохилинизомї, яъне њисоббаробаркунињо байни саридораи бонк ва бахшњои он.

Бонкњои тиљоратї дар як вақт метавонанд њисоббаробаркунињои байнибонкиро бо якчанд роњ иљро намоянд ва дар ин сурат онњо бояд шартњои боэътимодї, мувофиќи мақсад будан ва тезонидани суръати њисоббаробаркунињоро њамчун шартњои асосї ќабул намоянд. Њар як бонки тиљоратї вазифадор аст, ки дар муассисањои Бонки миллии Тољикистон њисоби муросилотї дошта бошад.

Њисоббаробаркунињои байниминтаќавї дар муддати як рўзи амалиёти бонкї новобаста аз љойгиршавии мањалли бонки ќабулкунанда иљро мегардад.

Дар ќаламрави љумњурї раванди афзоиши шуморањои пардохтњо дида мешавад, аз љумла тавассути муассисањои Бонки миллии Тољикистон зиёда аз 367 њазор њуљљати пардохт ба маблаѓи умумии зиёда аз 4,142 млрд. сомонї интиќол гардидаанд, ки ин нисбати соли 2003 мувофиќан ба 13,0 фоиз зиёд мебошад.

Зиёдшавии шумораи пардохтњои байнибонкї дар ќаламрави љумњурї ќобили таваљљуњ аст, зеро сарфи назар аз кам шудани шумораи пардохтњои байнибонкї тавассути шуъбањои Бонки миллии Тољикистон аз њисоби дар бонкњои тиљоратї торафт васеътар истифода шудани њисоббаробаркунињои дохилишабакавї ба миён омад.

Дар соњаи пардохтњо танќкими пойгоњи ќонунї анљом ёфт, аз љумла Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи њуљљати электронї» ќабул шуд ва ин барои истифодаи технологияи ѓайрикоѓазии пешќадам дар љумњурї шароити нав мунајё намуд.

Тараќќиёти муносибатњои тиљоратию иќтисодї дар Тољикистон бењтар гардонидани механизми њисоббаробаркунињо, ривољу равнаќ додани бозори хизматрасонии бонкї бо роњи ташкили низоми пардохтиро бо истифода аз кордњои пластикї талаб мекунад.

Ба ин мақсад бо ташаббуси Бонки миллии Тољикистон консепсияи ташкили системаи пардохтии миллї «TojCard» тањия ва барои омўзиши нозукињои масъалаи мазкур комиссияи корї ташкил шудааст.

Низоми пардохт ва фаъолияти он дар зери роњбарии Бонки миллии Тољикистон ба роњ монда шуда, муносибатњои тарафайни иштирокчиёни он бо ќонунњо, санадњои меъёрии Бонки миллии Тољикистон ва шартномањои мувофиќи тарафайн танзим мегардад. Роњ ва тартиби иљрои њисоббаробаркунињои ѓайринақдии байнибонкї дар Низомнома «Дар бораи

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

ташкили њисоббаробаркунии байнибонкї дар ќаламрави Љумњурии Тољикистон» муайян карда шудааст.

Дар таърихи 30 апрели соли 2007 дар низоми бонкии ЉумњуриитТољикистон ба миќдори умумї 154630 адад њисобњои бонкї кушода шуданд. Њисобњои шахсони воќеї 83% ва њисобњои шахсони њуќуќї 17% -и миќдори умумии њисобњоро ташкил медињанд.

Бонкњои тиљоратї ва ТМҒ (ташкилотњои молиявии ғайрибонкї) дар ваќти амалигардонии њисоббаробаркунињои байнибонкї бояд роњи боэътимод, мувофиќи маќсад будан ва тезонидани суръати њисоббаробаркунињоро њамчун шартњои асосї ќабул намоянд. Њар як бонки тиљоратї ё ТМҒ вазифадор аст,ки дар яке аз муассисањои Бонки миллии Тољикистон њисоби муросилотї дошта бошад ва њисоббаробаркунињои бахшњои худро мутамарказонида анљом диња д.

Аксарият пардохтњои дар њудуди љумњурї амалигаштаро пардохтњои дохилибонкї (75,7% шумора ва 70,5% њаљм) ташкил медињанд. Шумораи пардохтњои тавассути муассисањои Бонки миллии Тољикистон амалигашта 7,17%- ро ташкил дод ва боќимондаи ин пардохтњои дохилишабакавї (8,13%) тавассути муносибатњои мустаќими муросилотї амалї гашта (6%), пардохтњои дохилии муассисаи марказии Бонки миллии Тољикистон (1.08%) ва пардохтњои Мудирияти хазинадории марказии Вазорати молияи Љумњурии Тољикистон (МХМ ВМ ЉТ) (1,92%) мебошад.

Истифодабарандагони низоми пардохтњои электронии (НПЭ) Бонки миллии Тољикистон ин Шуъбаи минтаќавии БМТ, њамаи бонкњои тиљоратї, 9 ТМЃ, 6 ташкилоти ќарзии хурд, МХМ ВМ ЉТ ва бонки «Байнидавлатї» воќеъ дар ш. Москав мебошанд. Њисоббаробаркунињо дар НПЭ байни истифодабарандагон бо тартиби ваќти воќеї иљро мегарданд.

Дар соли молиявии 2006-2007 дар ќаламрави љумњурї тавассути муассисањои БМТ зиёда аз 386,9 њазор њуљљати пардохт ба маблаѓи умумии зиёда аз 8,9 млрд. сомонї интиќол гардиданд, ки нисбати соли молиявии гузашта шумораи пардохтњо 2,9% (11,5 њазор њуљљат) кам шуда, њаљми пардохтњо 32,9% (2,2 млрд. сомонї) афзуданд (Диаграммањои 26 ва 27). Њисоби миёна рўзонаи шумора ва њаљми пардохтњо дар соли њисоботї 1,5 њазор њуљљати пардохт ба маблаѓи умумии зиёда аз 35,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбати соли 2005 шумораи пардохтњо ба 81 адад (5%) кам шуда, њаљми пардохтњо ба маблаѓи 8,2 млн. сомонї (30,1%) зиёд шуд.

Сабаби камшавии шумораи пардохтњо ба афзуншавии шумораи амалиёти бонкњои тиљоратї тавассути њисобњои мустаќими муросилотї ва њисоббаробаркунињои бахшњои худро мутамарказонида анљом додани бонкњо вобаста мебошанд.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Шумораи пардохтњои тавассути БМТ амалигашта дар солњои молиявии 2005-2007 (адад)

Њаљми пардохтњои тавассути БМТ амалигашта дар солњои молиявии 2005-2007 (бо млн. сомонї)

Дар соли молиявии 2005-2007 шумора ва њаљми пардохтњои тавассути њисобњои мустаќими муросилотї амалигашта 166,4 њазор њуљљати пардохтиро ба маблаѓи умумии зиёда аз 1 118,9 млн. сомонї ташкил дод, ки нисбати соли молиявии гузашта мувофиќан ба 76.3% (72,1 њазор њуљљат) ва 112.2% (591,7 млн. сомонї) зиёд шуданд.

Имрўзњо тамоми њисоббаробаркунињои бонкњои љумњуриамон бо бонкњо ва ташкилотњои молиявии хориљї тавассути шабакаи умумиљањонии SWIFT анљом дода мешаванд. Дар давоми соли молиявии 2006 иштирокчиёни ин шабака дар љумњурї ба 1 адад афзуд ва њоло миќдори умумии онњо ѓайр аз БМТ 9 ададро ташкил медињанд. Шумораи умумии аъзоёни нуќтаи дастёбии дастаљамъї ба шабакаи SWIFT, ки дар БМТ таъсис дода шудааст, ба 8 адад расид.

Дар айни њол 5 адад бонкњои љумњурї ба бароориш ва хизматрасонињои кортњои пластикии умумиљањонї машѓул буда, 3 адади онњо ба низоми пардохтњои умумиљањонии Visa International аъзоянд ва хизматрасонињои бонкии дорандагони кортњои пластикї ин низомро ба уњда доранд.

То санаи 30 апрели 2007 тавассути бонкњои тиљоратии Љумњурии Тољикистон ба миќдори 21 215 адад кортњои пластикии намудњои гуногун барои истифода бароварда шуд, ки ин нисбат ба соли гузашта 2,87 маротиба афзуд. Дар соли молиявии 2006-2007 шумораи умумии амалиёти бо истифодаи кортњои пластикї гузаронидашуда 151,7 њазор амалиётро ба маблаѓи 51,3 млн. сомонї ташкил дод.

Љадвали 2

Сохтори шабакаи хизматрасонињои бонкї барои гузаронидани амалиёт бо истифодаи кортњои пластикї

Нишондињанда	2005-2006	2006-2007	афзоиш	%
Банкоматњо	33	69	36	109
Терминалњо дар нуќтањои пешниходи пули наќд	53	83	30	57

Терминалњо дар нуќтањои савдо ва хизматрасонї	10	33	23	230

Сохтори шабакаи хизматрасонињои бонкї барои гузаронидани амалиёт бо истифодаи кортњои пластикї дар љадвали 2 оварда шудааст.

Такмили ќонунгузории бонкї яке аз љанбањои фаъолияти Бонки миллии Тољикистон буда, асоси онро Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи Бонки миллии Тољикистон» ва Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи бонкњо ва фаъолияти бонкї» ташкил менамояд.

Яке аз унсурњои муњими тараќќиёти низоми бонкии Љумњурии Тољикистон мутобиќати ќонунгузории бонкї бо дигар ќонунњо мебошад.

Дар давраи њисоботї љињати ба тариќи судї њал намудани масъалаи ифшои сирри бонкї лоињаи ќонунњои Љумњурии Тољикистон дар бораи дохил кардани таѓйирот ба ќонунњои Љумњурии Тољикистон «Дар бораи бонкњо ва фаъолияти бонкї», Кодекси граждании Љумњурии Тољикистон, Кодекси мурофиавии љиноятии Љумњурии Тољикистон тањия гардида, ба Кумита оид ба иќтисодиёту коммуникатсияи Маљлиси миллии Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон пешниход карда шуданд.

Дар соли њисоботии 2006-2007 Бонки миллии Тољикистон ба зиёда аз 30 лоињаи Ќонунњо, ќарорњои Њукумати Љумњурии Тољикистон ва санадњои меъёрии Бонки миллии Тољикистон аз љумла: «Дар бораи фаъолияти нархгузорї дар Љумњурии Тољикистон», «Дар бораи имзои раќами электронї», «Дар бораи авфи шањрвандон ва шахсони њуќуќии Љумњурии Тољикистон бинобар аз љониби онњо ќонунї гардонидани амвол», «Дар бораи ипотека», «Дар бораи муборизаи ба муќобили маблаѓгузории терроризм», Кодекси андози Љумњурии Тољикистон, Кодекси замини Љумњурии Тољикистон, «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», «Дар бораи Бонки миллии Тољикистон», «Дар бораи бонкњо ва фаъолияти бонкї», «Дар бораи ташкилотњои маблѓгузории хурд», «Дар бораи фаъолияти иќтисодии Љумњурии Тољикистон» хулоса омода намуд.

Бо маќсади давом додани тараќќиёти бозори хизматрасонї маблаѓгузории хурд ва рушди соњибкорї дар кишвар Бонки миллии Тољикистон дар соли њисоботї барои додани иљозатномањо 28 оинномаи ташкилотњои маблаѓгузории хурдро дида баромада, ба аксарияти онњо иљозатнома доданд.

Бонки миллии Тољикистон соли 2006 раванди такмилдињии низоми пардохтро давом дода, гузариши њамаи њисоббаробаркунињои байнибонкиро дар ќаламрави љумњурї ба низоми пардохтњои электронї пешбинї намудааст. Якљоя бо Департаменти хазинадории марказї наќшаи чорабинињо вобаста ба

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

гузариш ба тартиби мубодилаи электронии њуљљатњо байни Бонки миллии Тољикистон ва Вазорати молияи Љумњурии Тољикистон тањия ва татбиќ мегардад.

Бо маќсади афзоиши њиссаи њисоббаробаркунињои ѓайринаќдї дар иќтисодиёти мамлакат, зиёд намудани шумораи бонкњои аъзои системањои пардохти байналмилалї, ба монанди Visa International, Europay International ва дигарњо, инчунин фаъол намудани кори Маркази протсессингии «Тољкорт» љорї намудани шаклњои дигари пардохт (векселњо, чекњо ва дигар) ба наќша гирифта шудааст.

Бонки миллии Тољикистон бо маќсади мукаммалгардонии ташкили њисоббаробаркунињои байнидавлатї ва таъмини босифату боэътимоди љараёни њисоббаробаркунии пардохтии иштирокчиёни фаъолияти иќтисодии байналмилалї барои бонкњое, ки истифодабарандагони нуќтаи тамоси дастљаъмона ба шабакаи SWIFT мебошанд, шароити мусоид мунљайё месозад, ки ин имконият медињад бо харољоти кам дорои механизмњои њозиразамони њамкорї бо љомеаи умумиљањонии бонкї гарданд.

9.4. Пешниҳодот барои кори мустақилона

1. Ќисматњои асосї ва сохтори низоми пардохтии Љумњурии Тољикистон кадомњоянд?
2. Вазифа ва маќсади асосии низоми пардохтњо дар чист?
3. Маќсади Бонки миллии Тољикистон дар рафти ташкили њисоббаробаркунињо дар чист?
4. Сохтори шабакаи хизматрасонињои бонкї барои гузаронидани амалиёт бо истифодаи кортњои пластикї чї гуна аст?
5. Њаљми пардохтњо тавассути БМТ амалигашта дар солњои молиявии 2005-2007 (бо млн. сомонї) чї ќадар аст?
6. Истифодабарандагони низоми пардохтњои электронї кињоянд?

Мавзўи 10. Интиќоли маблағњо ва аҳамияти он дар Тољикистон

10.1. Моњияти интиќоли маблағњо дар Љумњурии Тољикистон
10.2. Низоми интиќоли маблағњои пулї ва шаклњои он
10.3. Пешниҳодот барои кори мустақилона

10.1. Моњияти интиќоли маблағњо дар Љумњурии Тољикистон

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Бонкњои тиљоратии Тољикистон аз имкониятњои васеи муносибатњои муросилотии (мукотибавии) худ бо бонкњои љањон истифода намуда, ба мизољони худ барои интиќол ва ќабули босуръати маблаѓњои пулї, чї дар дохили љумњурї ва чї берун аз њудуди он, амалиёти интиќоли маблаѓњоро пешниҳод мекунанд.

Бонкњо интиќоли маблаѓњоро (бо супориши мизољон) бе истифодаи суратњисобњои љорї ва асъорї аз тарафи шахсони воќеї ба амал мебароранд. Ќабул намудан ва пардохт кардани маблаѓњои интиќолшуда дар асоси пешниҳод намудани њуљљатњои собиткунандаи шахсият ба амал оварда мешавад.

Низоми интиќоли маблаѓњои пулї имконият медињад, ки муштариён дар муддати кўтоњ ва бе ягон хатару мамониат маблаѓњои пулии худро аз нуќтаи дилхоњи љумњурї ба тамоми љањон интиќол намоянд.

Барои ќабул ё интиќол додани маблаѓњои интиќолї ба шуъбаи дахлдори бонк бояд њуљљати собиткунандаи шахсият пешниҳод карда шавад, баъд аз он рамз ва маблаѓи интиќолшударо гуфтан зарур аст. Дар сурати мувофиќат кардани маълумотњо корманди бонк маблаѓи интиќолшударо ба мизоль медињад.

Њангоми интиќоли маблаѓи пулї шахси интиќолдињандаи маблаѓи пулї, бояд бо корманди бонк нишондињандањои шахсеро, ки ин маблаѓро ќабул мекунад, пешниҳод кунад. Яъне ному насаб, раќами шиносномаи шахси ќабулкунандаи маблаѓи интиќолшавандаро бояд муштарї њангоми интиќоли маблаѓи пулї ба мутасаддии бонк пурра пешниҳод намояд.

10.2. Низоми интиќоли маблаѓњои пулї ва шаклњои он

Низоми интиќоли маблаѓњои пулии машњуртарин, ки бонкњои тиљоратии кишвар ба таври васеъ аз онњо истифода мекунанд, низоми интиќоли маблаѓњои пулии «**Migom**», «**Anelic**», «**Contact**», «**Western Union**» «**Золотая карона**» мебошад, ки дар бораи њар яки он маълумот дода мешавад.

Низоми интиќоли пулии «**Migom**» дар њудуди Иттињоди Давлатњои Мустаќил (ИДМ) фаъолият мекунад. Муњлати интиќоли маблаѓњои пулї аз тарафи ин низом аз 5 то 10 даќиќаро дар бар мегирад. Инчунин бартарияти ин низом дар он аст, ки ин низоми интиќоли «бенишона» мебошад. Яъне агар муштарї тавассути ин низом пулашро интиќол диҳад, ќабулкунандаи пул метавонад, ки аз шуъбаи дилхоњи хизматрасонии «**Migom**» дар њудуди ИДМ ин маблаѓи пулиро дастрас намояд.

Њаќќи хизматрасонии ин низоми интиќоли аз 1то 3 фоиз аз маблаѓи интиќолшаванда мебошад. Раванди интиќоли маблаѓњои пулї тавассути ин низом чунин аст: Муштарї ба нуќтаи дилхоње, ки дар он љо низоми интиќолии «**Migom**» истифода мегардад, мурољиат мекунад, ки тарофаи ягона ба тамоми самтњо аз 0,4% иборат аст. Пеш аз њама, вай бояд ба корманди масъули ин шуъба њуљљати собиткунандаи шахсиятро пешниҳод кунад, сипас «Ариза барои интиќолро» пур мекунад. Пас аз ин, ба хазина маблаѓи зарурiро медињад, корманди масъули шуъбаи бонкї ба муштарї раќами назоратии

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

интиќоли (РКИ)-ро мединад. Муштарї бояд РКИ-ро ба шахси ин маблаѓро ќабулкунанда пурра маълум намояд. Ќайд кардан лозим аст, ки маълумоти РКИ бояд махфї бошад, онро танњо интиќолдињанда ва ќабулкунандаи пул бояд донад. Дар ваќти пардохти маблаѓи интиќолшуда њаќќи хизмат гирифта намешавад.

Низоми интиќоли пулии «**Western Union**». Ин низоми интиќоли пул дар љањон хеле машњур аст. Ин низом низ низоми интиќоли маблаѓњои пули «бесуроѓа» мебошад. Тавассути низоми интиќоли маблаѓњои пулии «**Western Union**» муштариён метавонанд маблаѓњои пулиро аз нуќтањои дилхоњи дунё дар давоми чанд даќиќа интиќол дињанд ва ќабул намоянд. Низоми хизматрасонии «**Western Union**» дар минтаќањои гуногуни кишвар истифода мешавад. Њар як интиќоли пулие, ки тавассути ин низом ба амал меояд, бо низоми бехатарии љањонї њимоя карда шудааст. Њаќќи хизмат дар ин низом барои интиќоли пул аз шахси интиќолкунанда гирифта мешавад. Низоми интиќоли пулї вобаста ба њаљми маблаѓ ќабули комиссия гуногун аст. Низоми интиќоли пулї «MoneyGram» низоми интиќоли зуд ва боэътимод буда, асосан ин низом низоми интиќоли пулии байналхалќї ба њисоб рафта, зиёда аз 12 000 нуќтањои хизматрасонї дар давлатњои Иттињоди Давлатњои Мустаќил ва 157 000 нуќтањои хизматрасонї дар 180 мамлакат ва минтаќањои дунё, ки њамарўза ба мизољони худ шароити хуби хизматрасонї пешнињод кардааст. Низоми интиќолии пулии «ЛИДЕР» њам низоми интиќоли байналхалќї ба њисоб рафта, дар ќаламрави Љумњурии Тољикистон зиёда аз 500 нуќтаи интиќолї дорад ва берун аз он зиёда аз 25 000 нуќтањои хизматрасонї дорад. Тартиби супоридан ва гирифтани маблаѓњо чунин аст:

1.Дар њолати интиќол;

- вараќаи интиќолиро пур намуда, њуљљати (шиносномаи) шахсии худро пешнињод менамояд;
- маблаѓи интиќолиро ворид намуда, њаќќи хизматрасониро пардохт мекунад;
- раќами баќайдгирии интиќолиро ќабул намуда, дар бораи он ба интиќолгиранда иттилоъ дињад;
- баъд аз иттилоъ додани раќами баќайдгирї интиќолгиранда метавонад маблаѓро дар муддати 10 даќиќа дастрас намояд.

2.Дар њолати гирифтан:

- коди интиќолї;
- ному насаби пардохткунандаи маблаѓ;
- аз кадом шањр маблаѓ интиќол шудааст;
- шумораи маблаѓи интиќолшуда;

Дар низоми хизматрасонии интиќоли маблаѓњои пулии «» ва «» њаќќи хизмати бонкиро бояд интиќолдињандаи маблаѓ супорад. Њаќќи хизмат аз њаљми маблаѓи интиќолшаванда 3 фоизро ташкил мединад.

10.3. Саволњо барои назарсанљї

1. Тартиби интиќоли маблаѓ аз хориљ ба дохили Љумњурии Тољикистон чї гуна сурат мегирад?

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

2. Шартњои асосии интиќоли маблаѓ кадомњоянд?
3. Кадом роњњои асосии бењдошти интиќоли маблаѓ мављуданд?
4. Кадом шаклњои маъмули интиќоли маблаѓ вуљуд дорад?
5. Тартиби ќабул ва нигоњдошти њаќќи хизмат аз рўи чї сурат мегирад?

Мавзўи 11. Системаи байнибонкии умумиљањонии SWIFT ва самаранокии кори он дар фаъолияти бонкї

11.1. Маќсад, мазмун ва моњияти истифодаи шабакаи SWIFT
11.2. Системаи байнибонкии умимиљањонии SWIFT
11.3. Аъзоёни шабакаи SWIFT ва тартиби истифодаи он
11.4. Саволњо барои назарсанљї

11.1.Маќсад, мазмун ва моњияти истифодаи шабакаи SWIFT

SWIFT (Society for World-Wide Interbank Financial Telecommunications) – Иттињоди телекоммуникатсияњои молиявии умумиљањонии байнибонкї, ташкилоти байналмилалї дар соњаи коммуникатсияи молиявї мебошад. Самтњои асосии фаъолияти SWIFT барои бонкњо расондани хизматрасонии оперативии боэътимод, аз дастрасии бе иљозат муњофизатшуда ва ташкил кардани корњо оид ба стандартизатсияи намуд ва усулњои табодули иттилооти молиявї мебошад.

Маќсади асосии шабакаи SWIFT ва даврањои асосии рушди он ба солњои 50 асри гузашта рост меояд. Њамон ваќт дар натиљаи зиёд шудани њаљми савдои байналхалќї миќдори амалиётњои бонкњо якбора афзун гашт. Шаклњои анъанавии алоќаи байни бонкњо (почта, телеграф) дигар аз уњдаи иљро кардани ахбори зиёди худ намебаромад. Барои ислоњ намудани камбудињое, ки бо сабаби гуногун будани тартибу ќоидањои бонкњои гуногун дар њуљљатњо хатоњо ба амал меомад ва бо сабаби ислоњталаб шудани њамаи он њуљљатњо ваќти зиёд харљ мегашт. Роњи ягонаи баромадан аз ин буњрон (сели њуљљатњои коѓазї) автоматї кардани њуљљатгузорї буд.

Дар баробари рушд кардани системањои автоматии бонкї зарурати табодули иттилооти молиявии бекоѓаз дар байни бонкњо ба амал омад. Аммо бо сабаби гуногун будани протоколњои њамкорї системаи бомаром фаъолияткунандаи коркарди иттилоот мушкил буд. Илова бар ин, дар соњаи муносибатњои байнибонкї стандартизатсия комилан вуљуд надошт.

Љустуљўйи роњњои самараноки кор водор сохт, ки дар оѓози солњои 1960, 60 адад бонки амрикої ва аврупої љамъ омада, оид ба масъалањои тањия намудани стандартизатсия дар соњаи фаъолияти бонкї бањсу мунозира намоянд. Дар натиља, ба ќарор омаданд, ки маќсади нињої бояд истифодабарии

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

компютерњою воситањои телекоммуникатсионї шавад, ки минбаъд низоми зуд ва бемонеаю бехатар интиќол додани ахбори бонкиро таъмин намоянд.

Талаботи зерин асоси лоињаи мазкурро ташкил дод:

• амалиёти пардохткунї бе иштироки коѓаз;

• суръати табодули ахбор дар байни бонкњо ва тезонидани истифодаи телекоммуникатсия;

• то њадди имкон кам кардани таваккалњои маъмули бонкї, зарар, нодуруст интиќол додани пардохт, ќалбакї сохтани пардохтномањо ва ѓайрањо).

Ташаббуси сохтани лоињаи байналмилалї дар соњаи табодули байнибонкии ахбор, ки дорои дараљаи баланди муњофизатшавї аст, соли 1968 ба вуљуд омад. Каме баъдтар, соли 1972 ташаббуси мазкур њамчун лоиња ба миён омад. Худи њамон сол тамоми њисобу китоби марбути лоиња анљом дода шуд ва тавсияњо оид ба самаранокии системаи бонкии табодули ахбор пешниҳод гардид. Тавсияњо иборат буданд аз:

• система дар асоси сохтани шабакаи байналхалќї ва хадамоти шабакавии хизматрасонї сохта шавад; бо маќсади стандартї кардани равандњо, инчунин стандартї кардани ќолаби маълумоти фиристодашаванда сохта шавад; бо маќсади стандартї кардани усулњо ва талњизоти пайвастшавии бонк бо шабака сохта шавад;

• барои таъмин кардани самаранокї дар њолати сарф кардани 0,15 доллар система бояд беш аз 1 00 000 хабарро бо иштироки тахминан 70 бонк коркард намояд;

• система бояд дорои ду маркази таќсимотии бо њам алоќаманд бошад;

Моњи майи соли 1979 239 бонк аз 15 кишвари олам мутобиќи ќонунгузории Белгия бо маќсади табодули ахбори молиявї ва сохтани шабакаи байналмилалии маълумот бо истифода аз стандартикунонии иттилоот SWIFT таъсис доданд. Чор соли минбаъда ба њал намудани масъалањои ташкилї сарф гашт ва 9 майи соли 1977 маъракаи расмии кушода шудани шабака барпо шуд. Дар охири њамон сол миќдори бонкњои аъзои шабака то 586 адад (дар оѓоз 513) расид. Онњо њар рўз то 500 000 хабарро интиќол медоданд.

Њоло SWIFT ќариб 4800 бонк ва ташкилотњои молиявиро, ки дар 155 кишвари дунё фаъолият менамоянд, фаро гирифтааст. Дар байни бонкњои мазкур беш аз 2700 бонк дорои зиёда аз 20 000 терминал мебошанд. Њамаи онњо новобаста аз мавќеи љуѓрофиашон имконият доранд, ки дар давоми шабонарўз бо њам робита кунанд. Њоло дар шабакаи SWIFT њар сол зиёда аз 5 млн хабарњои молиявї пањн карда мешавад ва ин миќдор минбаъд боз њам меафзояд.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

SWIFT вазифањои клирингиро анљом намедињад ва танњо шабакаи коммуникатсионии бонкї мебошад, ки ба оянда нигаронда шудааст. Фармоишњои интиќолшаванда дар шакли пардохт аз суратњисобњои «НОСТРО» ва «ЛОРО», инчунин њамчун њуљљатњои муќаррарии пардохтї ба эътибор гирифта мешаванд.

SWIFT љамъияти сањомиест, ки соњибонаш бонкњои аъзояш мебошанд. Љамъияти мазкур дар Белгия ба ќайд гирифта шудааст. Маќоми олии љамъият маљлиси умумии бонкњои аъзояш ва намояндагињояш мебошанд (Ассамблеяи генералї). Њамаи ќарорњо бо роњи аксарияти овозњои иштирокчиён мутобиќи принсипи «як сањмия - як овоз» њал карда мешавад.

11.2. Системаи байнибонкии умимиљањонии SWIFT

Њар бонке, ки мутобиќи ќонунгузории кишвараш њуќуќи анљом додани амалиёти байналхалќиро дорад, метавонад узви шабака гардад. Дар баробари бонкњои узви шабака ду категорияи дигари истифодабарандагони шабакаи SWIFT – узвњои ассосиатсиявї ва иштирокчї вуљуд дорад. Филиал ва шуъбањои бонкњо метавонанд узви ассотсиатсиявии шабакаи SWIFT шаванд, вале онњо наметавонанд сањмиядор бошанд ва аз њуќуќи идоракунии корњои љамъиятї мањруманд. Ба ин ќатор конторањои брокерї, ширкатњои клирингї ва суѓурта, ширкатњои молиявии ба шабака (баъди соли 1987) роњёфта ворид мегарданд.

Аъзо шудан ба шабакаи SWIFT дар ду давра сурат мегирад. Иннњо давраи омодагї барои аъзогї ба љамъият ва давраи омодагии бонк ба пайвастани бонк ба сифати узви кори љамъият мебошанд. Дар давраи аввал бонк њуљљатњои зеринро пур карда, ба SWIFT мефиристад: ариза дар бораи аъзои љамъият шудан, уњдадорињои бонк оид ба иљро намудани оинномаи SWIFT ва љуброн кардани харољоти (харољоти амалиётї) љамъият, суроѓаи бонк ва номи шахси барои робита бо љамъият масъул, тафсири хабарњои бонк.

Шўрои директорони SWIFT њуљљатњоро баррасї намуда, дар бораи ќабул кардани бонк ба аъзогии љамъият ќарор ќабул менамояд. Бонки номзад ба ќабулшавї ба љамъият оид ба пардохт кардани њаќќи аъзогии яккарата ва харидани як сањмияи љамъият њуќуќ пайдо менамояд.

Ќабул шудан ба аъзогии љамъият пурќимат буда, барои бонки аъзо 10 000 евро ва барои бонки узви ассосиатсиявї 5 њазор евро аст. Илова бар ин, бонкњо бояд ба андозаи 1950 евро як сањмияи љамъиятро бихаранд.

Даври дуюми ќабулшавї ба аъзогии љамъият бо бевосита пайваст шудани бонк ба шабака алоќаманд аст. Дар њамин давра, њамаи масъалањои техникї њал карда шуда, талњизоти коммуникатсионї харида мешавад (арзиши талњизот метавонад садњо њазор доллари амрикої бошад) ва омўзондани

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

кормандони бонк анљом меёбад. Муњлати пайваст шудан ба шабака рўзњои душанбеи аввали моњи март, июн, сентябр ва декабр мебошад. Тавре таљриба нишон медињад, харољоти бонкњо барои ширкат дар системаи SWIFT (харољот асосан ба насб кардани таљњизоти нави электронї алоќаманд аст) дар 5 сол пўшонда мешавад.

Дар њар мамлакате, ки системаи SWIFT инкишоф меёбад, љамъият дар он љо маъмурияти минтаќавиашро таъсис медињад.

Аъзогї ба SWIFT барои барпо кардани робитањои васеъ ва пуршиддати молиявию иќтисодии хориљї, аз он љумла ба амал овардани шароити мусоид барои фаъолият кардани инвеститсияњои хориљї дар њудуди кишвар имконияти мусоид фароњам месозад.

SWIFT ташкилоти бедаромад аст, тамоми даромади бадастомада барои пўшондани харољот ва нав кардани система сарф мегардад.

Архитектураи муосири шабакаи SWIFT

Инфрасохтори техники SWIFT дар солњои 1970 ташаккул дода шуда, аз марказњои компютерие иборат аст, ки дар тамоми љањон пањн гашта, бо хатњои баландсуръати бо њам пайвастаи интиќол додани маълумот љињозонида шудааст. SWIFT ба ташкилотњои молиявии кишварњои гуногуни олам имконият медињад, ки ба он пайваст шаванд ва аз терминалњои мухталифи он истифода баранд. Дар оѓоз ба њайати SWIFT марказњои зерин ворид гашта буданд:

- ду маркази амалиётї дар ИМА ва Нидерланд;
- панљ системаи фаъол дар ИМА ва Нидерланд;
- протсессорњои минтаќавї дар мамлакатњои гуногун;
- каналњои алоќаи истифодабарии умум ва таъйиноти махсус.

Дар марказњои амалиётї назорати шабонарўзии воситањои техникї ва таъминоти барномавии барои шабака фаъолияткунанда ба роњ монда шуда, ахбори ташхисї љамъ оварда мешавад, ташхиси протсессњои барќароркунии баъди вайрон шудани система баамаломада анљом дода мешавад.

Дар ибтидои кор SWIFT-1 аз уњдаи вазифањои ба зиммааш гузошташуда мебаромад. Аммо афзун гаштани шумораи истифодабарандагон, интиќоли маълумот ба воситаи шабака ва аз љињати маънавї кўњна шудани таљњизот ба он оварда расонд, ки архитектураи нави шабака тањия ва дар амал татбиќ карда шавад. Гузариш ба SWIFT-2 дар охири солњои 1989 шурўъ шуда, дар соли 1995 пурра анљом ёфт. Њамаи корњо чунон ба роњ монда шуданд, ки истифодабарандагони шабака ягон хел таъсири манфии онро дар кори худ эњсос накарданд.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Дар SWIFT-2 протсессорњои нисбатан пурмањсул ва талњизоти шабакавие истифода мешавад, ки дорои имконияти зиёд кардани интиќолдињии маълумот тўли якчанд сол буда, инчунин бо барномањои нисбатан њозиразамон таъмин аст. Шабака дар ИМА ва Нидерланд дорои ду маркази бо њам алоќаманд, вале ба таври баробар ва мустаќилона фаъолияткунанда мебошад.

Барои кафолати устувори њамаи системањо онњо дорои системањои дугоник мебошанд. Ба ѓайр аз ин, барои дар лањзаи зарурї истифода бурдан дар ќароргоњњои марказии шабака боз ду маркази амалиётие фаъолият менамоянд, ки њамеша омодаанд системањоро иваз кунанд.

Шабакаи SWIFT-2 (акси 4.2) дорои архитектураи чорзинадор мебошад ва ба воситаи системањои идоракунандаи протсессорњо идора мешавад (System Control Processor - SCP).



Акси 4.2. Архитектураи шабакаи SWIFT-2

11.3. Аъзоёни шабакаи SWIFT ва тартиби истифодаи он

Дар асл байни бонкњо на ин ки пул, балки њуљљатњои пулї ва паёмњои махсуси электронї њаракат мекунанд. Барои таъмини суръати гардиш ва амнияти ин њуљљатњою паёмњо ташкилоту механизмњои махсуси њимояшаванда ташкил шудааст. Масалан, соли 1973 аз 15 мамлакати љањон 239 бонк Љамъияти умумиљањонї алоќањои молиявии байнибонкї (Society for Worldwide Interbank Financial Telekomynickation - SWIFT)-ро ташкил намуданд. Шабакаи SWIFT, ки љои телетайпро гирифт, баъди чанде ба якумин шабакаи байналмилалї мубаддал гардид. Соли 2006 миќдори аъзои он ба 7,8 њазор бонку ширкатњо аз 198 мамлакати љањон расида, адади паёмњо камтар аз 2 млрд-ро ташкил дод. Ба воситаи SWIFT рўзе 11 млн. адад амалиёти бонкї иљро мешавад. Бонкњои узви шабакаи SWIFT ба воситаи он паёмњои пулиро, ки бо ќоидањои махсус њимоя шудаанд, ба њам мефиристанд ва дар асоси онњо

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

пулгузарониро байни мизољон таъмин менамоянд. Истифодаи SWIFT аз љониби бонкњои тиљоратии дар Тољикистонбуда солњои 1996-1997 шурўъ шудааст. То ин давра бонкњо аз телетайп истифода мекарданд, ки шабакаи боварinок ва таъминкунандаи суръати зарурии пулгузаронї набуд.[8]

Дар дунё миќдори бонкњо хеле зиёд аст ва албатта, бонки алоњида наметавонад дар њамаи онњо њисоби муросилотї дошта бошад. Бонки тиљоратї чанд бонкеро интихоб мекунад, ки нигоњ доштани маблаѓњои пулиаш дар онњо ба маќсад мувофиќ аст. Масалан, доштани њисоби муросилотї дар бонкњои аврупої имкон медињад, аз як тараф, хизматрасонии сариваќтии мизољон таъмин карда шавад, зеро пахтаю алюминий, тилло ва мањсулоти дигар ба ширкатњои аврупої фурўхта мешавад, аз тарафи дигар, бонк имкон дорад маблаѓњои пулиро бо фоизи баландтар пасандоз кунад. Дар айни њол шумораи аъзоёни ин система 2300 бонк ва 8000 институти молиявї аз 208 давлати љањон мебошанд.

Барои амалиёти воридотї ё содиротї љињати интиќол дар асоси ариза маълумотњои зерин пешниҳод карда мешаванд:

а) раќам ва санаи додани ариза барои интиќол;

б) њаљми интиќоли асъори хориљї (бо њарф ва раќам);

в) реквизите, ки воситаи пулї ба он љо интиќол дода мешавад.

Шахси интиќолдињанда ва додани ариза барои интиќол 3 нусха бо имзои шахсї.

11.4. Саволњо барои назарсанљї

1. Маќсад, мазмун ва моњияти истифодаи шабакаи SWIFT аз чї иборат аст?

2. Маълумотњои асосии амалиётњои содиротию воридотї кадомњоянд?

3. Аъзоёни шабакаи SWIFT ва тартиби аъзошавї ба он чї гуна сурат мегирад?

4. Архитектураи муосири шабакаи SWIFT чї гуна аст?

5. Бартариятњои шабакаи SWIFT-1 ва SWIFT-2 дар чист?

6. Талаботи асоси лоињаи SWIFT кадомњоянд?

9. Дар оѓоз ба њайати SWIFT кадом марказњо ворид гашта буданд?

10. Даромади шабакаи SWIFT ва самтњои фаъолияти онро номбар кунед.

11. Шўрои директорони SWIFT ва вазифањои онњо аз чї иборат буд?

12. Даврањои аъзошавї ба шабакаи SWIFT.

13. Системаи байнибонкии умимиљањонии SWIFT.

[8] Белоглазова Г. Банковская дело., - Москва, 2009.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

14. SWIFT чї гуна љамъият аст?
15. Кадом самтњои асосии фаъолияти SWIFT вуљуд доранд?
16. Маќсади асосии љорикунии шабакаи SWIFT аз чї иборат аст?

12.Маќсад, вазифањо ва мазмуни фан. Мавќеи суѓурта дар иќтисоди бозорї.

12.1.Маќсад, вазифањо ва мазмуни фанн. Мавќеи суѓурта дар иќтисоди бозорї.

Суѓурта яке аз љузъњои муњими иќтисодї аст, ки марбут ба форматсияњои гуногуни иќтисодї буда, аммо дар шароити иќтисоди бозоргонї бештар ва пурратар татбиќи худро меёбад. Суѓурта љузъи системаи молия мебошад.

Дар шароити гузариш аз иќтисоди наќшавии давлатї ба иќтисоди ильтимоии бозорї механизми бозории худташкили такористењсолро пурмањсул истифода намуда, ба чунин сохаи сохибкорї, њамчун суѓурта, бањо додан ва имконоти суѓуртаро барои њифзи манфиатњои амволии шањрвандон, муассисањо ва давлат истифода намудан зарур мебошад.

Дар мамолики хољагии бозоргониашон тараќќикарда суѓурта бахши стратегии иќтисод мањсуб меёбад. Мутаассифона суѓурта дар Љумњурии Тољикистон њанўз ба љузъи људонашавандаи иќтисоди миллї табдил наёфтааст. Дар тафаккури бисёр шањрвандон ва сохибкорон фањмиши дурусти моњият ва таъиноти суѓурта мављуд нест. Дар давраи Иттифоќи шуравї, яъне дар системаи ѓайрибозории хољагидорї, љуброни зарар аз офатњои табиї ва дигар њодисањои ѓайричашидошт асосан аз љониби давлат пардохта мешуд, барои ин давлат аз буља маблаѓ људо мекард, яъне системаи суѓурта наќши ёрирасонро мебозид.

Дар натиљаи раванди ѓайридавлатикунонї ва гузаштани ќисми назарраси фондњои асосї ба моликияти шахсї ва сохторњои ѓайридавлатї дар Љумњурии Тољикистон ба бозори мутараќќии суѓурта зарурияти объективї ба амал омад.

Бозори суѓурта мавќеи сазовори худро дар зерсохтори бозории мамлакат бояд пайдо намояд. Њангоми дар љумњурї мављуд будани системаи босуботи кафолатњои молиявї дар шахси ширкатњои суѓуртавї, зарари аз офатњои табиї, садамањо, сўхторњо ва дигар њодисањои ѓайричашмдошт расонидашаванда, ки метавонанд ба ќуввањои истењсолии ташаккулёбанда таъсири манфї расонида, дар сохањои иќтисодиёт монеа ворид созанд, бояд љуброн карда шавад.

Њодисањои номбаршудаи хислати фавќулодда дошта ва њаёти муътадили инсонро вайронсозанда ногањонї ва пешбининашавандаанд. Яъне њаёти одамон, амволи онњо, арзишњои моддї дар раванди истењсолї, фаъолияти ильтимої, сиёсї ва фарњангї њамеша мавриди хатари ќисман ё пурра нобудшавї ќарор мегиранд.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Дар њаёти муќаррарї дар зери мафњуми тањти хатар будан на танњо хавфи имконпазире аз ягон чиз, инчунин таваккал ва бо бебарорї анљом ёфтани амали ба умеди бурде иљро кардашаванда фањмида мешавад. Дар суѓурта бошад, таваккал ќатъитар муайян карда мешавад; ин воќеаи имконпазир ё маљмўи воќеањоест, ки бо њуљуми онњо ба арзишњои моддї, саломатї ва њатто њаёти инсон хавфи расонидани зарари муайян тањдид мекунад (наќшаи 1). Баъдтар ба суѓурта доираи наву васеи объектњо фаро гирифта шуданд: таъминоти моддии шањрвандон њангоми марги саробони оила, инчунин хавфи бо бебарорї анљом ёфтани ягон амали ба умеди бурде иљрокардашаванда, гум кардани ќобилияти корї њангоми рух додани њодисањои махсус дар њаёти шахсї (ба синни муайян расидан, ба нафаќа баромадан ва ѓ.).



Наќшаи 1.1. Намудњои њодисањои фавќулодда.

Дар Љумњурии Тољикистон системаи муносибатњои бозоргонї дар соњаи суѓурта бештар аз 15 сол аст, ки вуљуд дорад. Аммо дар ин давра пойдоршавии бозори хизматњои суѓурта суръати пасти тараќќиётро дорост.

Шартњои зарурии бунёди бозори суѓурта дар њамаи мамолик чунинанд;

а) мављудияти талаботи љомеа ба хизматњои суѓурта;

б) мављуд будани суѓуртакунандагони ќобили ин талаботро ќонеъгардонанда;

в) мављуд будани назорати давлатї аз болои фаъолияти суѓурта.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Маъз ба туфайли вуљуд доштани шартњои асосии номбаршуда суѓурта ба њаёти рўзмарраи њар як узви љомеа дохил шуда, ќисми таркибии иќтисодиёт дар бисёр мамолики љањон, аз љумла дар кишварњои ИДМ гардидааст.

Аммо мутаассифона аз ин се унсури зикршудаи асосии бозори суѓурта дар Љумњурии Тољикистон дутои онњо - талаботи љомеа ба хизматњои суѓурта ва назорати давлатї аз болои фаъолияти суѓуртавї комилан вуљуд надоранд. Баъзе ширкатњои камшумори суѓуртавии мављуда (махсусан давлатї) дар натиљаи раќобати носолим бисёр ширкатњои ѓайридавлатии суѓуртаро аз байн рабуда, субъекти асосии суѓурта – суѓурташавандањоро дар шахси шањрвандон, корхонаљо, ташкилотњо ва давлат фаромўш карда, танњо манфиати идоравї ва тиљоратии худро афзал медонанд.

Дар тамоми системањои суѓуртавии љањон масъалањои суѓурта манфиатњои шахсони њам воќеї ва њам њуќуќиро дар бар мегиранд. Њаљми талабот инчунин њаљми хизматњои суѓуртавиро муайян мекунад, ки якљоя бо маљмўи сохторњои давлатї ва хусусии суѓурта моњияти бозорро ташкил медињад.

Бозори суѓурта дорои хусусиятњои худ буда, гирифтори амали ќонунњои махсус, меъёрњои ќонунї ва љараёнњо мебошад, ки моњияти усулњои ташкил, банаќшагирї ва идораи суѓурта, инчунин мазмуни фанни «Фаъолияти суѓурта»-ро муайян мекунад. Фанни мазкур масъалањои иќтисодии умури суѓурта, ташкил ва истифодаи хазинањои (фондњои) суѓуртавї, усулњои фаъолияти суѓуртавиро дар бозори хизматњои суѓуртавї дар бар мегирад.

Суѓурта ин сохтори иљтимоию иќтисодї аст. Бинобар ин дар фаъолияти суѓуртавї манфиатњо ва рафтори одамон, ќонуниятњои иљтимої ва равандњои бештар муваффаќиятноки ширкати суѓуртавиро муайянкунанда хеле мунъиманд. Њамчун объекти илм ва фанни таълимии «Умури суѓурта» муносибатњои махсуси иљтимоию-иќтисодї хизмат мекунанд, ки дар истењсолот ва љомеа аз рўи намудњои гуногуни фаъолияти суѓуртавї бармеоянд.

Маќсаду вазифањои асосии фанни мазкур ин омўзонидани мутахассисони ояндаи соњаи суѓурта барои самаранок истифода бурдани дониши онњо дар фаъолияти амалии минбаъдаашон мебошад. Фанни таълимї ба донишљўён имконият медињад, ки иќтисодиёт, ташкил, банаќшагирї ва идораи суѓуртаро омўзанд, муносибатњои иљтимоию иќтисодиро дар соњаи суѓурта самаранок танзим намоянд.

13.1. Суѓурта- категорияи иќтисодї. Функсияњои суѓурта.

Суѓурта њамчун категорияи иќтисодї системаи муносибатњои иќтисодиро оид ба маљмўи муносибатњои сарбастаи азнавтаќсимкунии иштирокчиёне, ки аз њисоби пардохти аъзоњаќќињояшон фонди маќсадноки суѓуртавї бунёд намуда, онро барои љуброни зарари эњтимолии корхонањою ташкилотњо њангоми сар задани њодисањои фавќулодда, инчунин ба таъминоти моддии шањрвандон њангоми љой доштани баъзе њодисањо дар

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

њаёти онњо истифода мекунад, ифода менамояд. Ба маънои дигар, суѓурта таќсими зарари як суѓурташуда байни њамаи суѓурташудагон мебошад.



Сурати 1.2. Наќшаи раванди суѓурта.

Суѓуртаро њамчун категорияи иќтисодї аломатњои зерин ифода мекунанд:

1. Њангоми суѓурта муносибатњои азнавтаќсимотии маблаѓї пайдо мешаванд, ки бо мављудияти эњтимолият ва имконоти суѓуртавии сар задани њолати суѓуртавї алоќаманданд ва ќобиланд зарари моддї ё дигар хел зарар расонанд. Бо ин аломаташ суѓурта бо категорияи њифзи суѓуртавии истеъсолоти љамъиятї алоќаманд аст.

2. Барои суѓурта муносибатњои сарбастаи азнавтаќсимкунї дар байни иштирокчиёни он, ки ба таќсими љамъи маблаѓњои зарар дар як ё якчанд субъектњои суѓурташуда алоќаманд аст, хос мебошад. Чунин таќсимоти зарар ба эњтимолияти он, ки шумораи субъектњои зарардида, чун ќоида, аз шумораи иштирокчиёни суѓурта кам аст, асос меёбад, махсусан агар шумораи иштирокчиён хеле зиёд бошад.

3. Барои ташкили таќсими зарар фонди суѓуртавии маблаѓи таъиноти маќсаднок таъсис дода мешавад, ки он аз њисоби аъзоњаќии иштирокчиён ташаккул меёбад. Азбаски маблаѓи ин фонд танњо дар байни иштирокчиёни бунёдкунандаи он истифода мешавад, андозаи њаќќи суѓурта њиссаи њар яки онњоро дар таќсими зарар ифода мекунад. Бинобар ин доираи иштирокчиён њар ќадар васеъ бошад, андозаи њаќќи суѓурта њамон ќадар кам мешавад ва суѓурта њамон ќадар дастрас ва самаранок мегардад. Агар дар суѓурта миллионњо суѓурташавандањо иштирок намоянд ва садњо миллион объектњо суѓурта шуда бошанд, пас имконияти аз њисоби аъзоњаќќии камтарин љуброн кардани зарари калонтарин пайдо мегардад.

Бо аломати таќсимоти њалќавии зарар категорияи суѓурта аз дигар категорияњои молиявї фарќ мекунад. Масалан, даромади буљети давлатї аз њисоби пардохтњои корхонањо ва шањрвандон ташаккул меёбад, аммо истифодаи маблаѓњои пулї на танњо ба пардохткардагон таќсим карда мешавад.

4. Суѓурта таќсимоти зарарро чї дар байни вонањидњои гуногуни њудудї ва чї барои ваќт пешбинї менамояд. Дар ин њолат барои таќсимкунии самараноки њудудии фонди суѓурта дар давоми сол дар байни хољагињои суѓурташуда њудуди калон ва миќдори зиёди объектњои суѓурташаванда талаб карда мешавад. Танњо дар њолати риояи ин шарт таќсимоти зарар аз офатњои табиї, ки њудуди калонро дар бар гирифтааст, имконпазир аст.

Таќсими зарар вобаста ба ваќт, бо сабаби хислати тасодуфї доштани сар задани њодисањои фавќулодда аз доираи як соли хољагї берун мебарояд. Њодисањои фавќулодда метавонанд якчанд сол паи њам ба амал наоянд ва ваќти аниќи сар задании онњо низ маълум нест. Ин њолат зарурияти дар солњои гуворо захира намудани ќисми пардохтњои воридшавандаи суѓуртаро барои таъсис додани фонди эњтиётї тавлид мекунад, то ки он њамчун манбаи љуброни зарари фавќулодда дар соли ногувор хизмат намояд.

5. Хусусияти хоси суѓурта ин баргардонидашаванда будани пардохтњои ба фонди суѓурта гузошташуда мебошад. Пардохтњои суѓуртавї дар асоси тарифањои суѓуртавї, ки аз ду ќисм иборатанд, муайян карда мешаванд: а) нетто-пардохтњо, ки барои љуброни зарари эњтимолї пешбинї шудаанд ва б) сарбории барои «корбарї», яъне барои харољотњои нигањдории ташкилоти (муассисаи) суѓурта, пешбинишуда.

Андозаи нетто-пардохтњо дар асоси эњтимолияти зарар дар давраи њисобї (одатан 5 ё 10 сол) дар њудуди муайян (вилоят, љумњурї) муќаррар карда мешавад. Бинобар ин љамъи маблаѓи нетто-пардохтњо дар шакли љуброни зарар дар муддати дар њисоби давраи мўњлатї ќабулшуда, дар њамон миќёси њудудї баргардонида мешавад.

Функсияњои суѓурта. Суѓурта чор функсияро иљро мекунад;

1. Таваккалї;
2. Огоњкунандагї;
3. Пасандозї;
4. Назоратї;

1. Мазмуни функсияи таваккалии суѓурта дар љуброни зарар ифода меёбад. Дар доираи амали ин функсия таќсимкунии захирањои пулї байни иштирокчиёни суѓурта вобаста ба оќибатњои њодисањои тасодуфии суѓурташаванда ба вуљуд меояд, функсияи эњтимолияти суѓурта асосї мебошад, чунки таваккали суѓуртавї чун эњтимолияти зарар бевосита ба таъиноти асосии суѓурта оид ба љуброни моддии љабрдидагон алоќаманд аст;
2. Таъиноти функсияи огоњкунандагии суѓурта - ин маблаѓгузории аз њисоби маблаѓњои фонди суѓуртавї ба чорабинињо оид ба кам кардан ё пешгирї намудани таваккалњои суѓуртавї равонакардашуда мебошад;
3. Мазмуни функсияи пасандозии суѓурта дар он аст, ки бо кўмаки суѓурта маблаѓњои пули то давраи муайяни умр дар шакли пасандоз љамъ кардашуда нигоњ дошта мешаванд. Ин пасандоз дар асоси талабот ба њифзи суѓуртавии ба осудагии оилавї дастрасшуда ба миён омадааст.
4. Мазмуни функсияи назоратии суѓурта дар ташкили назорат (мушоњида) оид ба ташкил ва истифодаи ќатъии маќсадноки маблаѓњои фонди суѓуртавї ифода меёбад.

Аммо суѓурта хусусиятњои хоси худро дорост, бинобар ин фаъолияти суѓуртавї ба инњо асос меёбад:

-ба иќтисодиёти суѓурта, ки ба бањодињии эњтимолияти суѓуртавї, муайянкунии мувозинати оптималии байни даромадњо ва харољоти

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

суѓурташавандањо, танзими инвеститсияњои ба натиљањои бењтарин дастрас шудани ширкати суѓуртавї мусоидаткунанда алоќаманд мебошад;

-ба риёзиёти суѓуртавї ва молиявї (њисобњои актуарї), ки ба суѓурташаванда ва суѓуртакунанда пешниҳод намудани маълумоти оморї, ки барои њисоби дурусти тарифи суѓуртавї ва сањмњои суѓуртавї, бањодињии кифояти маблаѓи суѓуртакунанда барои љуброни зарарњои суѓурташаванда, пардохти љуброни суѓуртавї ва маблаѓњои суѓуртавї ва дигар иттилоот зарур аст;

- ба њуќуќи суѓуртавї њамчун соњаи махсуси њуќуќ, ки њам шартномаи суѓуртаро ва њам муносибатњои байни суѓурташудаю давлатро ва инчунин дигар субъектњои бозорро танзим менамояд.

Хусусиятњои дар боло зикршуда дар мавзўъњои минбаъдаи фанни « Фаъолияти суѓурта» муфассал ифода меёбанд.

14.1. Таснифи суѓурта. Системањои суѓурта. Принсипњои суѓуртаи њатмї ва ихтиёрї

Объектњои суѓуртаро метавонанд манфиатњои амволї ташкил диҳанд, ки ба ќонунгузории Љумњурии Тољикистон мухолифат намекунанд. Ба манфиатњои амволї манфиатњое тааллуќ доранд, ки вобастаанд:

-бо њаёт, саломатї, ќобилияти корї ва таъминоти нафаќавии суѓуртакунанда ё шахси суѓурташуда (суѓуртаи шахсї);

-бо соњибикунї, истифодабарї, ихтиёрдории амвол (суѓуртаи амвол);

-бо аз тарафи суѓуртакунанда љуброн кардани зарари расонидашудаи шахсї ё амволии шањрванд, инчунин зарари ба субъекти хољагї расонидашуда (суѓуртаи масъулият).

Объектњои суѓурта њамчун аломати асосии таснифи суѓурта хизмат менамоянд.

Таснифи суѓурта системаи таќсимоти суѓуртаро ба соњањо, намудњо, гуногунї ва шаклњо ифода менамояд.

Асоси чунин таќсимотро фарќиятњо дар объектњои суѓурта, категорияњои суѓурташавандањо, андозањои масъулияти суѓуртавї ва шакли гузаронидани суѓурта ташкил медињанд.

Соњаи суѓурта - ин зинаи таснифи суѓуртаест, ки дар маънои васеаш мазмуни суѓуртаи њаёт ва саломатии инсон, арзишњои моддї, ўњдадорињои суѓурташавандаро дар назди шахсони сеюм ифода мекунад. Вобаста ба объектњои суѓурта се соњаи суѓурта аз якдигар фарќ карда мешавад:

-шахсї;

-амволї;

-суѓуртаи масъулият;

Намуди суѓурта ифодагари ќисми соњаи суѓурта мебошад. Вай бо суѓуртаи њамгунаи манфиатњои амволї шарњ дода мешавад. Намуди суѓурта манфиати мушаххаси суѓуртакунандагонро ифода менамояд, ки бо њифзи суѓуртавии объектњои мушаххас алоќаманд мебошад.

Масалан, суѓуртаи шахсї намудњои зерини суѓуртаро дар бар мегирад: суѓуртаи њаёт, суѓуртаи нафаќаи иловагї, суѓуртаи њодисањои нохуш (фалокат) ва беморї, суѓуртаи тиббї.

Суѓуртаи амволї намудњои зеринро дар бар мегирад: суѓуртаи воситањои наќлиёти заминї, њавої ва обї, суѓуртаи дигар намудњои амвол, ки ба шахсони воќеї ва њуќуќї таалуќ доранд, суѓуртаи таваккали молиявї.

Суѓуртаи масъулият намудњои зеринро дар бар мегирад: суѓуртаи масъулияти шањрвандии соњибони воситањои наќлиёти автомобилї, суѓуртаи масъулияти боркашон, суѓуртаи масъулияти шањрвандии корхонањо-манбаъњои хатари зиёд, суѓуртаи масъулияти касбї, суѓуртаи масъулият барои иљро накардани ўњдадорињо, суѓуртаи дигар намудњои масъулияти шањрвандї.

Суѓурта намудњои гуногунро дорад. Гуногуншаклии суѓурта - ин суѓуртаи объектњои якхелаи дорои сатњи муайяни масъулияти суѓуртавї мебошад. Гуногунияти суѓуртаи шахсї иннњоанд: суѓуртаи омехтаи њаёт, суѓуртаи нафаќаи иловагї, суѓуртаи кўдакон, суѓуртаи аќди никоњ, суѓуртаи њолати марг ва гум кардани саломатї дар натиљаи њодисањои нохуш ва ѓайрањо.

Намудњои (шаклњои) суѓуртаи амволї иннњоанд: суѓуртаи бино, фондњои асосї ва гардон, чорво, амволи хонагї, воситањои наќлиёт, њосили зироати кишоварзї; суѓурта аз гум шудани љойи кор (барои шахсони воќеї), муфлисшавї, иљро накардани ўњдадорињои шартномавї ва ѓайра.

Шаклњои суѓуртаи масъулият чунинанд: суѓурта дар њолатњои расидани зарар њангоми фаъолияти хољагидорї ва касбї, суѓуртаи зарари аз бозистии истењсолот расида, суѓуртаи соњибони воситањои наќлиёти автомобилї ва ѓайра.

Системаи муносибатњои суѓуртавї, ки дар раванди суѓурта татбиќ меёбанд, ѓайр аз худи суѓурта боз иннњоро дар бар мегирад:

-суѓуртаи муштарак;
-пули (иттињодияи) суѓуртавї;
-суѓуртаи дукарата;
-азнавсуѓуртакунї;
-худсуѓуртакунї;
-суѓуртаи байни њамдигар (аксулсуѓурта).

Суѓуртаи муштарак. Объекти суѓуртаи мазкур метавонад бо як шартнома якчанд суѓуртакунандаро дар назар гирад.

Суѓуртаи муштарак намуди суѓуртаест, ки дар он ду ва ё зиёда аз он суѓуртакунандањо бо сањмњои муайян дар суѓуртаи њамон як таваккал иштирок намуда, шартномањои якљоя ё алоњидаро вобаста ба њиссањояшон дар маблаѓи суѓурта медињанд.

Пули суѓуртавї- ин иттињодияест, ки дар он суѓуртакунандагон барои суѓуртаи муштараки таввакалњои муайян, пеш аз њама барои суѓуртаи таввакалњои калон ва на он ќадар маълум (камназир) муттањид шудаанд.

Суѓуртаи дукарата- ин суѓуртаи якчанд суѓуртакунандагони якманфиата аз таввакалњои якхела мебошад, ки маблаѓи умумии суѓуртавї аз арзиши

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

суґуртавї баланд аст. Суґуртаи дукарата ифодаи худро дар Кодекси граждании Љумњурии Тољикистон (моддаи 1037) ёфтааст.

Њангоми љой доштани суґуртаи дукаратаи амвол ё хатари соњибкорї њар як суґуртакунанда вазифадор мешавад, ки љуброни суґуртаро дар доираи шартномаи бастааш пардохт намояд, аммо маблаѓи умумии љуброни суґуртавї, ки аз њамаи суґуртакунандагон гирифта мешавад, аз маблаѓи зарари воќеї набояд зиёд бошад. Дар ин њолат суґурташуда ё манфиатгиранда њуќуќ дорад, ки љуброни суґуртавиро аз њар кадом суґуртакунанда дар доираи маблаѓи умумии суґуртавї, ки дар шартнома пешбинї шудааст, ситонад. Дар њолате, ки агар љуброни суґуртавии гирифташаванда зарари воќеиро напўшонад, суґурташуда (манфиатгиранда) њаќ дорад, ки маблаѓи нарасидаро аз суґуртакунандаи дигар ситонад.

Дар суґуртаи дукаратаи шахсї њар суґуртакунанда ўњдадорињои суґуртавии худро дар назди суґурташаванда новобаста аз иљрои ўњдадорињои дигар суґуртакунандањо иљро мекунад.

Азнавсуґуртакунї. Ин суґуртаи як суґуртакунанда (азнавсуґурташаванда) бо шартњои дар шартнома муайяншудаи хатари иљрои тамоми ё ќисми ўњдадорињои дар назди суґурташаванда гирифтаи дигар суґуртакунанда (азнавсуґуртакунанда) мебошад, яъне суґуртакунанда, ки ўњдадорињои худро оид ба суґурта аз њисоби маблаѓњо ва захирањои худї адо намекунад, вазифадор аст, ки ин ўњдадорињоро бо роњи азнавсуґуртакунї пўшонад.

Худсуґуртакунї . Ин таъсиси фонди захиравии суґурта бевосита аз тарафи худи субъекти хољагидорї мебошад. Худсуґуртакунї - ин алтернатива оид ба суґуртаи тиљоратї мебошад.

Суґуртаи байнињамдигарї (муштарак). Ин суґуртаи амвол ва манфиатњои амволї мебошад, ки дар асоси мувофиќаи байнињамдигарї бо роњи муттањид кардани воситањои пулии шањрвандон ва субъектњои хољигидорї анљом мепазирад. Мутобиќи моддаи 1055 Кодекси Граждании ЉТ Љамъиятњои суґуртакунии байнињамдигарї суґуртаи амвол ва дигар манфиатњои амволии аъзои худро анљом медињанд ва ташкилоти ѓайритиљоратї њисобида мешаванд.

Принсипњои суґуртаи њатмї ва ихтиёрї .

Суґуртаи њатмї.

Суґуртаи њатмї дар њамаи системњои суґуртавии љањон вуљуд дорад. Суґуртаи њатмї аз љониби давлат мутлаќо оид ба объектњои афзалиятноки њифзи суґуртавї љорї карда мешавад, зеро нобудшавї ё талаф дидани ин объектњо на танњо ба манфиати шахсони воќеї ва њуќуќї, инчунин ба манфиати тамоми љомеа низ зарар мерасонад, чунки нобудшавии ин объектњо давлатро маљбур месозад, ки аз њисоби буљети худ ба зарардидагон кўмаки моддї расонад. Муносибатњои дар суґуртаи њатмї љойдошта њукми ќонунро ба худ мегиранд. Барои давлат љорї кардани суґуртаи њатмї чораандешї аз ноилољї аст.

Шакли њатмии суґурта дорои принсипњои зерин мебошад:

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

1. Суғуртаи њатмї (принсипи њатмї будан) ба объектњои афзалиятноки њифзи суғуртавї тибќи ќонун муќаррар карда мешавад, ки мутобиќи он суғуртакунанда вазифадор аст, ки объектњои дахлдорро суғурта кунад ва суғурташаванда бошад, вазифадор аст, ки пардохти суғуртавиро иљро намояд. Назар ба суғуртаи ихтиёрї дар ин шакл шартномаи пешакї байни суғуртакунанда ва суғурташаванда талаб карда намешавад. Ќонун одатан иннњоро пешбинї мекунад:

-номгўи объектњои њатман суғурташаванда;

-сатњ ва ё меъёрњои бо суғурта таъминшавї;

-тартиби муќаррар кардани меъёрњои тарифї ё бузургии миёнаи ин меъёрњо бо пешнињоди њуќуќи тафриќаи онњо дар мањалњо;

-давравї будани иљрои пардохтњои суғуртавї;

-њуќуќњою ўњдадорињои асосии суғуртакунанда ва суғурташаванда.

Ќонун суғуртакунии њатмиро ба зиммаи маќомоти суғуртавии давлатї вомегузорад.

2. Фарогирии умумии суғуртаи њатмии объектњои дар Ќонун пешбинишуда. Барои ин маќомоти суғурта њар сол дар тамоми кишвар баќайдгирии объектњои суғурташуда, њисоби пардохтњо ва ситонидани онро дар мўњлатњои пешбинишуда мегузаронад.

3. Автоматї будани пањншавии суғуртаи њатмї барои объектњои дар ќонун зикршуда. Суғуртакунанда вазифадор нест, ки ба маќоми суғуртавї оид ба дар хољагиаш пайдо шудани объекти суғурташаванда хабар дињад. Амволи мазкур ба таври автоматї бо суғурта фаро гирифта мешавад.

4. Амали суғуртаи њатмї вобастаи пардохтњои суғуртавї нест. Дар њолате, ки суғурташаванда њаќќи аъзогиро намепардозад, он бо тартиби судї ситонида мешавад. Ба маблаѓњои дар мўњлат пардохтнашуда пеня (љарима) муќарар карда мешавад. Дар њолати нобудшавї ва ё зарар дидани амволи суғурташуда, ки аъзоњаќќии он пардохта нашудааст, љуброн бо нигоњдории ќарзи суғуртавї пардохта мешавад.

5. Бемўњлатии суғуртаи њатмї. Ин принсип доимоамалкунанда буда, барои тамоми даврае, ки суғуртакунанда амволи суғурташударо истифода мебарад, амал мекунад. Танњо амволи бесоњиб ва фарсуда суғурта карда намешавад. Њангоми гузаштани амвол ба суғурташавандаи дигар амали суғурта ќатъ намешавад. Суғурта, њангоми нобудшавии амволи суғурташуда эътиборашро гум мекунад.

6. Бамеъёрдарории таъминоти суғуртавї оид ба суғуртаи њатмї. Бо маќсади соддагардонии бањодињии суғуртавї ва тартиби пардохти љуброннњои суғуртавї меъёрњои бо суғурта таъмин будан бо фоиз нисбат ба бањои суғуртавї ва ё бо сомонї барои њар як объект муќаррар мешаванд.

Суғуртаи њатмии шахсї пурра љавобгўи принсипњои фарогирии умумї, автоматї, бамеъёрдарории таъминот бо суғурта мебошад. ___Аммо он мўњлати муќараркардашуда дошта, пурра аз пардохти аъзоњаќќии суғуртавї (масалан, суғуртаи њатмии мусофирон) вобаста аст.

II.Суғуртаи ихтиёрї.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Суғуртаи ихтиёрї - ин шакли асосии суғурта аст, ки тавассути он суғуртаи тиљоратї дар тамоми системањои суғуртавии љањон бунёд гардидааст. Суғуртаи ихтиёрї дар муќоиса бо суғуртаи њатмї чунин шакли суғуртаест, ки танњо дар асоси бастани шартномаи ихтиёрї байни суғуртакунанда ва суғурташаванда бунёд мегардад. Вай дар асоси риояи принсипњои зерин амал мекунад:

1. Иштироки ихтиёрї дар суғурта пурра ба суғурташавандагон хос аст. Суғуртакунанда њуќуќ надорад, ки аз суғуртаи объект даст кашад, агар суғуртакунанда ба шартњои суғурта хилоф набошад. Принсипи мазкур бастани шарномаро бо талаби аввалин ва њатто дањонї кафолат медињад.
2. Фарогирии интихобии суғуртаи ихтиёрї ба он вобаста аст, ки на њамаи шахсони њуќуќї ва вокеї хоњиши дар он иштирок карданро доранд. Ба ѓайр аз он вобаста ба шартњои суғуртаи ихтиёрї оид ба бастани шартнома мањдудиятњо амал мекунанд (масалан, аз рўи синну сол).
3. Суғуртаи ихтиёрї њамеша мўњлати мањдуди суғуртакуниро дорад. Дар ин њолат оѓоз ва анљоми мўњлати суғурта дар шартнома алоњида ќайд карда мешавад, зеро љуброни суғурта ё маблаѓи суғурта пардохт мешавад, агар њолати суғуртавї дар давраи амали шартномаи суғуртавї рух дода бошад.

Муттасилии суғуртаи ихтиёриро танњо бо роњи такроран бастани шартнома ба мўњлати нав метавон таъмин кард.

4. Суғуртаи ихтиёрї танњо њангоми пардохти аъзоњаќќии якдафъагї ва ё давра ба давраи пардохти њаќќи аъзогї амал мекунад. Эътиборнокии шартномаи суғуртаи ихтиёрї ба аъзоњаќии якмаротибагї ва ё аввалини суғурта вобаста аст. Напардохтани аъзоњаќќии навбатї оид ба суғуртаи дарозмўњлат боиси ќатъ гардидани амали шартнома мегардад.
5. Таъмин будан бо суғурта, ки дар суғуртаи ихтиёрї, њаљми маблаѓи суғуртавї ё андозаи љуброни суғурта асос ёфтааст. Дар суғуртаи амволї суғурташуда метавонад бо хоњиши худ њаљми љуброни суғуртаро муайян намояд, аммо дар њудуди бањои суғуртавии амвол, дар суғуртаи шахсї маблаѓи умумии суғурта дар шартнома бо созиши тарафњо муќаррар карда мешавад.

15. Ташкили фаъолияти суғуртавї

15.1. Бозори суғурта ва сохтори он

Принсипњои ташкили фаъолияти суғуртавї дар рўзњои мо ба шартњои умумии иќтисоди бозоргонї асос ёфтаанд. Бозори суғурта ин муњити махсуси иљтимоию иќтисодии соњаи муайяни муносибатњои иќтисодист, ки дар он объекти хариду фурўш моли махсус - њифзи суғуртавї мебошад. Асоси объективии инкишофи бозори суғурта ин зарурати таъмини раванди бетанаффуси такористењсол бо роњи расонидани кўмаки пулї ба зарардидагон дар њолати сар задани њодисањои пешбининашудаи ногувор мебошад.

Шартњои зарурии ташаккули бозори суғуртавї ин мављудияти талаботи љомеа ба хизматњои суғурта ва мављудияти суғуртакунандагони ќодири ин талаботро ќонеъкунанда мебошанд. Ѓайр аз ин яке аз шартњои асосии ташаккули бозори суғурта назорати давлатї аз болои фаъолияти суғуртавї

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

мебошад, зеро мутобиќи хусусият ва мавќеи махсуси худ дар љамъият фаъолияти суѓуртавї бояд нисбат ба намудњои дигари фаъолият бештар ба назорати давлатї ниёзманд бошад.

Шарти њатмї ва ногузири ташаккули бозори суѓурта инчунин раќобати муттамадини байни ширкатњои суѓуртавї ба шумор меравад, яъне раќобат барои љалби суѓуртавшавандагон, сафарбар кардани маблаѓњо ба фондњои суѓуртавї, маблаѓгузории судманди онњо ва ноил шудан ба натиљањои нињоии баланд.

Вобаста ба њаљми талабот ва пешнињодот ба хизматњои суѓуртавї бозорњои суѓуртаи миллї, минтаќавї ва байналхалќиро метавон фарќ кард. Бозори миллии суѓурта ин доираи фаъолияти ширкатњои суѓуртавї дар мамлакати алоњида аст. Тамоми фаъолияти суѓуртавї дар бозори миллї дар доираи ќонунгузории суѓуртавии миллї анљом мепазирад, ки назорати он ба дўши маќомоти давлатии назорати суѓуртавї вогузор шудааст.

Дар айни замон бозори нисбатан калони суѓуртаи миллї дар ИМА, Британияи Кабир, Олмон, Чопон вуљуд дорад. Дар бозори миллии суѓурта асотсиятсияњои миллие амал мекунанд, ки манфиатњои коллективии ширкатњои суѓуртавиро дар њукумат, воситањои ахбори омма, гуфтушунидњои байналхалќї муаррифї менамоянд.

Бозори суѓуртаи минтаќавии ташкилотњои суѓуртавї бозорњои миллии суѓуртаи минтаќањои алоњидаро муттањид менамояд, ки байни њамдигар бо алоќањои зичи системањои интегратсионї пайванданд. Бозори калонтарини минтаќавии суѓурта бозори суѓуртаи Америкаи Шимолї (ИМА, Канада) мебошад.

Равандњои амиќи интегратсионї (њамгирої) дар бозори суѓуртаи Иттињоди Ик̀тисодии Аврупо (ИИА) љараён дорад, ки бо татбиќи сиёсати таъсиси «Бозори ягонаи суѓуртаи ИИА» алоќаманд аст. Дар айни замон унификатсияи пурраи ќонунгузории суѓуртаи миллии ИИА пешбинї шудааст.

Бозори суѓуртаи байналхалќї ин маљмўи бозорњои суѓуртаи миллї ва минтаќавї мебошад. Ба маънои маљдудаш, ба сифати бозорњои байналхалќї бозорњои суѓуртавии мањаллї баромад мекунад, ки дар фаъолияташон њиссаи амалиёти байналхалќии суѓуртавї назаррас аст (Ню-Йорк, Лондон, Сюрих). Бо равияњои азнавсуѓуртакунї ва тавассути брокерњо бозорњои бузурги суѓурта дар байни бисёр бозорњои суѓуртаи миллї ва минтаќавї таќсим мешаванд. Бо маќсади мутобиќкунии манфиатњо ва њалли проблемањои умумии ширкатњои суѓуртавї иттифоќњои суѓуртавии байналмиллалї амал мекунанд (Иттифоќи байналхалќии суѓуртавии хатарњои техникї, Иттифоќи байналхалќии суѓуртакунандагони бањрї ва ѓ.).

Амалиёти муосири суѓуртавии байналхалќї аз рўи аломатњои ташкилию њуќуќї ба гурўњњои зерин таќсим мешаванд. **(расми 3.1.).**



Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Расми 3.1. Таснифи амалиёти байналхалќии суѓуртавї

Звенои аввалини бозори суѓурта ширкати суѓуртавї мебошад. Мањз дар ин љо раванди ташаккулёбї ва истифодаи фонди суѓуртавї оѓоз меёбад, як муносибат ташаккул ёфта, муносибати дигари иќтисодї пайдо мешавад, манфиатњои шахсї, гурўњї ва коллективї ба њам мепайванданд, хуллас дар ширкати суѓуртавї «љараёни суѓурта» сурат мегирад.

Ширкати суѓуртавї шакли љамъиятии таърихан муайяншудаи амалкунии фонди суѓуртавї буда, сохтори махсусро, ки бо бастани шартномаи суѓуртавї ва иљрои он машѓул аст, ифода мекунад. Ба ширкати суѓуртавї ягонагии техникию ташкилї ва мустаќлиияти иќтисодї хос аст. Мустаќилияти иќтисодии ширкати суѓуртавї - ин мустаќилияти захирањо ва гардиши пурраи мустаќилонаи онњо мебошад. Ширкати суѓуртавї дар системаи иќтисодї ба сифати субъекти мустаќили хољагидорї амал мекунад ва дар системаи муайяни муносибатњои истењсолї љой дорад. Ширкатњои суѓуртавии аз љињати иќтисодї мустаќил муносибатњои худро бо дигар суѓуртакунандањо дар асоси азнавсуѓуртакунї ва њамсуѓуртакунї ба роњ мемонанд.

Гузариши иќтисоди миллї ба бозор наќш, сохтори ташкилї ва мавќеи ширкати суѓуртавиро дар системаи муносибатњои иќтисодї ба таври назаррас муайян мекунад. Ширкати суѓуртавї бояд ба субъекти комилњуќуќи њаёти иќтисодии мамлакат табдил ёбад.

16.1. Шаклњои ташкилии суѓурта дар шароити иќтисоди бозорї

Иќтисоди бозории мамлакат ин системаи ба таври чандирї танзимшаванда мебошад. Суѓурта, аз як тараф њамчун як љузъи танзимкунї ва таъминкунии истењсолоти устувор ва аз тарафи дигар – чун объекти танзимшавандаи дар доираи ќоидањои барояш умумї ва махсус фаъолияткунанда амал мекунад. Шаклњои ташкилию њуќуќии суѓурта, аз љумла дар давраи гузариш ба муносибатњои бозоргонї ба суѓуртаи давлатї, суѓуртаи љамъиятњои сањомї, љамъиятњои суѓуртакунии байнињамдигарї ва суѓуртаи кооперативї људо мешаванд. Њоло дар байни шаклњои номбаршуда дар Љумњурии Тољикистон мавќеи љамъияти суѓуртаи байнињамдигарї муайян нагардидааст, ки дар мамлакатњои иќтисоди бозоргонї наќши муњим мебозад.

<u>Суѓуртаи давлатї</u> ин шакли суѓуртаест, ки дар он ба сифати суѓуртакунанда ширкатњои давлатї зуњур мекунанд. Дар Љумњурии

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Тољикистон «Тољиксуѓурта» ва «Тољиксармоягузор» аз ќабили чунин ширкатњои давлатии суѓуртаанд,

Суѓуртаи сањомї чунин шакли ташкилии фаъолияти суѓуртавиест, ки дар он љамъиятњои сањомї ба њайси суѓуртакунанда амал мекунанд ва Фонди оинномавиашонро аз сањмияњо (баъзан облигатсияњо) ташкил медињанд. Ин ба муассисон имконият медињад, ки бо маблаѓњои начандон калони худ ба љалби захирањои пулии дигар шахсони њуќуќї ва воќеї ва ба њарчи зудтар гузаронидани амалиёти суѓуртавї муваффаќ шаванд. Вобаста ба шакли таъсис љамъиятњои сањомии шакли кушода ва пўшида мављуданд.

Љамъияти суѓуртаи байнињамдигарї ин шакли ташкилии њифзи суѓуртавї мебошад, ки њар суѓурташуда њамзамон узви љамъияти суѓуртавї мањсуб мебошад. Яъне, иттињодияи суѓурташавандањо бо маќсади таъмини ёрии њамдигарї аст. Ба он назар аст, ки ба сањомї самти тиљоратї камтар хос аст. Дар Љумњурии Тољикистон њанўз фаъолияти суѓуртаи байнињамдигарї вуљуд надорад.

Суѓуртаи кооперативї аз рўи мазмуни фаъолияти худ ба суѓуртаи байнињамдигарї монанд аст.

Кэптив љамъияти сањомии суѓуртавї, ки пурра ё афзалан ба манфиатњои суѓуртавии корпоративии муассисон ва инчунин ба субъектњои мустаќилона хољагиидорикунанадаи гурўњњои молиявию саноатї хизмат мерасонад. Фаъолияти кэптив бевосита ба бонкњои тиљоратї, фондњои нафаќа марбут аст.

Фонди ѓайридавлатии нафаќа шакли махсуси ташкили суѓуртаи шахсї, ки пардохти нафаќаро ба суѓурташудагон бо расидан ба синну соли муайян (одатан синни нафаќавї), новобаста аз пардохти нафаќаи давлатї кафолат медињад. Новобаста аз шакл шартномаи суѓурта барои пайдо шудани муносибатњои њамдигарии суѓуртавї асос њисоб мешавад.

17.1. Гуногунии ширкатњои суѓуртавї, ки дар доираи бозори суѓурта фаъолият мекунанд

Ширкати суѓуртавї ин сохтори мустаќили муносибатњои иќтисодї, њуќуќї ва ташкилї мебошад, ки фаъолияти суѓуртавиро дар доираи ќонунгузории љорї анљом медињад.

Функсияњои асосии ширкати суѓуртавї аз инњо иборатанд:

•бастани шартномањои суѓуртавї;

•ташаккули фонди суѓуртавї;

•пардохти љуброннњо ва маблаѓњои суѓуртавї;

•инвеститсияи маблаѓњои озод ва ѓ.

Ширкатњои суѓуртавї асоси сохтори инвеститсионии бозори суѓуртаро ташкил медињанд. Таснифи ширкатњои суѓуртавї тибќи аломатњои зер гузаронида мешавад:

- аз рўи мансубият - сањомї, давлатї ва њукуматї;

- аз рўи амалиёти иљрошаванда - ширкатњои махсус (суѓуртаи шахсї ва ё амволї), универсалї ва азнавсуѓуртакунї.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

- аз рӯи ҳудуди хизматрасонї - маҳаллї, минтақавї ва байналхалқї;

- аз рӯи ҳаҷми Фонди оинномавї ва ҳаҷми воридшавии пардохтҳои суғуртавї - калон, миёна ва хурд.

Дар баъзе кишварҳои хориљї фаъолияти ширкатҳои универсалї маъ шудааст. Дар амалия раванди барҳамдиҳии масъулияти маҳдудкунї дар фаъолияти суғуртавї ба мушоҳида мерасад.

Хусусиятҳои ташкилї ва фаъолияти намудҳои муҳими ширкатҳои суғуртавиро тибқи мансубияташон (ба молик) дида мебароем:

Ширкати давлатии суғуртавї – ин шакли оммавї–ҳуқуқии ташкили фонди суғуртавї аст. Ташкили ширкати давлатии суғуртавї бо роҳи таъсиси он аз љониби давлат ё милликунониии ширкатҳои сањомии суғуртавї ва гузаронидани амволи онҳо ба моликияти давлатї (масалан соли 1917 дар Россия) сурат мегирад.

Ҳамъияти сањомии суғуртавї – шакли ташкили фонди суғуртавї дар асоси мутамарказонии маблағҳои пулї тавассути фурӯхтани сањмияњо мебошад, ки бештар дар мамолики мутараққии системаи иқтисоди бозорї паҳн шудааст. Аввалин ҳамъияти сањомии суғурта аз сӯхтори Россия соли 1827 таъсис ёфтааст.

Ҳамъияти сањомї шахси ҳуқуқї буда, соҳиби номи ширкатї (фирмавї), нишони ширкат ва мӯҳр бо номи худ мебошад. Ҳамъият аз лаҳзаи бақайдгирии давлатї маќоми шахси ҳуқуқиро пайдо мекунад.

Барои иљрои амали суғурта зарур аст, ки иљозатнома (литсензия) гирифта шавад. Ҳамъиятҳои сањомии суғуртавии шакли пӯшида вуљуд доранд, ки сањмияњояшон танҳо дар байни муассисони онҳо паҳн карда мешаванд ва ҳамъиятҳои сањомии суғуртавии шакли кушода ҳастанд, ки сањмияњои онҳо озодона харидаю фурӯхта мешаванд.

Шариксоҳиби амволи муттаҳидаи ҳамъияти сањомии шакли кушода расман ҳар шаҳрванд, ки аќалан як сањмияро харидааст, шуда метавонад. Аммо барои ҳуқуқи ҳаќиқї доштан дар идоракунї ва корфармоии амволи ҳамъияти сањомии суғуртавї миқдори назарраси сањмияњоро (пакети назоратї)доштан зарур аст.

Маќоми олии идораи ҳамъияти сањомии суғуртавї маҳлиси умумии сањомон мебошад. Маҳлис чун ќоида як бор дар як сол даъват карда мешавад, ба корҳои ҳорї бошад раёсат ё шӯрои директорҳо машғул мешавад. Тафтиши фаъолияти оперативии молиявї аз тарафи камиссияи тафтишотї, ки маҳлиси умумии сањомон интихоб мекунад, амалї карда мешавад. Аз натиҷаҳои кори комиссияи тафтишотї дар маҳлиси сањомон гузориш дода мешавад. Ба салоҳияти мутлаќи маҳлиси умумии сањомон муайян кардани самтҳои стратегии кори ҳамъият, тасдиқи ҳуҷҷатҳои танзими фаъолияти он, интихоби ҳайати раёсат ва шӯрои директорон, раиси шӯрои директорон, ки фаъолияти ҳамъиятро назорат мекунад, инчунин ќабули ќарор дар бобати зарурати барҳамдиҳии ҳамъияти сањомии суғуртавї дохил мешавад.

Маќоми иљроияи ширкати суғуртавї раёсат мебошад, ки роҳбарии фаъолияти ҳориро мебарад ва ширкати суғуртавиро ҳангоми бастани шартномаҳо ва созишномаҳо бо дигар шахсони ҳуқуқї ва воќеї муаррифї

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

мекунад. Муассисони љамъияти сањомии суѓуртавї метавонанд шахсони њуќуќї ва воќеї бошанд. Шахсони њуќуќї ва воќеии хориљї, њамчун муассиси љамъияти сањомии суѓуртавї, тибќи талаботи ќонунгузории Чумњурии Тољикистон амал карда метавонанд.

Фонди оинномавии љамъияти сањомии шакли пўшида аз њисоби аъзоњаќќињои муассисон бунёд меёбад, љамъияти шакли кушода бошад, бо роњи табодули аъзоњаќќињо ба сањмияњо барои муассисон ва даъватшудагон барои иштирок дар љамъияти сањомї ташаккул меёбад. Муассисон ва сањомон аъзоњаќќињои худро метавонанд ба намудњои зерин пешкаш намоянд:

-маблаѓњои пулї бо асъори миллї ё бо асъори хориљї;

-намудњои гуногуни амвол (бино, иншоот, таљњизот ва ѓ.);

-њуќуќи истифодаи замин, об ва дигар захирањои табиї, бинояњо, иншоот ва таљњизот;

-дигар њуќуќњои амволї (аз љумла ба моликияти аќлонї, «Ноу-хау» ва ѓ.)

Сањмияњои љамъияти кушода аз як шахс ба шахси дигар бе мувофиќаи дигар сањомон гузашта метавонанд. Сањмияњои љамъияти пўшида ба якдигар танњо бо мувофиќаи аксарияти сањомон гузашта метавонанд. Ширкати сањомии суѓуртавї ѓайр аз ширкати асосї, метавонад дигар вояњидњои дорои сатњњои гуногуни мустаќилият ва фаъолиятро њамроњ кунад. Дар мамолики иќтисоди бозоргонї ѓайр аз сарширкат, шуъбањои љамъияти суѓуртавї низ шахсони њуќуќї шуда метавонанд, лекин намояндагї, агентї ва шўъбањо дорои чунин мустаќилият нестанд.

Намояндагии ширкати суѓуртавї, чун ќоида, бо љамъоварии маълумот ва реклама машѓул шуда, фаъолияти тиљоратї намебарад. Агентии ширкати суѓуртавї њуќуќ дорад, тамоми функсияњои намояндагї ва амалиёти муайяни суѓуртавї, аз он љумла бастани шартнома ва иљрои онро адо намояд.

Филиал (шўъба)-и ширкати суѓуртавї вояњиди мустаќили суѓуртакунандаи бе њуќуќи шахси њуќуќї мебошад, ки фаъолияти худро дар асоси низомномаи тасдиќкардаи раиси ширкат ба љо меорад.

Натиљањои кори филиал дар тарози умумии ширкати суѓуртавї ифода меёбад.

Љамъияти суѓуртавии байниљамдигарї (ЉСБ) шакли ташкили фонди суѓуртавї дар асоси мутамарказонии маблаѓњои сањми (пай) аъзои он мебошад. Иштирокчии ЉСБ њамзамон ба сифати суѓуртакунанда ва суѓурташаванда фаъолият карда метавонад. Бунёди ЉСБ барои асосиатсияњои моликони калон ва миёна хос аст (соњибони хона, мењмонхона ва ѓ.).

Хусусияти хоси фаъолияти ЉСБ аз он иборат аст, ки њангоми бастани шартномаи суѓурта онњо ба хизматњои агентњои суѓуртавї умед мебанданд. Ин корро дастгоњи штатии ЉСБ иљро мекунад. ЉСБ дорои он меъёрњои њуќуќие мебошад, ки љамъияти сањомї дорад.

Баробари ин дар баъзе мамлакатњо ЉСБ ба ќатори ташкилотњои бефоида (ѓайритиљоратї) шомил аст, ки ин имконият медињад ЉСБ-ро чун сохтори соњибкорї барои ба њадди аќал овардани андоз истифода баранд.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Ширкатњои суѓуртавї (ТЊС) ширкатњои ѓайритиљоратї мебошанд, ки фаъолияти онњо ба субсидияњо (дастгирї) асос ёфтааст. Онњо ба суѓуртаи бекорї, суѓуртаи љуброни коргарон ва хизматчиён, инчунин ба суѓуртаи коршоямии касбї субсидия мекунанд. Аксар ваќт ТЊС аз пардохти андозњои давлатї озоданд.

Ширкатњои суѓуртавии хусусї ба як молик ё оилаи вай тааллуќ доранд. Шакли нодири муттањидшавии суѓуртакунандагони хусусї ин корпоратсияи англисии «Ллойд» аст. Њар суѓуртакунандае, ки дар амалияи «Ллойд» онро андеррайтер меноманд, суѓуртаро бар хатари худ бо назардошти хусусияти имкониятњои молиявиаш ќабул мекунад. Њамаи аъзои «Ллойд» барои афзудани имкониятњои молиявї њангоми ќабули хавфу хатарњо барои суѓуртакунї дар њайати синдикатњо муттањид шудаанд. Аъзоњоќкии суѓуртавї ва зарарњо байни аъзои синдикатњо мутаносибан ба манфиатњои молиявиашон дар синдикатњо таќсим карда мешаванд.

Фонди ѓайридавлатии нафаќа шакли махсуси ташкили суѓуртаи хусусї мебошад, ки ба суѓурташавандањо дар њолати ба синну соли муайян расиданашон кафолати пардохти рентавиро медињад. Фоидњои хусусии нафаќа дар мамолики мутараќќии дорои иќтисоди бозор**гон**ї на танњо манбаи инвеститсияњои назаррас, инчунин љузъи таркибии бозори суѓуртавї мебошанд, ки таъсири даврањои сикли иќтисодиро ба пањлуњои иљтимоии њаёт камтар менамояд.

18.1. Баќайдгирии ташкилотњои суѓуртавї ва иљозатномадињї барои фаъолияти суѓуртавї

Танзими давлатии фаъолияти суѓуртавї бояд инкишофи системаи миллии суѓуртавиро таъмин намояд ва ба соњаи суѓурта дар иќтисодиёт назорати таъсирбахш расонад. Заминаи ќонунгузории танзими њуќуќии бозори суѓуртаи миллиро Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи суѓурта», ки 20-июли соли 1994 ќабул гардидааст, гузоштааст.

Мутобиќи ќонуни мазкур њамаи ширкатњои суѓуртавї, аз љумла ширкатњои суѓуртавии муштарак бо иштироки фирмањои хориљии суѓуртавї, бахшњои онњо, ки ба фаъолияти суѓуртакунї машѓуланд, дар Вазорати адлияи Љумњурии Тољикистон ба ќайди њатмии давлатї гирифта мешаванд.

Баќайдгирии ширкатњои суѓуртавї на дертар аз 30 рўзи ба Вазорати адлияи Љумњурии Тољикистон додани ариза, бо пешнињоди њуљљатњои зерин анљом мепазирад:

-пратокол (ќарор) дар барои таъсиси ширкати суѓуртавї;

-шартномаи таъсисдињї;

-оиннома (низомнома);

-маълумот дар барои мувофиќати касбии роњбарони ширкати суѓуртавї (роњбар, сармуњосиб) тибќи талаботи ќонунгузории Љумњурии Тољикистон.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

Ширкати суѓуртавї аз лањзаи баќайдгирифтанаш ба худ статуси шахси њуќуќиро мегирад. Баќайдгирї мумкин аст бо сабабњои зерин рад карда шавад:

- вайронкунии тартиботи аз тарафи ќонун ва ќонунгузории Љумњурии Тољикистон муќараргардидаи таъсиси ширкат;

- мувофиќат накардани њуљљатњои таъсисї ба талаботи ќонунгзории Љумњурии Тољикистон;

-аз љињати касбї номувофиќ будани роњбарон.

Њангоми беасос рад шудани баќайдгирии давлатї муассисони ширкати суѓуртавї метавонанд ба суд муроиљиат намоянд. Иљозатномаро барои анљом додани фаъолияти суѓуртавї ба ширкати суѓуртавї маќомоти назорати давлатии суѓуртавии Вазорати молияи Љумњурии Тољикистон дар асоси њуљљатњои зерин медињад:

- дар асоси ариза бо замимаи њуљљатњои таъсисдињї; шањодатномаи баќайдгирї; маълумотнома дар бораи њаљми пардохти фонди оинномавї; асоснокии иќтисодии фаъолияти суѓуртавї; ќоидањои намудњои суѓурта; њисобњои тарифњои суѓуртавї; маълумот дар бораи роњбарон ва муовинњо;

-ба ширкатњои суѓуртавие, ки асоси фаъолияташон мутлаќо азнавсуѓуртакунї мебошад, дар асоси ариза бо замимаи њуљљатњои муассисї; шањодатномаи баќайдгирї; маълумот дар бораи њаљми пардохти фонди оинномавї; маълумот дар бораи роњбарон ва муовинон.

Иљозатнома барои анљомдињии суѓуртаи ихтиёрї ва њатмии шахсї, суѓуртаи амвол ва суѓуртаи масъулият, инчунин азнавсуѓуртакунї, ки агар асоси фаъолияти суѓуртакунанда танњо азнавсуѓуртакунї бошад, дода мешавад. Дар ин њолат дар иљозатнома намуди мушаххаси суѓурта, ки суѓуртакунанда њуќуќи иљрои онро дорад, нишон дода мешавад. Маќомоти назорати давлатии назди Вазорати молияи Љумњурии Тољикистон аризаи шахсони њуќуќиро дар бораи додани иљозатнома дар мўњлати на зиёда аз 30 рўзи ворид гаштани њуљљатњои номбаршуда баррасї менамояд.

19.1. Тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо”

1. Мафҳумҳое, ки захираи хавфхои карзй ва фонди пушонидани талафоти имконпазирро аз руи дороихо мукарар менамояд:

– захираи хавфҳои қарзӣ - маблағе, ки барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ аз рӯи хавфҳои қарзии мувофиқи талаботи меъёрии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршаванда муайян гардида, илова бар Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо пешбинӣ карда шудааст; – фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо (минбаъд – Фонд) - маблағе, ки ҳамчун фонди умумӣ ва ё фонди махсус барои пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо, қоғазҳои қиматнок, гаравҳои гирифташуда барои бозфурӯш ва дигар дороиҳо мувофиқи талаботи Дастурамали мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ карда шудааст; – шахси вобаста –

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

шахсе, ки ба ҳамин сифат мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” эътироф шудааст; − қарзҳо – қарзҳо, овердрафт (изофабардошт), иҷораи молиявӣ, қарзҳои байнибонкӣ, ҷойгиркунии муҳлатнок фоизҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда, хатҳои қарзии истифоданашудаи муштариён, кафолатҳои аз тарафи ташкилоти қарзӣ додашуда ва ғайра дар назар дошта шудааст; − овердрафт (изофабардошт) - амалиёте, ки дар асоси шартномаи байни ташкилоти қарзӣ ва муштарӣ ҳангоми норасоии муваққатии маблағҳои пулӣ дар бақияи суратҳисоби муштарӣ ба миён омада, ба муштарӣ бо шартҳои муайян барои истифода бурдани маблағҳои пулии ташкилоти қарзӣ имконият медиҳад; − таҷдиди қарз – аз нав дида баромадани шартҳои шартномаи (созишномаи, аҳдҳои) қарзӣ; − қарзи ғайрифаъол – қарзе, ки маблағи асосӣ ва (ё) фоизҳои он тибқи талаботҳои шартнома пардохт карда намешавад ва ба яке аз гурӯҳҳои қарзҳои ғайриқолабӣ, шубҳанок ва беэътимод дохил мешавад; − фонди умумӣ – маблағе, ки аз рӯи қарзҳои қолабӣ ва зери назорат (фаъол) ташкил карда мешавад; − фонди махсус – маблағе, ки аз рӯи дороиҳои (қарзҳои) ғайрифаъол, яъне дороиҳои гуруҳҳои ғайриқолабӣ, шубҳанок ва беэътимод ташкил карда мешавад. 2. Иҷрои талаботи мазкур барои ташкилотҳои қарзӣ ҳатмӣ мебошад. 3. Ташкилоти қарзӣ барои нигоҳ доштани пардохтпазирӣ, мусоидат намудан ба ҳифзи манфиатҳои саҳмиядорон ва муштариёни худ бояд саривақт дороиҳои ғайрифаъолро ошкор намуда, ҷиҳати пешгирии талафоти ба онҳо алоқаманд чораҳои зарурӣ андешад. 4. Ташкилоти қарзӣ бояд сохтори дахлдори идоракуниро барои муайянкунӣ, баҳодиҳӣ, мониторинг ва назорати хавфи қарзии амалиётҳои бонкӣ дошта бошад. 5. Дар сурати мавҷуд будани асосҳое, ки қарз, аз ҷумла маблағи асосӣ ва фоизҳои ҳисобшуда саривақт тибқи шартномаи қарзӣ пардохт карда намешаванд ва (ё) ҳолати молиявии муштарӣ хуб нест, қарзҳои ғайрифаъол ҳамчун қарзҳои “ғайриқолабӣ”, “шубҳанок” ва “беэътимод” тасниф мешаванд. 6. Ташкилотҳои қарзӣ бояд қоида ва равандҳои дахлдорро барои муайян намудани сифати дороиҳо ва идора кардани онҳотаҳия намоянд, ки дар онҳо бояд андешидани тадбирҳои зерин пешбинӣ шуда бошад: − баҳодиҳӣ ва таснифи дороиҳо; − мунтазам баррасӣ намудани дороиҳои ғайрифаъол; − дар сатҳи муносиб ва боэътимод саривақт ташкил намудани Фонд; − аз тавозун хориҷ кардани дороиҳои беэътимод ва инъикоси воқеии пардохти дороиҳо ва барқарорсозии интизориҳо бо назардошти шароитҳои бозорӣ ва макроиқтисодӣ. 7. Низоми тасниф ва ташкили Фонд дар ташкилотҳои қарзӣ бояд қарздории тавозунӣ ва ғайритавозуниро ба инобат гирад. Қарздории ғайритавозунӣ, ҳангоми дар шартнома мавҷуд будани шарти аз ҷониби ташкилоти қарзӣ яктарафа бекор кардани он, ҳангоми таснифот ва ташкили Фонд бояд ба ҳисоб гирифта нашавад, дар акси ҳол қарздории ғайритавозунӣ ҳангоми таснифот ва ташкили Фонд ба ҳисоб гирифта мешавад. Ташкилотҳои қарзӣ барои таъмини таснифот ва ташкили Фонд бояд дорои маълумоти дахлдор бошанд. 8. Ташкилотҳои қарзӣ бояд барои баҳодиҳии мунтазами арзиши молу мулки ба гарав гузошташуда, аз ҷумла кафолатҳо, дорои механизмҳои зарурӣ бошанд. Муайян кардани арзиши молу мулки ба гарав гузошташуда бояд арзиши воқеии фурӯши онро бо назардошти шароитҳои

мавҷудаи бозор, хароҷотҳои вобаста ба фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда пардохтшаванда ва даврае, ки чунин хароҷотҳо эҳтимол аст ба арзиши молу мулки ба гарав гузошташуда таъсир расонанд, бояд инъикос кунад. Низоми автоматишудаи бонкии ташкилоти қарзӣ бояд тарзе ташкил шуда бошад, ки а) ҳар як қарз ва уҳдадории муштариро мутобиқи талаботи Дастурамали мазкур тасниф намояд, б) талабот барои ташкили Фондро аз рӯи ҳар як қарз ва уҳдадории муштарӣ вобаста ба гурӯҳҳои таснифот, мавҷудият ва муносиб будани таъминот баҳо диҳад, в) таҳлили сандуқи қарзиро барои баҳодиҳии сифати он гузаронад, г) ҳисоботҳои даврии ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳодшавандаро омода намояд, ғ) маълумоти дахлдорро барои роҳбарият омода намояд ва д) дигар ҳисоботҳои лозимиро (аз ҷумла, ҳисоботҳои якдафъаинаро) барои идоракунӣ ва гузаронидани санҷишҳои фишороварӣ (стресс-тест) омода намояд. 9. Роҳбарияти ташкилотҳои қарзӣ дар бораи вазъи дороиҳо, сандуқи қарзӣ, аз ҷумла таснифи онҳо, сатҳи Фонду захираҳо ва дороиҳои ғайрифаъоли асосӣ маълумоти дахлдорро бояд саривақт дастрас намоянд. Маълумоте, ки онҳо дастрас мекунанд, ҳадди ақал бояд маълумоти зеринро дар бар гирад: − хулосаи натиҷаи охирини баҳодиҳии дороиҳо; − тамоюлҳои муқоисавии сифати умумии дороиҳои ғайрифаъол; − баҳодиҳии бадшавии ҳолати ҷорӣ ё пешбинишудаи сифати дороиҳо ва зарари эҳтимолӣ, ки дар шароити муқаррарӣ ва таҳти фишор ба амал меояд; − сатҳ ва кифоятии фондҳои ташкилоти қарзӣ. 10. Ташкилотҳои қарзӣ барои сари вақт муайян намудани бадшавии сифати дороиҳо, назорати доимии дороиҳои ғайрифаъол, инчунин ҷамъоварии маблағҳои муҳлатгузашта бояд захираҳои моддию маънавии зарурӣ дошта бошанд.

20.1. ТАСНИФИ ҚАРЗҲО

Баҳодиҳии сифати дороиҳо, баҳодиҳии вазъи молиявии муштарӣ, пеш бурдани таснифот, муайян кардани арзиши фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда ва ташкил намудани Фонд бояд дар алоҳидагӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ гузаронида шавад, бахусус дар робита бо қарзҳои ба ҳам алоқаманд, қарзҳои шахсони вобаста, ҳамаи қарзҳои ғайрифаъол ва қарзҳои аз меъёри муайяншуда калон. Чунин баҳодиҳӣ бояд аз ҷониби ташкилоти қарзӣ доимо гузаронида шуда, натиҷаҳои он дар парвандаҳои қарзӣ нигоҳ дошта шавад. Дар доираи Дастурамали мазкур, қарзҳои аз меъёри муайяншуда калон ин маблағи умумии қарзи қарзгир аст, ки аз 100 000 (сад ҳазор) сомонӣ ё аз 2 фоизи сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ зиёд мебошад (бо назардошти он, ки кадоме аз ин маблағҳо камтар аст). 12. Қарзҳои ташкилоти қарзӣ, вобаста аз ҳолати молиявии муштарӣ, инчунин миқдори рӯзҳои батаъхирафтода ба 5 гурӯҳ тасниф мешаванд: − қолабӣ; − зери назорат; − ғайриқолабӣ; − шубҳанок; − беэътимод. 13. Агар дар ҷараёни фаъолияти муштарӣ муайян шавад, ки ҳолатҳои фавқулода (форс-мажор) аз рӯи қарзҳо ногузиранд, онҳо бояд ҳамчун қарзҳои “зери назорат” ё гурӯҳи дигари хавфи баландтар тибқи банди 16-и Дастурамали мазкур тасниф карда шаванд. 14. Ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд, ки таснифоти қарзҳои худро ҳар моҳ гузаронанд ва вобаста ба гурӯҳи хавфи

қарзӣ Фонд ташкил намоянд. Инчунин, вобаста ба фаъолияти хоси худ тартиб ва қоидаҳои мониторинги дохилии дороиҳои худро бояд дошта бошанд. 15. Дар сурати тағйирёбии ҳолати молиявии муштарӣ ва ҷой доштани маълумот оид ба хавфҳо дар фаъолияти он, ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст, ки қарзи муштариро аз сари нав тасниф намояд. Ҳолати молиявии муштарӣ дар асоси таҳлили ҳисоботи тавозун, ҳисоботи фоида ва зарар, ҳисоботи гардиши воситаҳои пулии он, бо назардошти соҳа ва бахши фаъолияти муштарӣ бо услубу нишондиҳандаҳое, ки бо ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзӣ қабул шудаанд, муайян карда мешавад. 16. Ташкилотҳои қарзӣ бояд тамоми қарзҳоро ба 5 гурӯҳ тибқи талаботҳои зерин тасниф намоянд: а) Ба гурӯҳи якум қарзҳои "қолабӣ" дохил мешаванд, агар: − ҳолати молиявии муштарӣ хуб бошад; − маблағи асосӣ ва фоизҳои қарз саривақт тибқи шартномаи қарзӣ пардохт карда шаванд ва маблағҳои пардохтии батаъхирафтода мавҷуд набошанд; − маблағҳои пардохтӣ тамдид ё таҷдид нашуда бошанд. Ҳолати молиявии муштарӣ метавонад хуб ҳисобида шавад, агар таҳлили ҳаматарафаи фаъолияти амалиётӣ, молиявӣ ва иқтисодии муштарӣ (инчунин, дигар маълумоти ба муштарӣ алоқаманд, аз ҷумла маълумот дар бораи муҳити беруна) тасдиқ намояд, ки қарзгир дорои фаъолияти устувор, нишондиҳандаи мусбати дороиҳои соф, сатҳи хуби даромаднокӣ ва қобили пардохт бошад. Муштарӣ бояд тамоюлҳои манфӣ, аз ҷумла коҳиши назарраси ҳаҷми истеҳсолот, ки бо омилҳои мавсимӣ алоқаманд нест, пастшавии даромаднокӣ, афзоиши назарраси ҳисобҳо барои гирифтан ва ё барои пардохт, инчунин дигар ҳодисаҳоро, ки эҳтимолан метавонанд ба устувории молиявии муштарӣ таъсири худро расонанд, надошта бошад. Дар ҳолатҳои махсус, аз сабаби он, ки пардохти уҳдадориҳо таҳти идораи қарзгир намебошад, ташкилоти қарзӣ метавонад таъхир ёфтани пардохти чунин қарзро ба муҳлати то 8 рӯз ба инобат гирад. Фонд барои қарзҳои қолабӣ ҳамчун фонди умумӣ аз рӯи бақияи қарз бо пули миллӣ ба андозаи на камтар аз 2% ва бо асъори хориҷӣ ба андозаи на камтар аз 3% ташкил карда мешавад. б) Ба гурӯҳи дуюм қарзҳои "зери назорат" дохил мешаванд, агар: − ҳолати молиявии муштарӣ қаноатбахш бошад; − пардохти маблағи асосӣ ва (ё) фоизҳои қарз аз 8 то 30 рӯз ба таъхир афтода бошад; − қарзҳо як бор аз рӯи тартиби муқарраршуда таҷдид карда шуда бошанд. Ҳолати молиявии муштарӣ метавонад қаноатбахш ҳисобида шавад, агар таҳлили ҳаматарафаи фаъолияти амалиётӣ, молиявӣ ва иқтисодии муштарӣ (инчунин, дигар маълумоти ба муштарӣ алоқаманд) нишон диҳад, ки ҷой доштани ягон тамоюли манфӣ дар фаъолияти қарзгир ба ҳолати молиявии он бевосита таҳдид намекунад ва дар ояндаи наздик (як сол ё аз он камтар) дар сурати наандешидани чораҳои дахлдор метавонад муштариро ба мушкилоти молиявӣ оварда расонад. Фонд барои қарзҳои зери назорат ҳамчун фонди умумӣ аз рӯи бақияи қарз бо пули миллӣ ба андозаи на камтар аз 5% ва бо асъори хориҷӣ ба андозаи на камтар аз 10% ташкил карда мешавад. Фонди умумӣ, ки барои қарзҳои қолабӣ ва зери назорат ташкил карда шудааст, то андозаи 1,25%-и дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда барои ҳисоб кардани меъёри кифоятии сармоя истифода бурда мешавад. Намуна оид ба тартиби ташкили фонди умумӣ ва ҳисоб кардани он ҳангоми ҳисобкунии меъёри кифоятии

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

сармоя дар Замимаи 1 ба Дастурамали мазкур нишон дода шудааст. в) Ба гурӯҳи сеюм қарзҳои "ғайриқолабӣ" дохил мешаванд, агар: − пардохти маблағи асосӣ ва (ё) фоизҳои қарз аз 30 то 90 рӯз ба таъхир афтода бошанд; − қарз таъхирафтода набошад ё ба муҳлати аз 30 рӯз камтар батаъхирафтода бошад, вале ҳолати молиявии қарздор шубҳанок баҳогузорӣ карда шавад. Ҳолати молиявии муштарӣ дар сурати ҷой доштани таҳдидҳои бевосита ба пардохтпазирии он шубҳанок баҳогузорӣ мешавад. Агар қарзгир ҷиҳати беҳтар намудани ҳолати молиявӣ ягон чора наандешад, фаъолияти қарзгир бо назардошти тамоюлҳои манфӣ метавонад ба мушкилоти молиявӣ гирифтор шавад. Фонд барои қарзҳои ғайриқолабӣ ҳамчун фонди махсус бо пули миллӣ ба андозаи на камтар аз 30% ва бо асъори хориҷӣ ба андозаи на камтар аз 40% барои қисми таъминбудаи қарз ва 100% барои қисми таъминнабудаи қарз мувофиқи тартиби пешбининамудаи банди 38-и Дастурамали мазкур ташкил карда мешавад. г) Ба гурӯҳи чорум қарзҳои “шубҳанок” дохил мешаванд, агар: − пардохти маблағи асосӣ ва (ё) фоизҳои қарз аз 90 то 180 рӯз ба таъхир афтода бошанд; − қарз таъхирафтода набошад ё ба муҳлати аз 90 рӯз камтар батаъхирафтода бошад, вале ҳолати молиявии муштарӣ ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ карда шавад. Ҳолати молиявии муштарӣ дар ҳолатҳои зерин ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ мешавад: − пардохтпазирии ноустувори муштарӣ; − тамоюлҳои манфии ба фаъолияти истеҳсолӣ-иқтисодии муштарӣ таҳдидкунанда (амалиётҳои зараровар, камшавии дороиҳои соф, коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолот ва афзоиши воқеии ҳисобҳо барои гирифтан ва/ё барои пардохт). − пардохти маблағи асосӣ ва (ё) фоизҳои қарз зиёда аз 180 рӯз ба таъхир афтода бошанд; − қарз таъхирафтода набошад ё ба муҳлати аз 180 рӯз камтар батаъхирафтода бошад, вале ҳолати молиявии муштарӣ носолим баҳогузорӣ карда шавад. − муштарӣ доимо дар ҳолати ногувори молиявӣ қарор дошта бошад ё тибқи қонунгузорӣ муфлис эълон шуда бошад; − таҳлили фаъолияти амалиётӣ, молиявӣ ва иқтисодии муштарӣ (инчунин, дигар маълумоти ба қарзгир алоқаманд) нишон диҳад, ки дар фаъолияти муштарӣ тамоюлҳои манфие ҷой доранд, ки Фонд барои қарзҳои шубҳанок ҳамчун фонди махсус бо пули миллӣ ба андозаи на камтар аз 75% ва бо асъори хориҷӣ ба андозаи на камтар аз 85% барои қисми таъминбудаи қарз ва 100% барои қисми таъминнабудаи қарз мувофиқи тартиби пешбининамудаи банди 38-и Дастурамали мазкур ташкил карда мешавад. ғ) Ба гурӯҳи панҷум қарзҳои “беэътимод” дохил мешаванд, агар: Ҳолати молиявии муштарӣ дар мавриди зерин носолим баҳо дода мешавад, агар: онҳо ба ҳолати ногувори доимии қарзгир ё муфлисшавӣ оварда мерасонанд. − фаъолияти зараровар; − арзиши манфӣ ё камшавии назарраси дороиҳои соф; − коҳишёбии назаррас дар истеҳсолот ва афзоиши назарраси ҳисобҳо барои гирифтан ё барои пардохт. Ба тамоюлҳои манфии ба фаъолияти муштарӣ таҳдидкунанда инҳо дохил мешаванд: Фонд барои қарзҳои беэътимод ҳамчун фонди махсус ба андозаи 100% аз рӯи бақияи қарз бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ ташкил карда мешавад. 18. Маълумоти мухтасар оид ба таснифи қарзҳо ва талабот оид ба ташкили фондҳо аз рӯи қарзҳо оварда шудааст.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

21.1. ТАСНИФИ ЯГОНА

Дар ҳолате ки қарзгир аз ташкилоти қарзӣ якчанд қарз гирад ва агар яке аз ин қарзҳо ҳамчун ғайриқолабӣ, шубҳанок ё беэътимод тасниф шавад, дар ин сурат ҳама қарзҳои ҳамин қарзгир дар гурӯҳи хавфи баландтарини қарзҳо тасниф карда мешаванд. Вобаста ба ин, маблағи Фонди аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ташкилшаванда бояд бо назардошти ҳамаи уҳдадориҳои қарзии карздор ҳисоб карда шавад.

Дар ҳолате ки ташкилоти қарзӣ ба гурӯҳи қарзгирони ба ҳам алоқаманд якчанд қарз пешниҳод намудааст ва қарзи яке аз ин қарзгирандаҳо ҳамчун ғайриқолабӣ, шубҳанок ё беэътимод тасниф шавад, он гоҳ ташкилоти қарзӣ таснифотро бо назардошти ҳолати молиявии дигар қарзгирони алоқаманд ба роҳ монда, қарз ба гурӯҳи хавфи баландтарини ҳамин қарзҳои алоқаманд гузаронида мешавад.

Дар ҳолати қарзҳои гурӯҳӣ, ки дар доираи қарзи хурд барои шахсони воқеӣ дода мешаванд, ташкилоти қарзӣ таснифоти чунин қарзҳоро дар гурӯҳ тибқи банди 20 Дастурамали мазкур ба роҳ мемонад ё метавонад ҳангоми аз 25 000 сомонӣ кам будани қарзи ҳар як аъзои гурӯҳ, онҳоро ҳамчун қарзҳои бо ҳам алоқаманд набуда тасниф намояд.

22.1. ОВЕРДРАФТ (ИЗОФАБАРДОШТ)

Дар шартномаи овердрафт бояд маблағи ниҳоии барзиёдии бақияи ҳисоби муштарӣ, меъёри фоизӣ ва муҳлати истифодаи овердрафт нишон дода шавад. Овердрафт ба гурӯҳи қарзҳо дохил шуда, мувофиқи қоида дар қисми дороиҳои тавозун инъикос карда мешавад. Ташкилоти қарзӣ метавонад шартномаеро имзо кунад, ки мувофиқи он ҳадди ниҳоии овердрафт аз рӯи гардиши бақияи қарзии миёнамоҳонаи ҳисоби муштарӣ муайян карда мешавад.

Агар маблағи овердрафт мувофиқи шартнома дар муҳлати муқарраршуда пардохт нагардад, он гоҳ ташкилоти қарзӣ баъд аз 30 рӯзи батаъхирафтӣ бояд онро ҳамчун қарзи беэътимод тасниф намуда, ба андозаи 100% барои овердрафт бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ фонди махсус ташаккул диҳад.

23.1. АЗ НАВ ТАСНИФ КАРДАНИ ҚАРЗҲО ВА ТАҶДИДИ ҚАРЗҲО

Қарзҳои ғайрифаъол танҳо баъди пурра иҷро кардани уҳдадориҳои батаъхирафтодаи муштарӣ (аз рӯи маблағи асосӣ ва фоизҳои ҳисобшуда) ва инчунин дар давоми 6 моҳи оянда бе вайронкунӣ иҷро намудани уҳдадориҳои худ аз рӯи шартнома, аз нав тасниф карда шуда, ба гурӯҳи қолабӣ гузаронида мешаванд ва Фонд мувофиқи он метавонад кам карда шавад.

Ҳангоми тағйирёбии омилҳои беруна ва бо сабабҳои берун аз назорат бо мушкилиҳои муваққатӣ/кӯтоҳмуддат дар пардохти қарзҳо рӯ ба рӯ шудани муштариён, ташкилоти қарзӣ метавонад аз нуқтаи назари иқтисодӣ муҳлати қарз ё аз нав ҳисоб намудани фоизи онро (минбаъд – таҷдиди қарз) аз нав дида барояд. Баъди гузаронидани таҳлили ҳаматарафаи омилҳое, ки ба қобилияти муштарӣ дар пардохт намудани қарзҳо, ба устувории муштарӣ ва ба гардиши пулии ояндаи муштарӣ барои таъмин намудани баргардонидани қарзҳо таъсир мерасонанд, ташкилотҳои қарзӣ метавонанд таҷдиди қарзҳоро амалӣ намоянд. Агар муштарӣ дар иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ ба мушкилиҳои молиявӣ рӯ ба рӯ шавад ва бо назардошти он, ки бе додани имтиёз муштарӣ имконияти пардохти уҳдадориҳои худро надорад, ташкилоти қарзӣ метавонад ба чунин қарзгир имтиёз пешниҳод намояд.

Ҳолатҳое, ки дар он муштариён ба мушкилоти молиявӣ рӯ ба рӯ мешаванд, инҳоро дар бар мегиранд:

а) агар онҳо дар назди ташкилоти қарзӣ аз рӯи ягон уҳдадориҳои қарзии худ пардохти муҳлатгузашта дошта бошанд;

б) агар онҳо айни замон дорои ягон қарзи муҳлатгузашта аз рӯи ягон уҳдадорӣ надошта бошанд, аммо эҳтимолияти ба таъхир афтодани қарз бе таҷдиди он дар ояндаи наздик вуҷуд дорад; в) агар дар асоси фаъолияти воқеӣ, ҳисобу пешбиниҳо дар бораи қобилияти ҷории муштарӣ ташкилоти қарзӣ пешбинӣ кунад, ки ҳамаи маблағҳои пулии ҷалбшуда/мавҷудбудаи муштариён барои хизматрасонии тамоми маблағи қарз (маблағи асосии қарз ва фоизҳо) тибқи шартҳои шартномаи амалкунанда дар ояндаи наздик кифоя намекунад.

Имтиёзҳои нисбатан маъмултаре, ки ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми таҷдиди қарз пешниҳод мекунанд, инҳо мебошанд:

а) тамдиди муҳлати пардохт ё баргардонидани қарз;

б) аз нав дида баромадани муҳлати пардохти қарзи асосӣ ё фоизҳо;

в) таъмин намудани давраи нав ё иловагӣ барои пардохт накардан (давраи имтиёз);

г) кам кардани меъёри фоиз, ки дар натиҷаи он меъёри самараноки фоизи қарз аз меъёри фоизи ҷории қарзҳои амалкунандаи ташкилоти қарзӣ дар ҳамин сана ва ё аз фоизи амалкунанда дар дигар ташкилотҳои қарзӣ, ки дар бозор амал мекунад, паст шавад;

ғ) бахшидани қарз;

д) аз нав дида баромадан ё ба таъхир андохтани муҳлати пардохти қарзи асосӣ, фоизҳо ё ҳаққи хизматрасонӣ ва ғайра.

Ҳангоми таҷдиди қарз, агар ташкилоти қарзӣ имтиёз пешниҳод намояд, дар ин ҳолат он бояд а) арзиши гардиши воситаҳои пулии ояндаро тибқи шартҳои тағйирёфта бо истифода аз меъёри фоизии аввала дисконт намояд, б)арзиши дисконтшудаи гардиши воситаҳои пулии ояндаи қарзи таҷдидшударо бо

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

арзиши тавозунии қарз муқоиса намояд ва в) фарқияти пайдошударо аз арзиши тавозунии қарз кам намояд.

Дар ҳолати пешниҳоди имтиёз, одатан арзиши дисконтшудаи гардиши воситаҳои пулии ояндаи қарзи таҳдидшуда аз арзиши тавозунии қарз камтар мебошад.

Агар қарзи қолабӣ таҳдид шавад, ташкилоти қарзӣ арзиши камшудаи қарзро (фарқияти арзиши дисконтшудаи қарзи таҳдидшуда аз арзиши тавозунии қарз) аз ҳисоб бароварда (аз тавозун хориҷ намуда), қарзи таҳдидшударо ба гурӯҳи зери назорат ё ҳангоми ҷавобгӯ будани он ба талаботи дигар гурӯҳҳои таснифот ба гурӯҳи дахлдор мегузаронад.

Агар қарзи таснифшудаи яке аз гурӯҳҳои зери назорат, ғайриқолабӣ, шубҳанок ё беэътимод бори аввал таҳдид гардад, ташкилоти қарзӣ арзиши камшудаи чунин қарзро бояд аз тавозун

– ҳангоме ки ҳамаи пардохтҳо тибқи шартҳои тағйирёфтаи шартнома дар давоми на камтар аз 12 моҳ баъди пардохти якум пардохт шуда бошанд, новобаста аз фаъол ё ғайрифаъол будани қарз;

– қарзгир мушкилоти молиявии худро бартараф намуда бошад.

хориҷ намояд ва қарзи таҳдидшударо дар ҳолати ба талаботи таснифоти гурӯҳи худ ҷавобгӯ будан дар ҳамон гурӯҳ нигоҳ дорад.

Агар қарз бори дуюм ё бештар таҳдид шуда бошад, илова бар хориҷ намудани арзиши камшудаи қарз аз тавозун, он вобаста ба ҳар як таҳдиди минбаъда, бояд ба як гурӯҳи хавфи баландтар гузаронида шавад. Намуна оид ба таҳдиди қарз дар Замимаи №3 Дастурамали мазкур дода шудааст.

Қарзи таҳдидшуда метавонад ба гурӯҳи “қолабӣ” танҳо дар ҳолате гузаронида шавад, ки агар муштарӣ пардохтҳои маблағи асосӣ ва фоизҳоро дар давоми 6 моҳ тибқи шартҳои азнавдидабаромадашуда (пардохти моҳонаи қарз ва фоизҳои он) ва дар давоми 12 моҳ тибқи шартҳои азнавдидабаромадашуда (пардохти семоҳаи қарз ва фоизҳои он) саривақт бе вайронкунӣ иҷро намудани уҳдадориҳои худ амалӣ намояд.

Қарз бо мақсади идоракунии хавфҳо ва пешниҳоди ҳисобот ба Бонки миллии Тоҷикистон, то вақти ба талаботи зерин ҷавобгӯ будан, ҳамчун қарзи таҳдидшуда ҳисобида мешавад.

24.1. ГИРИФТАНИ МОЛУ МУЛКИ ТАҲТИ ГАРАВ ҚАРОРДОШТА АЗ РӮИ ҚАРЗҲОИ БЕЭЪТИМОД ВА ТАСНИФИ ОНҲО

Ташкилоти қарзӣ дар ҳолати иҷро нагардидани уҳдадориҳои қарзии муштариён тибқи қонунгузорӣ бар ивази талаботҳои худ метавонад молу мулки таҳти гарав қарордоштаро гирад, ки он дар ҳисоби тавозунии №15935 “Гарави барои бозфурӯш гирифташуда” ба ҳисоб гирифта мешавад. Ташкилоти қарзӣ молу мулки гирифташударо аз рӯи нархи воқеии бозорӣ бо назардошти хароҷоти эҳтимолӣ ба ҳисоб мегирад. Фарқият байни арзиши тавозунии қарз ва арзиши молу мулки гирифташуда, ки аз рӯи он молу мулк дар китобҳо ба ҳисоб гирифта мешавад, бояд бо Фонди аз тарафи ташкилоти қарзӣ ташкилшаванда

тасҳеҳ гардад ва дар ҳолати кам будани Фонди мазкур, он бояд дар ҳисоботи фоида ва зарар ба ҳисоб гирифта шавад.

Ҳангоми бар ивази қарзи ғайрифаъол ба тавозун гирифтани молу мулки таҳти гарав қарордошта, он ҳамчун “ғайриқолабӣ” тасниф шуда, аз рӯи чунин молу мулки гирифташуда ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст ба андозаи 30% Фонд ташкил намояд. Агар молу мулки дар тавозун барои бозфурӯш гирифташуда дар муддати 6 моҳ фурӯхта нашавад, он гоҳ он ҳамчун “шубҳанок” тасниф шуда, аз рӯи он ба андозаи 75% Фонд ташкил карда мешавад ва агар дар давоми 12 моҳ фурӯхта нашавад, он гоҳ он ҳамчун “беэътимод” тасниф шуда, аз рӯи он ба андозаи 100% Фонд ташкил карда мешавад.

25. ҲИСОБ НАМУДАНИ ФОИЗҲО/ФОИЗҲОИ ПАРДОХТНАШУДА АЗ РӮИ ҚАРЗҲО

Ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст мувофиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, ҳисобкунии фоизҳоро аз рӯи қарзҳо бо усули ҳисоби замкунӣ анҷом диҳад.

Тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ташкилотҳои қарзӣ метавонанд баҳисобгирии фоизҳои ҳисобшуда, вале пардохтнашударо аз рӯи қарзҳои ғайрифаъол ҳамчун даромад анҷом диҳанд. Бо вуҷуди ин, тибқи талаботҳои муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур ташкилоти қарзӣ метавонад ҳисобкунии даромади фоизиро аз рӯи қарзҳои ғайрифаъол (ғайриқолабӣ, шубҳанок ва беэътимод) дар тавозун манъ намояд ва дар ин ҳолат ташкилоти қарзӣ бояд ҳатман баҳисобгирии фоизҳоро берун аз низом пеш барад.

Ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи қарзҳои қолабӣ ва зери назорат фоизҳоро ҳисоб мекунанд ва дар ҳолати ғайрифаъол шудани чунин қарзҳо ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба фоизҳои ҳисобкардашуда дар ҳисоботи “Фоида ва зарар” амалиёти ислоҳкунӣ мегузаронанд ва ё дар ҳолати нагузаронидани амалиёти ислоҳӣ барои фоизҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда ба андозаи 100% Фонд ташаккул медиҳанд.

26. ТАШКИЛИ ФОНД АЗ РӮИ ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ

Баҳодиҳии хавфи қарзӣ бояд аз ҷониби ташкилоти қарзӣ дар асоси таҳлили воқеии ҳолати молиявӣ ва фаъолияти муштарӣ (шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ) бо назардошти ҳамагуна хавфҳо ба таври доимӣ гузаронида шавад. Баҳодиҳии хавфи қарзӣ бояд ба таснифи қарзҳо дар асоси ҳолати молиявии муштарӣ, баҳисобгирии пардохти қарз ва хизматрасонии фоизҳо оварда расонад.

Фонд аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ҳангоми пастшавӣ ва талафи арзиши қарзҳо дар натиҷаи пардохт накардан, ё иҷрои номуносиби уҳдадориҳо аз ҷониби муштариён тибқи шартҳои шартнома ва ё вуҷуд доштани хавфи воқеии иҷро накардани (иҷрои номуносиби) уҳдадориҳо ташкил карда мешавад.

Ҳангоми ҳисоб кардани маблағи Фонд, ташкилоти қарзӣ риояи раванди зеринро аз рӯи ҳар як қарз ба роҳ монад:

а) арзиши таъминоти қарз ба меъёри сатҳи ҷоизи таъминнамоӣ тибқи Замимаи №4 Дастурамали мазкур зарб карда мешавад, ки натиҷаи он қисми таъминбудаи қарзро нишон медиҳад;
б) натиҷаи дар доираи иҷрои зербанди а) банди мазкур ҳосилшуда аз бақияи қарз тарҳ карда мешавад, ки (дар ҳолати мусбат будан) қисми таъминнабудаи қарзро нишон медиҳад ва барои қисми таъминнабудаи қарз ташкилоти қарзӣ бояд ба андозаи 100% Фонд ташкил намояд;
в) натиҷаи дар доираи иҷрои зербанди а) банди мазкур ҳосилшуда ё маблағи бақияи қарз, кадоме аз онҳо хурд бошад, ба меъёри Фонд вобаста аз гурӯҳи таснифот тибқи банди 16 Дастурамали мазкур, ки барои қисми таъминбудаи қарз муайян шудааст, зарб карда мешавад;
г) агар маблағи дар доираи зербанди б) ҳосилшуда мусбат бошад, маблағҳои ҳосилшуда дар доираи зербанди б) ва в) ҷамъ карда мешаванд, дар акси ҳол маблағи зербанди в) ба ҳисоб гирифта мешавад.

Бо мақсади кам намудани душвориҳои амалиётӣ, ҳангоми ҳисобкунии маблағи Фонд барои уҳдадориҳои қарзгире, ки бақияи умумии онҳо аз 25 000 сомонӣ кам мебошад, ташкилоти қарзӣ бақияи чунин қарзҳоро ба меъёри Фонд вобаста аз гурӯҳи таснифоти онҳо тибқи банди 16 Дастурамали мазкур, ки барои қарзҳои таъминбуда муайян шудааст, зарб мезанад.

Қарзҳои ғайрифаъоли ташкилоти қарзие, ки бо маблағҳои пулӣ дар суратҳисобҳои амонатӣ, пасандозӣ ва дигар суратҳисобҳои басташуда дар ҳамон ташкилоти қарзӣ ҳамчун таъминоти қарз таъмин шудаанд, ҳангоми таснифот ва ҳисобкунии Фонд ба назар гирифта шуда, ташкилотҳои қарзӣ баробар ба андозаи маблағҳои басташуда Фонд ташаккул намедиҳанд.

27. ТАШКИЛИ ФОНД АЗ РӮИ ДИГАР ДОРОИҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ

Ташкилоти қарзӣ аз рӯи дигар дороиҳои ғайрифаъол, ки дар Дастурамали мазкур пешбинӣ нашудаанд, тибқи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ва Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ фонд бояд ташкил намояд.
− Дебет 109ХХ, 111ХХ (ҳисобҳои Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир)
− Кредит 44200 “Кам кардани Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз ҳисоби баркарорсозии арзиши дороиҳо”.

28. ТАШКИЛИ ЗАХИРАИ ХАВФҲОИ ҚАРЗӢ

Ташкилоти қарзӣ бояд захира ва фондҳои аз рӯи қарзҳо тибқи Дастурамали мазкур ташкилнамударо бо фондҳои тибқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ҳисобшуда муқоиса намояд. Дар ҳолате, ки талабот оид ба ташкили захира ва фондҳо аз рӯи қарзҳо тибқи Дастурамали мазкур назар ба фондҳои тибқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ҳисобшуда зиёдтар бошад, ташкилоти қарзӣ бояд фарқиятро аз ҳисоби тавозунии 30315 “Захираи умумӣ аз фоида” ё ҳисобҳои тавозунии 30305 “Фоидаи

тақсимнашуда/зарари солҳои гузашта”, 30307 “Фоида/зарари соли гузашта” мутаносибан ба ҳисобҳои 30319 “Захираи умумӣ барои дороиҳои фаъол” ва 30321 “Захираи махсус барои дороиҳои ғайрифаъол” гузаронад.

Агар дар ҳисобҳои тавозунии 30315, 30305 ва 30307 барои ташкили фарқияти фондҳо маблағи кофӣ набошад, ташкилоти қарзӣ бояд фарқиятро бо мақсади ҳисоби меъёри кифоятии сармоя аз сармояи асосии соф тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба таритби ҳисоби ин гуна меъёрҳои мақбул тарҳ намояд.

Ташкилоти қарзӣ дар доираи талаботҳои Дастурамали мазкур аз рӯи қарзҳои фаъол (қолабӣ ва зери назорат) бояд Фонд ҳисоб намояд ва онро бо захираи алакай барои онҳо ташкилнамуда муқоиса намояд. Дар ҳолате ки агар Фонди ҳисобшуда аз захираи алакай ташкилнамуда зиёд бошад, он гоҳ фарқияти он ҳамчун Фонд ташкил карда мешавад.

29. ТАШКИЛИ ЗАХИРАИ ХАВФҲОИ ҚАРЗӢ

Ташкилоти қарзӣ бояд захира ва фондҳои аз рӯи қарзҳо тибқи Дастурамали мазкур ташкилнамударо бо фондҳои тибқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ҳисобшуда муқоиса намояд. Дар ҳолате, ки талабот оид ба ташкили захира ва фондҳо аз рӯи қарзҳо тибқи Дастурамали мазкур назар ба фондҳои тибқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ҳисобшуда зиёдтар бошад, ташкилоти қарзӣ бояд фарқиятро аз ҳисоби тавозунии 30315 “Захираи умумӣ аз фоида” ё ҳисобҳои тавозунии 30305 “Фоидаи тақсимнашуда/зарари солҳои гузашта”, 30307 “Фоида/зарари соли гузашта” мутаносибан ба ҳисобҳои 30319 “Захираи умумӣ барои дороиҳои фаъол” ва 30321 “Захираи махсус барои дороиҳои ғайрифаъол” гузаронад.

Агар дар ҳисобҳои тавозунии 30315, 30305 ва 30307 барои ташкили фарқияти фондҳо маблағи кофӣ набошад, ташкилоти қарзӣ бояд фарқиятро бо мақсади ҳисоби меъёри кифоятии сармоя аз сармояи асосии соф тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба таритби ҳисоби ин гуна меъёрҳои мақбул тарҳ намояд.

Ташкилоти қарзӣ дар доираи талаботҳои Дастурамали мазкур аз рӯи қарзҳои фаъол (қолабӣ ва зери назорат) бояд Фонд ҳисоб намояд ва онро бо захираи алакай барои онҳо ташкилнамуда муқоиса намояд. Дар ҳолате ки агар Фонди ҳисобшуда аз захираи алакай ташкилнамуда зиёд бошад, он гоҳ фарқияти он ҳамчун Фонд ташкил карда мешавад.

30. ТАРТИБИ АЗ ҲИСОБ БАРОВАРДАНИ ҚАРЗҲО АЗ ҲИСОБИ ФОНД

Қарзҳои беэътимод дар асоси хулосаи кумитаи қарзӣ, бо қарори мақоми иҷроияи ташкилоти қарзӣ дар мувофиқа бо Шӯрои нозирон метавонанд аз ҳисоби Фонд аз тавозун хориҷ карда шаванд. Ҳангоми дар давоми ду сол аз эҳтимол дур будани пардохти қарзҳои беэътимод ташкилотҳои қарзӣ бояд ин қарзҳоро аз ҳисоб бароранд. Агар шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ дар бораи зиёда аз ду сол дар тавозун нигоҳ доштани ягон қарзи беэътимод қарор қабул намояд, ташкилоти қарзӣ бояд дар як сол ду маротиба ба Бонки миллии

Тоҷикистон дар бораи ҳар як чунин қарз, сабаби нигоҳдории он ва пешравиҳои дар пардохти онҳо ноилгардида маълумоти муфассал пешниҳод намояд.

Аз тавозуни ташкилоти қарзӣ хориҷ кардани қарзҳо бинобар пардохтнопазирии муштарӣ аз эътибор соқит шудани қарздории он ба ҳисоб намеравад. Аз ин рӯ, чунин қарздории муштарӣ бояд дар ҳисоби берун аз низом инъикос ёбад ва ташкилоти қарзӣ бояд оид ба таъмини пардохти қарз чораҳо андешад.

Ташкилоти қарзӣ бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи он оид ба таснифоти қарзҳо, Фондҳо барои қарзҳои фаъол ва ғайрифаъол, захираҳо, ҳаракати қарзҳои ғайрифаъол, ҳаракати Фондҳо, ҳаракати захираҳо, қарзҳои алоҳидаи ғайрифаъол, гаравҳо ва гаравҳои гирифташуда барои бозфурӯш ҳисобот пешниҳод намояд.

Ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳар моҳ дар бораи қарзҳое, ки аз тавозун хориҷ ва берун аз низом ба ҳисоб гирифта шудаанд, инчунин ҳар шаш моҳ маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

а) дар бораи қарзҳои беэътимод, ки дар тавозуни ташкилоти қарзӣ дар давоми ду сол ё бештар қарор доштанд, инчунин сабаби нигоҳдории онҳо дар тавозун;

б) дар бораи анҷом дода шудани чораҳои дахлдор оид ба пардохти тамоми қарзҳои аз ҳисоб баровардашуда ;

в) дар бораи пардохтҳои воқеӣ дар суратҳисобҳои аз ҳисоб хориҷшуда.

16. НОМГУИ АДАБИЁТИ ЊАТМИИ ИСТИФОДАШАВАНДА САНАДЊОИ МЕЪЁРИИ ЊУЌУЌЇ:

1. Ќонуни Љумњурии Тољикистон ќонун «Дар бораи Бонки миллии Тољикистон» аз 28-уми июни соли 2011., №722.//Ахбори Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон. – с.2009, №7-8, мод. 502.
2. Ќонуни Љумњурии Тољикистон ќонун «Дар бораи фаъолияти бонкї» аз 19 – уми маи 2009 № 524 .//Ахбори Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон. – 2007, № 7, мод. 678).
3. Ќонуни Љумњурии Тољикистон ќонун «Дар бораи Љаъмиятњои сањомї» аз 5– уми марти 2007 № 237 .//Ахбори Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон. – с.2005, № 12, моддаи 643
4. Ќонуни Љумњурии Тољикистон ќонун «Дар бораи суґуртаи пасандозњои шахсони воќеї» аз 2– юми августи 2011 № 758.
5. Ќонуни Љумњурии Тољикистон ќонун «Дар бораи ташкилотњои маблаґгузории хурд» аз 16– уми апрели 2012 № 816.
6. Ќонуни Љумњурии Тољикистон ќонун «Дар бораи барњамдињии ташкилотњои ќарзї» аз 28– уми июни 2011 № 719.
7. Дастурамали № 200 “Дар бораи муайян ва санљидани шахсияти муштарї ва молик-бенефитсиар” Бо Ќарори Раёсати Бонки миллии Тољикистон аз 12-уми июни соли 2014 № 144 тасдиќ шудааст.
8. Дастурамали № 195 “Дар бораи кор бо ќарзњо дар Бонки миллии Тољикистон” Бо Ќарори Раёсати Бонки миллии Тољикистон аз 21-уми июни соли 2012 № 124 тасдиќ шудааст.
9. Дастурамали № 194 “Дар бораи захирањои њатмии ташкилотњои ќарзї аз руи пасандозњо ва уњдадорињои дигари ба онњо монанд” Бо Ќарори Раёсати Бонки миллии Тољикистон аз 25-уми апрели соли 2012 № 77 тасдиќ шудааст.
10. Дастурамали № 198 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти фондњои ќарзии хурд” Бо Ќарори Раёсати Бонки миллии Тољикистон аз 30-юми августи соли 2012 № 195 тасдиќ шудааст.
1. И. Ибронимов, А. Хонљонов, Д.Хусейнова. Амалиётњои бонкї, Душанбе, «Ирфон» 2011- 294 сањ.
2. А. Хонљонов Б. Шарипов Асосњои фаъолияти бонкї (модули таълимию методї) Душанбе «ЭР-граф» 2013- 34 сањ.
3. Шариф Рањимзода. Муомилоти пули ва ќарз. Душанбе, «Эр-граф», 2008-450 сањ
4. Ашуров Ґ., Азизмуродов Ш.,Бољисобгирии амалиёт дар бонкњои тиљорати. Душанбе: Ком. Полиграф Вазорати фарњанги ЉТ.2009-304с.
5. Ашуров Н., Хайров Ш.Ќ., Донахонов И.С., Ашуров М.Н., Мањмадкаримов Х., Пул Ќарз Бонк Душанбе – 2011. Китоби дарсї
6. Љураев Б. Фаъолияти бонкї Китоби дарсї -Душанбе 2014 с.
7. Хайров Ш.Ќ. Низоми бонкии мамлакатњои хориља. Васоити таълимї Душанбе - 2015.

8. Ашуров Н. Идора кардани хатари бонкї.// Васоити таълимї Душанбе - 2013.
9. Ашуров Н. Муомилоти пул ќарз ва бонк.// Китоби дарсї Душанбе - 2002.
10. Ашуров Н. Муомилоти пул ва ќарз. Китоби дарсї// Душанбе - 2006
11. Њонљонов А. Фаъолияти бонкї.// Китоби дарсї. Душанбе - 2010.
12. Исломов С. Таърихи афкори иќтисоди ва бонкї. Васоити таълимї. Душанбе - 2003
13. Махшулов С. Хољаев Б.Б. Муносибатњои мукотибавии байнибонкї. Душанбе - 2015.
14. Љураев Б. Пул ќарз ва бонк. Васоити таълимї Душанбе - 2006.
15. Махшулов С.Љ. Хољаев Б.Б. Фаъолияти бонкї Васоити таълимї Душанбе - 2019.
16. Шаропов Н., Буриева М., Хомидов А.У. Фаъолияти суѓурта Душанбе с 201О.
17. Ахвледиан Ю.Т. Страхование. М ЮНИТИ с. 2006
18. Ќонуни ЉТ «Дар бораи суѓурта» соли 2011.
19.Тэпман Л.Н.Учебное пособ. М. ЮНИТИ-ДАНА, 2002. С 139.
20.Акобиров Х. Фаъолияти суѓурта Душанбе 2005
21.Шихов А.К. «Суѓурта» М. с. 2001
22. Њуќуќи суѓуртаи ЉТ.
23.Басаков М.И. Суғурта. Ростов-на-Дону с 1999
24.Балабанов И.Т. Балабанов. А И. Санкт-Петербург «Суғурта» ЗАО «Петербург» с. 2001
25. Дэвид Бланд «Суѓурта» М. с 1998